Гохо мешуд, ки каси бисёре аз дӯстонаш ҷамъ мешуданд ва баъзан инҳо рӯзона тамоман дар хонаи ӯ мемонданд… Аммо соҳибхона, монанди ин ки танҳо бошад, ба кори таълиф ё китобат ва ё лавҳу ҷадвалкашии худ машғулӣ мекард.

Аҳмадмахдум ҳафтае як шаб дар хонаи худ шабнишинӣ ташкил мекард, ки иштироккунандагони ин гуна шабҳо бо даъвати махсус ҳозир мешуданд. Ин гуна шаб бештар бо базми мусиқӣ ва рақс мегузашт ва дар вақти дамгирии навозанда ва хонандагон латифагӯӣ сар мешуд. Аммо соҳибхона дар ин гуна шабҳо ҳам дар гӯшае нишаста ба кори худ машғулӣ мекард»...

«Ин одам қомати баланде дошт, баландии коматаш ба дараҷае, ки ҷомаи банораси подшоҳии дар тан доштааш баробари зонуяш буд ва ҳол он ки ин гуна ҷома дар тани одамони оддӣ ба замин мерасид. Тани ин одам ба тарзе пурра буд, ки баландии коматаш он қадар ҳис карда намешуд ва ба назар миёнақад менамуд. Гӯё дарзии табиат қаду бари ин касро ба як андозаи бисёр муносиб бурида дӯхта буд. Гардани ин кас ҳам мувофиқи қадаш дароз ва муносиби баданаш пурра буд.

Аммо сари ин одам аз одат берун калон буд. Шояд барои он каллаи калон ба он гардани дароз, бо вуҷуди пурра будани он, вазнинӣ мекарда бошад, ки дар вақти роҳ рафтан гарданаш гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба он тараф хам мехӯрд ва гӯё гардан мехост, ки дар бардоштани он сар аз бозувони соҳибаш мадад гирад.

Рӯи ин шахс сабзина ва пурра буд ва бо вуҷуди ин ки синни ин касро аз шаст боло тахмин кардан мумкин буд, ба рӯяш он қадар чинҳои ҳис кардашаванда наменамуд. Риши ӯ миёна ва кулӯта (лӯнда) буда, торҳои сафедаш аз сиёҳаш бештар менамуд.

Ин кас дар даст асои русӣ (палка) дошт. Азбаски палкаҳо қомати одамҳои оддиро ба назар гирифта сохта шудаанд, он палка дар дасти он одами қоматбаланд қадре кӯтоҳӣ мекард ва дар вақти ба он палка такя карда қадам монданаш ба тарафи палка камтар хам мехӯрд».

Ҳамин тавр он орзую умеде, ки дар бораи тағйир додани кишвар, обод намудани мулк, осуда гардидани ҳамватанон дар дил дошт ва онҳоро ба қалам овард, ҷомаи амал напӯшиданд. Баръакс ба ҷои некӣ аз амиру ҳокимони рӯзгори бемурувват бадӣ, бадхоҳӣ дид. Дониш ба амиру сохти пӯсидаи аморати ӯ лаънатҳо хонд ва боварӣ дошт, ки онҳо дер намепоянд. Аммо афсӯс, ки мутафаккири бузург рӯзи фаношавии онҳо (1920)-ро надид. 21 март рӯзи Наврӯзи соли 1897 аз дунё чашм пӯшид. Дар ин фасли зебо ҳамаи мавҷудот майли сабзидан, шукуфтан доштанд, вале боди шум бӯстони рӯзгори ӯро хазон намуд.

**Мероси илмӣ ва адабии Аҳмади Дониш**

Осори Дониш гуногунмавзӯъ ва серсоҳа аст. Зеро доираи дониши ӯ васеъ буда, энсиклопедисти замони худ ба ҳисоб мерафтааст. Махсусан, дар донистани илми нуҷум, таърих, фалсафа, иқтисодиёт дасти тавоное доштааст. Дар ин бора худи Дониш беҳтар гуфтааст:

Ҳунар кадом, ки бо ман нагашт рӯй ба рӯй,
Кадом илм, ки бо ман накард, истиқбол?

Аз Аҳмади Дониш асарҳои зер то замони мо омада расидаанд.

**«Манозирулкавокиб»** («Манзараи ситораҳо»). Асари номбурда ба илми ситорашиносӣ ё нуҷум бахшида шуда, дар бораи мавқеи ситораҳо, ба амал омадани ҳодисаҳои табиӣ ва сабабҳои онҳо баҳс мекунад. Ин асарро соли 1865 навишта ба яке аз дӯстонаш бахшидааст.

**«Рисола фӣ аъмол ил кура»** («Рисола дар бораи амалиёти кура»). Дар яке аз сафархояш ба Аҳмади Дониш донишманди рус Стремоухов ду глобус ҳадя мекунад. Дониш аз нуқтаи назари илмӣ глобусҳоро, ки яке глобуси замин ва дигаре аз осмон буд, шарҳ медиҳад. Аҳамияти илмии ин рисола дар он аст, ки Дониш мувофиқи кашфиётҳои охири илми нуҷум ва ҷуғрофияи европоӣ маълумотҳои тозаи илмӣ медиҳад. Масалан, ақидаҳои динии гузаштаро дар бораи шабу рӯз ва ба ҳамин монанд рад намуда, ҳодисаҳои табиатро мувофиқи пешниҳодоти илми нав ҳал намудааст.

**«Таодули хамсаи мутаҳайира»** («Ҳаракати панҷ ситора»). Мутафаккир дар зери ибораи хамсаи мутаҳайира панҷ ситора: Уторид, Зӯҳра, Миррих, Муштарӣ ва Зуҳалро дар назар дорад ва дар ин рисола, ки ҳамчунин ба илми нуҷум бахшида шудааст, хосияти ситораҳои номбурдаро шарҳу маънидод менамояд. Асар соли 1883 ҳангоми бадарға дар вилояти Ғузор будани Дониш иншо шудааст.

**«Меъёруттадайюн»** («Меъёри диёнат»). Дониш дар ин асар аз рӯи талаботи дину шариат ба бисёр масъалаҳои муҳими сиёсиву иҷтимоӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ тавачҷӯҳ карда, дар назди амиру ҳокимон аз нигоҳи қонунҳои ислом вазифа мегузорад. Мутафаккир талаб мекунад, ки аҳли диёнат, ки амиру ҳокимон ба он дохиланд, бояд дар корҳои давлатӣ роҳи адолату инсофро пеш гиранд. Ба бечорагон дасти ёрӣ дароз кунанд, мамлакатро обод гардонанд. Дониш ин асарро соли 1894 навишта ба анҷом мерасонад.

Аҳмади Дониш дар баробари иншои асарҳои илмӣ асарҳои адабӣ низ офаридааст. Осори бадеии Дониш ҳам бо назм ва ҳам бо наср иншо шудаанд. Назми адиб асосан дар жанрҳои хурди лирикӣ–ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа ва ғайра иншо шудаанд. Вале осори назмии Дониш ба шакли девон ҷамъ нашуда, дар ҳар баёзу тазкира оварда шудаанд. Ё ки баъд аз вафоти Дониш дӯстони адиб як қисми онҳоро аз байни мардум ҷамъ намудаанд. Дигар ин ки дар дохили асарҳои насрии адиб порчаҳои шеърӣ барои тасдиқи фикр низ оварда шудаанд.

Мавзӯъҳои ашъори адиб гуногун буда, дар онҳо масъалаҳои дӯстӣ, ситоиши фазилатҳои неки инсонӣ, тарғиби маданияти пешқадами рус, некӣ, адолатхоҳӣ ва ғайра инъикос ёфтаанд. Масалан, Дониш дар қитъаи зер таъкид менамояд, ки ба инсон аз рӯи зоҳир баҳо додан ғалат аст. Бояд шахсро босабру таҳаммул омӯхт, аз ботинаш огоҳ гашт ва пас аз ин ба хулоса омадан лозим. Агар нопоку бехирад бошад, ӯро зиндагӣ маҷрӯҳ мегардонад. Инсони поку хирадманд ба воситаи сабру таҳаммулаш аз ҳар гуна

балоҳо раҳо хоҳад ёфт:

Ба шаклу ҳайати инсон зи раҳ марав зинҳор,
Тавон ба сабру таҳаммул шинохт ҷавҳари мард.
Агар на пок бувад аз бало нахоҳад ҷаст,
В-агар дар асл бувад пок, сабр хоҳад кард.

Мавзӯи ишқу муҳаббат, зебоиҳои нотакрори баҳор дар ғазалиёти Дониш хеле самимӣ ба қалам дода шудаанд. Намунаи зер муште аз хирвор аст:

Абрӯи чун ҳилоли ту ҷонро шикор кард,
Мижгони обдори ту дил бекарор кард.
Дасти булӯрранги ту қалри гуҳар шикаст,
Лабҳои чун ақиқи ту ёқут хор кард.
Аз хоки пираҳан чу намуд он тани ҳарир,
Олам пур аз таровати бӯи баҳор кард.
Калпӯши зар, ки маст ба торак ниҳодааст,
Бо қомати чу дурру гуҳар интишор кард.
Ту осмону ман чу замин, ҷун кунам, валек
Лутфи дигар ба бӯсаам уммедвор кард.

Дар таърихи илму фарҳанг ва адабиёти мо Аҳмади Дониш бо «Наводирулвақоеъ» ва «Рисолаи таърихӣ» мақоми баланд дорад, ки онҳоро дар алоҳидагӣ ба тариқи муфассал таҳлил хоҳем кард.

«Наводирулвақоеъ». Шарҳе аз сохтори асар

«Наводирулвақоеъ» асари қалонтарини Аҳмади Дониш буда, меҳнати 10-солаи адибро дар бар мегирад. Дониш ба навиштани асар соли 1874 шӯруъ намуда, онро соли 1883 ба анҷом расонд. Вале баъзе қисматҳои ин асарро барвақттар иншо карда буд, онҳо дар ҳар ҷо пароканда буданд. Аз ин рӯ, дӯстонаш аз Дониш хоҳиш карданд, ки китобро нависад ва пораҳои парокандаро ҳамроҳ намояд. Дониш дар дебочаи асараш ба ин масъала ишорат намуда, чунин мегӯяд: «Ҳайф бошад, ки он чӣ навиштаӣ (дӯстонаш мегӯянд) ба бод равад ва дар об афтад ва хок шавад ё сӯзад, онро аз суханони дигар ҷудо кун ва ба як ҷо ҷамъ овар, ки аз ту ҳамин боқӣ монад ва мӯҷиби ёдоварии аҳбоб шавад, то набошию бошӣ ва мирию намирӣ. Фалоҷарам он чӣ дар хотир ҳозир дидам, дар ин авроқ кашидам хотири аҳбобро».

«Наводирулвақоеъ» маънои ҳодисаю воқеаҳои нодиру камёфтро дорад. Бобҳои асар мустақил буда, мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегиранд. Вале баъзе бобҳо бо ҳам алоқамананданд. Масалан, се сафаре, ки Дониш ба Россия намудааст, аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа ба ҳам вобастагӣ доранд. Боби VII ва VIII бо номҳои «Дар ҳикояти Абулқосимбӣ ва сафари Русия», «Дар сафорати Абулқодир ва баёни аҷиботи базм ва ҷашни Русия» пайи ҳам омадаанд ва якдигарро пурра кардаанд.

Боби IV, ки бо номи «Дар иллати нақбати уқало ва сабаби давлати суфаҳо» омадааст, дар бораи мақому мартабаи илму фарҳанг дар ҷомеа, ҳолати он дар Бухорои онрӯза, сабабҳои қашшоқу муфлис шудани аҳли илму дониш маълумот медиҳад. Дониш ба воситаи мисолҳои равшан амо-

рати Бухоро ва бевосита амирро дар ин кор гунаҳгор ҳисоб мекунад.

Нависанда «Дар ҳикояти фаромӯшхона», ки боби V асарро ташкил додааст, дар бораи инкишофу тараққии ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ мамлакатҳои тараққикардаи Европа ва муқоисаи онҳо бо аморати Бухоро нақл менамояд ва аз номи қаҳрамони қисса (образи Аҳмади Дониш аст) разолату қабоҳат, тартиботи фарсудаи Бухороро сахт мазаммат кардааст:

Масъалаи адолатхоҳӣ, халқпарварӣ, ахлоқ дар «Наводирулвақоеъ» низ мавқеи калон дорад. Боби «Дар наводир, ҳолати касоне, ки аз ҷанги сибоъ раҳоӣ ёфтанд» ба корнамоӣ, далерию ҷасурӣ ва адолатхоҳии мардумони табақаи поён бахшида шудааст. Махсусан қиссаи Шукурбек, ки аҳли ҷоҳу мансабро ба танг оварда, ба мардумони оддӣ дасти ёрӣ дароз мекард, ибратбахш аст. Аҳмади Дониш ба масъалаи оилавӣ ва ахлоқи фосиди табақаи боло аҳамияти калон дода, таъкид менамояд, ки дар ҷамъияти онрӯза яке аз иллатҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ барои ҳаллу барҳам додани ин нуқсон аз ҳаёти одамон панду андарз, ҳикояту ривояти ибратомӯз меорад.

Дигар, «Наводирулвақоеъ» аз рӯи мазмуну мундариҷаи идеявӣ ба асарҳои ёддоштӣ, махсусан «Бадоеулвақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамоҳангӣ дорад. Сафарҳои ба Россия кардааш, сӯҳбату вохӯриҳо бо дӯстон, ҳамкасбон, баёни ходисаю воқеаҳои асрҳои пешин ва замони худ асарро зинат дода, хонданӣ кардаанд.

Дар «Наводирулвақоеъ» қиссаҳои гуногунмавзӯъ (онҳоро повест ҳам гуфтан равост), ҳикоя, ривоят оварда шудаанд, ки ба мавзӯъҳои асосии бобҳо алоқаманданд. Масалан, «Дар ҳикояти Ҳоҷӣ ва манофеи сафар», «Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғинои марди аҷамӣ» ва амсоли ин аз ҷиҳати ҳаҷм бузург буда, аз тасвирҳои романтикӣ ва реалистӣ саршоранд.

Аҳмади Дониш ҳангоми тасвири ҳодисаю воқеаҳо ва барҷаста баромадани афкори иҷтимоӣ ва ахлоқии худ аз панду андарзҳои адибони бузурги гузашта, нақлу ривоят, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ бамаврид истифода бурдааст.

## ТАРҒИБИ МАДАНИЯТИ ЕВРОПА ДАР АСАР

Аҳмади Дониш дар «Наводирулвақоеъ» зимни образҳои мухталиф ва ҳикоёти саргузаштӣ дар бораи маданияти пешқадами халқҳои Европа батафсил маълумот медиҳад. Проблемаи муҳиме, ки мутафаккир дар назди ҳамватанони худ гузоштааст, ҳурмату эҳтироми ҳар як миллат ва забони онҳост. Дониш забондонӣ ва забономӯзиро шарти аввалини ҳар як марди фозилу бомаданият ҳисоб мекунад. Адиб мақсадашро дар ҳикояти «Ҳоҷӣ ва манофеи сафар» зимни ҳодисаҳои реалӣ ба қалам додааст. Ҳоҷӣ, ки сафари дуру дароз карда, бо қавму миллатҳои зиёд вохӯрда, бисёр азобу ма-

шаққат кашидааст, сабаби ҳамаи инро дар надонистани забони онҳо мебинад. Пас аз ин Ҳоҷӣ ба чунин хулоса меояд: «Оре, сахт ҳолатест, ки касе миёни ҷамъе афтад, ки ба забони онҳо воқиф набувад, бисёр дар тааб[1] ва таҳлука афтад. Аз ин ҷиҳат дар дабиристони низомия[2] аз ҳамаи забонҳо таламӯз[3] мекунанд ва вуқуф бар истилоҳи ҳар тоифаро аз мавоҷиб медонанд»[4].

Дониш барои қувват додани ғояи ҳикояти боло боз ҳикояти реалии «Агун придуш»[5]- ро меорад, ки қаҳрамони асосӣ худи ӯст. Дониш дар яке аз сафарҳояш ба Петербург ба сабаби надонистани забонӣ русӣ мисли Ҳоҷӣ азоби зиёд мекашад. Муроди нависанда аз овардани ҳикоятҳои боло танҳо як чиз аст. Ин ҳам бошад, бояд дар мадрасаҳои Бухоро ва дигар шаҳрҳо забонҳои гуногун бо толибилмон омӯзонда шаванд. Зеро мамолики дигар дар донишкадаҳою мактабҳо омӯзиши забонҳоро кайҳо ба роҳ мондаанд.

Аҳмади Дониш бо муҳаббату ҳусни таваҷҷӯҳи беандоза дар бораи олимон, адибон ва санъатварони кишварҳои мутараққии Европа сухан мегӯяд. Ӯ ба санъати баланди касбии онҳо баҳои арзанда медиҳад. Бешубҳа, Дониш аввалин нависандаи тоҷик аст, ки мардуми моро бо санъати театрӣ, консерти симфонӣ, балет, фоҷиа ва мазҳака барин намудҳои драматургия шинос намудааст. Дониш таассуроти аввалини худро аз театр ба тарзи зайл ба қалам додааст:

«Дар иморате... даромадем мабнӣ бар[6] хонаҳо ва ҳуҷароти[7] бисёр ва дарҳои оина ва аз ҳама дарҳо пардаҳои ҳарир[8] фурӯҳишта[9] ва зуруф ва авонии[10] тилло ва нуқра ва булӯрӣ овехта. Ва ба ҳар деворе аз муқобил ва паҳлу шамъдонҳое чандсара ва оинаҳои ситабри[11] бузург баробари қади одамӣ ниҳода. Ҳама деворҳо ва сақф ва фарш мусаввар ва музайян[12] ба нақшҳои аҷибия ва суратҳои ғариба... Мо ҷамъе даҳон кушодаву чашмҳо боз монда, мутаҳайир[13], ки «Ин чӣ ҷосту куҷост?».. Ва гоҳо ангушт ба дида мемолидем, ки оё ин машғала[14] дар олами рӯъё[15] мумассал гашта...[16] ва ин

---

[1] *Тааб* – таачҷуб, ҳайронӣ.
[2] *Дабиристони низомия* – мактабҳои омӯзишгоҳи ҳарбии европоӣ.
[3] *Таламуз* – омӯзиш, таълим.
[4] *Мавоҷиб* – зарурот, лозимот.
[5] *Агун придуш* – ба оташ меравам.
[6] *Мабнӣ бар* – ба маънои иборат аз.
[7] *Ҳуҷарот* – ҳуҷраҳо.
[8] *Ҳарир* – абрешим.
[9] *Фурӯҳиштан* – овехташуда.
[10] *Зуруф ва авонӣ* – зарфҳо ва онияҳо (гулдонҳо).
[11] *Ситабр* – калон.
[12] *Мусаввар ва музайян* – суратнок ва зинатдода.
[13] *Мутаҳайир* – ҳайрон.
[14] *Машғала* – кор.
[15] *Рӯъё* – хоб, хаёл.
[16] *Мумассал гаштан* – ба хаёл гузаштан.

аъчубаҳо...[1] дар ҳизонаи хаёл мусаввар шуда...[2] Ва дар пешгоҳи ин хона шаҳнишине буд муртафеъ[3] ва аз он пардаи ҳарири мусаввар андохта... Ва... ҳар қадом аз моҳрӯён бармеомаданд ва ба сӯи аҳли маҷлис таъзиму тавозӯе[4] латиф ба ҷо оварда ғазале мехонданд, ё он ки агар ҳикояте мекарданд, рост истода ба овои дилфиреб ба забони худ ба назм ё наср адо менамуданд. Агар нағмаи аҷиб ва ё ҳикояте ғариб ба самъи мустамеон[5] расонанд, ғояти таааҷҷуб ва нишоти[6] аҳли маҷлис он аст, ки каф бар каф мезананд, мукаррар то се бор, яъне: «ин нағма ва ҳикояти ту писанди мо афтод, боз аз сар гир ё сози дигар бинавоз»...

Он гоҳ занг аз ақиби парда овоз медиҳад, ки: «Ғоибон ҳозир шавед ва мутафарриқон[7] ҷамъ гардед... ки мо лӯъбат[8] ва санъат менамоем! Пас, парда бардошта шавад ва баръало дида мешавад: осмоне васеъ ва моҳи равшан... ва ситорагон ва соҳате фароҳи[9] сабзу хуррам ва дарахтони бузургу кӯҳсор ва иморати олия... Духтарони моҳрӯй худро ба сурати фаришта тартиб дода».

Дониш боз ба истеъдоди аҳли ҳунар, санъатварони мумтози халқӣ мафтун гашта, онҳоро ситоиш намудааст. Махсусан ба адиб рақси балети духтарон ва сурудхонии мутриби хушхони парижӣ Аделина Паттӣ бисёр писанд афтода буд. Аз ин ҷост, ки дар ситоиши ин санъатвари номӣ гуфтааст:

Потии париҷӣ[10] он сарвақади зӯҳрачабин,
Дар табассум сӯи доман зи даҳон гул мерехт.
Зулфи пурчини хам андар хами ӯ дар буни гӯш,
Обрӯи тарӣ аз чабҳан[11] сунбул мерехт.
Лахну[12] овози вай он сон, ки ба гӯши ушшоқ[13]
Гаҳ хуши саъваву гаҳ чаҳчаҳи булбул мерехт.

Дониш дар ин се сафар бо аҳли илму фарҳанг бисёр нишаста, сӯҳбатҳо оростааст. Донишмандони он кишвар аз маърифату фаросати Аҳмади Дониш бархурдор шуда, ӯро ҳурмату эҳтиром мекардаанд. Яке аз уламои рус Стремоухов барои ёдгорӣ ду глобус – глобуси замин ва осмонро медиҳад, ки Дониш барои худ ва халқи худ онҳоро тӯҳфаи беҳтарин ҳисоб мекунад. Дониш таъкид менамояд, ки агар аҳли карам ба ҳунармандон симу зар диҳанд, ӯ ба ман замину осмонро бахшид:

---

[1] *Аъҷубаҳо* – аҷоибот.
[2] *Мусаввар* – тасвирдор.
[3] *Шаҳнишини муртафеъ* – шаҳнишини баланд; мақсад-саҳна.
[4] *Тавозӯъ* – изҳори хоксорӣ.
[5] *Самъи мустамеон* – гӯши шунавандагон.
[6] *Нишот* – хурсандӣ.
[7] *Мутафарриқон* – парокандашудагон.
[8] *Лӯъбат* – бозӣ.
[9] *Фарох* – васеъ.
[10] *Потии париҷӣ* – Паттии парижӣ.
[11] *Чабҳа* – пешонӣ, рӯй.
[12] *Лаҳн* – забон.
[13] *Ушшоқ* – ҷамъи ошиқон.

Аҳли карам ба аҳли ҳунар симу зар диҳанд,
Ӯ гирд карду дод ба ман илми кунфакон[1].
Яъне на дархури ту[2] бувад нақди мулку мол,
Гӯи замин ба дасти ту бодову осмон.

Мутафаккир ҳангоми сафарҳояш дар Петербург аз тарзи кори олимони рус сухан ронда, аз кашфиётҳои илмии донишмандони рус ва Европа мисолҳо меорад. Дар ин бора ҳикоятҳои хонданӣ, ки дар боби панҷум бо номи «Дар ҳикояти фаромӯшхона» омадааст, мисоли равшан шуда метавонад. Қаҳрамони асосӣ соҳибхона, яъне худи муаллиф аст. Ӯ дар бораи пешрафти ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, илмию маданини мамлакатҳои Европа ҳикоятҳои рангин нақл мекунад. Тавсиф менамояд, ки бояд дар мактабҳою мадрасаҳо танҳо илмҳои дақиқ таълим дода шаванд, ки дар кишварҳои мутараққии дунё кашфиётҳои бузург дар бораи табиат ва коинот карда шудаанд. Вазъи ҷирмҳои осмониро ҳамоно дар расадхонаҳо меомӯзанд. Чунончи дар бораи кори илмии олимони рус чунин мегӯяд: «Ва дар тарафи ғарбии арк кӯчаи бузург аст, ки он тарафаш муҳандисхона[3] аст ва дар он ҳар хел мардони донишвар барои илм доим ҷамъ мешаванд ва дар хусуси салоҳияти мамлакату давлат ба ҳам маслиҳат мекунанд ва баъд аз имтиҳону таҷриба илмҳои худро ба амал ҷорӣ мекунанд».

Мақсади Дониш аз тавсифи расадхонаю таълимгоҳҳо тарзи таълими кишварҳои Европа ва Россия ва дар муқоиса нишон додани усули таълими аморати Бухоро он аст, ки дар аморати Бухоро низ ҳамин зайл олимону муҳандисони соҳибистеъдод ба фарзандони халқ фанҳоеро таълим диҳанд, ки ба ҷомеа зарур ва фоидабахш бошанд, зиндагии инсонро беҳтар, мамлакатро ободтар гардонанд.

**Фикрҳои иҷтимоиву сиёсии Дониш дар асар**

Аҳмади Дониш пас аз он ки ба илму фарҳанг ва ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии Россия ба хубӣ шинос гардид, ҷаҳонбинӣ, доираи фикраш ба куллӣ тағйир ёфт. Ӯ ба аморати Бухоро, ба зисту зиндагии ҳамватанонаш аз нуқтаи назари дигар нигоҳ кард. Дуруст аст, ки дар Россия норизогии омма нисбат ба сохти пӯсидаи мутлақияти подшоҳӣ низ зиёд буд. Дар он ҷо ҳам помещикон ва деҳқонон ва капиталистон ба коргарон зулм мекарданд. Барои худ бойгарию сарват ҷамъ менамуданд. Яъне синфи ҳукмрони Россияи подшоҳӣ барои дар итоати худ нигоҳ доштани на танҳо коргару деҳқонони кишвари худ, балки халқҳои Осиёи Миёна низ кӯшишҳои фаровоне мекарданд. Аммо, мутаассифона, Дониш ҳамаи ин нозукиҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Россияро фаҳмида натавонист. Он чизе, ки дид ва мушоҳида намуд, барои мутафаккир дунёи дигар буд ва ин дунёро бо аморати Бухоро муқои-

---

[1] *Кунфакон* – коинот, тамоми дунё.

[2] *Дархури ту* – лоиқи ту.

[3] *Муҳандисхона* – муассисаи илмӣ ё шуъбаи ихтирокорон, бюрои конструктории инженерон.

ва намуд, кафомонии асримиёнагии кишвари худро ба таври аъло фаҳмид. Аз ин ҷост, ки барои кишвари худро аз ин кафомонӣ баровардан таклифу пешниҳодоти зиёд кард. Охир хоҳиши аввалини амир Насрулло дар сафари нахустини Дониш ҳам ҳамин буд: «Бин, омӯз, ба мо арз кун», – гуфта буд.

Пешниҳоду шартҳои Аҳмади Дониш дар «Наводирулвақоеъ» ва рисолаи сиёсӣ (бо номи «Дар тамаддун ва таовун»)–дар сиёсати давлатдорӣ ва муносибати байни одамон» омадаанд ва ин асар ҳам дар дохили «Наводирулвақоеъ» аст.

Дониш пас аз омӯзишу мулоҳизаи зиёд ба хулоса меояд, ки камбудиҳо, нуқсонҳо хеле зиёданд. Онҳоро ба осонӣ бартараф кардан муҳол аст. Барои ин тарзи давлатдориро тағйир додан лозим аст. Сохти мавҷудаи аморати Бухоро ниҳоят кафомонда ва ваҳшиёна буда, аз Чингиз мерос мондааст: «Услубе, ки салотини диёри Туркистон ва Мовароуннаҳр бар он меравад, аз назму насақи Чингиз аст».

Дониш дар аввал тарафдори подшоҳи одил, раиятпарвар, хирадманд, маърифатпарвар аст. Ин ақидаи адиб нав нест. Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигар классикон ин масъаларо дар асарҳояшон нишон дода буданд. Дониш дар ҷои дигари асараш боз ба сари ҳамин масъала баргашта, ақидаашро дар бораи тарзи давлатдорӣ такмил медиҳад. Яъне ӯ ташкил намудани вазоратҳои гуногунро тавсия медиҳад, ки ин вазоратҳоро бояд шахсони оқил ва одил идора кунанд, аз ҳисоби давлат барои онҳо маош муқаррар карда шавад. Ба ҳамин тариқ, Дониш мегӯяд, ки аз рӯи хирад нест, ки идора намудани як давлати бузург ба ихтиёри як фард вогузор шавад. Аз ин рӯ, ташкили органҳои машваратиро, ки дар мамлакатҳои Европа парламент мегуфтанд, пешниҳод мекунад: «Султон, – мегӯяд Аҳмади Дониш, – бояд, албатта, аз ҳар табақа намояндае дошта бошад, то ки дар корҳои муҳиму бузург бо ҳар қавм машварат кунад. Балки дорулмашварат (парламент ё хонаи машварат) таъин кунад ва бар он раисе мансуб гардонанд ва бар он раис моҳона муқаррар намояд, то ҳар рӯз дар он ҷо намояндаҳои табақаҳои мардум ҷамъ оянд, дар бораи корҳои мамлакат ва иқтисодии он ва ободии вилоят мушоварат кунанд, манфиату зарари ҳар маслиҳатро шуморанд, то ки ба як фикр иттифоқ кунанд».

Бешубҳа, ин фикри Дониш дар ҳамон замону шароит пешқадам ва прогрессивӣ буд. Мутафаккир ба ин восита тарзи демократикунонии давлатдориро пешниҳод кард ва аз тарифи дигар, бо ин роҳ маҳдуд намудани ҳукмронии подшоҳро ба миён гузошт, ки амир ба чунин тағйирот ҳаргиз розӣ шуда натавонист.

Ғайр аз ин, Аҳмади Дониш барои ободии кишвар ва осудагии мардуми он боз чанд пешниҳоде кардааст:

1. Бояд амир ва дигар вазирону ҳокимон саъю кӯшиш намоянд, ки дар байнашон ҳамфикрӣ, дӯстию рафоқат қавӣ бошад. Онҳо дар натиҷаи маслиҳату машварат корҳои давлатиро ҳал намоянд. Ба ҷангу хунрезии до-

хилй, ки дар байни хонигариҳои Осиёи Миёна бисёр ба амал меомад, хотима гузошта шавад. Инчунин масъалаҳои бахсталаби байнидавлатиро низ бо маслиҳату хушӣ ҳал кардан лозим. Зеро ҷанг бадбахтӣ меорад, мамлакатро вайрону халқро ноосуда мегардонад.

2. Подшоҳи оқилу одил ба мансабҳои давлатӣ одамони софдил, покви ҷдон, кордон ва соҳибэҳтиромро вогузор намояд, то ки онҳо низоми давлатро нигоҳдорӣ намоянд, ба раият пушту паноҳ бошанд. Масъалаҳоро аз рӯи ҳақиқат, адолат ҳал намоянд. Кори онҳоро сари чанд вақт амир бояд тафтиш кунад, то ки онҳо аз худ нараванд. Зеро, чунон ки Аҳамади Дониш мегӯяд: «Зулми уммол[1] дар ҳақиқат зулми султон аст ва худи ӯ ба ин ризо дода».

3. Аз мутолиаи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ равшан мегардад, ки ҳолати беҳдошти шаҳру деҳоти аморати Бухоро, умуман Осиёи Миёна дар ниҳояти ифлосӣ буд. Ин вазъият сабаби пайдо шудани касалиҳои гуногуни сироятkунанда гардид. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш ҳамчун як шахси инсондӯст барои беҳтар гардидани ҳолати беҳдоштӣ аз амир талаб мекунад, ки барои осудагӣ ва инкишофу тараққии соҳаҳои гуногун, пеш аз ҳама, саломатии раият лозим аст. Нигоҳдори саломатӣ табибони ҳозиқ бояд бошанд: «Агар – менависад Дониш, – табиб донишманд набувад, мардуми бисёр ба авориз[3] дохилӣ ва хориҷӣ мариз шаванд ва ба ҳалокат расанд».

4. Дониш саховат ва олиҳимматии аркони давалат ва раиятро яке аз воситаҳои муҳими давлатдорӣ ҳисоб мекунад. Дар ин ҷо мақсади муаллиф дигар аст. Додугирифт, рафтуомади байни давалтҳоро адиб дар назар дорад. Муаллиф таъкид менамояд, ки алоқаҳои дӯстиро бо Россия ва дигар мамлакатҳо мустаҳкам кардан лозим. Ҳамаи ин дар натиҷаи олиҳимматию саховатмандӣ ба вуқӯъ меояд. Дар он замон Дониш дар натиҷаи мушоҳидаҳои шахсӣ ва сафарҳояш ҳис намуда буд, ки алоқаҳои тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва адабӣ дар байни аморати Бухоро бо дигар давлатҳо қариб дида намешуданд. Аз ин рӯ, мутафаккир ба мақсади муайян ин масъаларо ба миён гузоштааст. Аз тарафи дигар, саховату олиҳимматии амиру ҳоким халқу мамлакатро дар миқёси байналхалқӣ овозадор мекунад.

5. Барои ободии мамлакат ва саодати мардум сохтани каналҳо, ташкил намудани обанборҳоро Дониш зарур ҳисоб мекунад. Зеро дар шароити онвақта обёрӣ намудани даштҳои ташналаб кори бисёр мушкил буд, деҳқонон азоб мекашиданд ва ҳар сол аз беобӣ киштзорҳои ғалладона, боғу бӯстонҳо ҳам зарари зиёд медиданд. Дониш, ки худ муҳандис (инженер) буд, ин камбудиро амиқтар дарк намуд. Барои ҳамин ӯ лоиҳаи аз дарёи Ому баровардани каналро пешниҳод мекунад. Дар натиҷаи таъсири Дониш минбаъд маорифпарварон Мирзо Сироҷ ва Асирӣ дар асарҳояшон, ин масъаларо боз ёдрас намудаанд.

---

[1] *Уммол* – амалдорон.

[2] *Мазмунан* – худи амир ӯро соҳибмансаб гардонида буд.

[3] *Авориз* – ҷамъи касалиҳо.

Аҳмади Дониш аз ҳамаи ин пешниходу таклиф ва шартҳои гузоштааш танҳо як мақсад дошт: ин ҳам бошад, ободии мамлакат ва осудагии халқи меҳнаткаш буд. Ӯ мехост, ки аморати Бухоро мисли мамлакатҳои пешқадами Европа гардад. Аз ҳама муҳимаш дар мамлакат серию пурӣ бошад ва раият осудаҳолона зиндагӣ кунад.

**Гуманизми Аҳмади Дониш**

Дар эҷодиёти Аҳмади Дониш ва махсусан дар «Наводирулвақоеъ» образи халқи меҳнаткаш, одамони оддии ҷамъият, ки офарандагони неъматҳои моддӣ хастанд, мавкеъи муҳим дорад. Дониш ба воситаи образҳои бадеӣ ва ифшои баъзе масъалаҳои сиёсӣ, илмию фарҳангӣ муносибати худро ба ин гурӯҳҳои табақаи ҷамъиятӣ нишон додааст: «Инҳо ҷамоате бошанд, ки кас онҳоро ба ҳеҷ поя насанҷад, дар зоҳир сурати муздуру мардикор доранд ва ба либоси факр[1] баромада бошанд ва ба кафофи явмия[2] каноат доранд ва ба кунҷи сабру сукун истиқомат. Ва фарзанде, ки аз эшон ояд ва зояд, ҳама абдол ва автод[3] бошад».

Аммо, мутаассифона, онҳо бо хорию зорӣ, бо муфлисию тангдастӣ ҳаёт ба сар мебаранд. Албатта, ин кори ноодилона аст, – мегӯяд Аҳмади Дониш. Ӯ барои исботи фикр ривояти Одаму Ҳавворо оварда, пас чунин мегӯяд: «Шарти низом ва муктазои адл аст, ки ҳар касе ба замини худ каноат кунад ва шурзур замини камзӯрро рад кунад... Зеро ки ҳама дар мероси падар баробаранд». Умуман Дониш фикрашро давом дода таъкид менамояд, ки одамони ҷамъият на танҳо дар мероси падар, балки дар корҳои давлатӣ низ бояд баробар бошанд. Гурӯҳи одамоне, ки амирро сояи худо дар замин мегӯянд, ғалат мекунанд. Зеро султон ҳам «бандаи оҷиз аст» ва ҳатто бисёр касон ҳастанд, ки дар кори мамлакат аз подшоҳ зиёда бошанд».

Дониш талаб менамояд, ки мардумро бо кор бояд таъмин кард, то ки онҳо чархи зиндагиашонро пеш баранд. Илова бар ин, шарт мегузорад, ки дар пиронсолагӣ ба онҳо бояд аз ҳисоби давлат нафақа таъин карда шавад.

Боз Аҳмади Дониш ба амир гӯшзад менамояд, ки «Подшоҳ чун раиятро биҳоҳад ва нохуш дорад ва биёзорад, душмани мулку давлати хеш бошад».

Симои ҳақиқии одамони меҳнаткашро Дониш дар зимни ҳикояҳои реалистӣ, ки «Наводирулвақоеъ» аз онҳо сероб аст, додааст. Мулло Хол ва Шукурбек аз байни одамони оддӣ баромадаанд. Онҳо дар далерию ҷасурӣ ҳамто надоранд. Шукурбек шабҳо пайдо шуда сарвату моли одамони доро, соҳибмансабонро зӯран мегирад ва бештари ин сарватро ба бечорагон тақсим карда медиҳад. Яъне кувваю нерӯи худро ба манфиати мардуми нодору муфлис сарф менамояд.

Мири шаб эълон мекунад, ки ҳар кас Шукурбекро баста биёрад, сад танга инъом мегирад. Ҷавони паҳлавон ва нерӯманд Мулло Хол бо хирсу шер мубориза бурда дастболо шудааст. Ҳатто аспи қавиро ба болои дарахт

---

[1] *Либоси фақр* – ба маънои нотавон, камбағал, нодор.
[2] *Кафофи явмия* – хӯроки якрӯза.
[3] *Абдол ва автод* – наздикони Худо, хосони Худо, ба маънои поку нексиришт.

баровардa метавонистааст. Вале бисёр камбағал будааст. Ӯ ба нияти таҳсил кардан ба Бухоро меояд. Мулло Хол чунин мегӯяд: «Ман барои таҳсили илми кол дар Бухоро рафта дар мадрасае даромадам. Ва басе кашшок… будам, ки рӯзҳо ва шабҳоро гурусна мегузаронидам». Пахлу бар бӯрё ва сар бар санг ниҳода дарс мехондам».

Ман аз кашшокӣ ва гуруснагӣ ба ҷон омадаам ва аз ин зиндагӣ, ки мамрост, ҳазор бор марг беҳтар аст. Агар иҷозати шумо шавад (ба миршаб мегӯяд), биравам ва хасми ӯро ба ӯ расонам ва аз ифлосӣ бираҳам».

Мулло Хол бо ҳамазӯрию тавонояш дар назди Шукурбек нотавону оҷиз монд ва ба ӯ сабаби омаданашро ошкоро мегӯяд. Шукурбек ӯро сиёсату сарзаниш намекунад, дарк менамояд, ки зиндагӣ ӯро маҷбур кардааст. Барои ҳамин боз бори дигар олиҳиматӣ карда, ба Мулло Хол 500 дирам медиҳад ва мегӯяд, ки «ин пул кирояи туст ва инро бардор ва дигар дар ин шаҳр маист, мабод, ки дигарбора туро бифребанд ва ба муқобили ман барангезонанд, он гоҳ амон наёбӣ».

Дар ин ҳикоят адиб ду ҷавонро нишон додааст, ки ҳар ду ҷисман боқувватанд, вале фалак бар муроди онҳо нест, кашшоку муфлисанд. Шукурбек аз беадолатию золимии амиру ҳокимон ба дод омада, аз онҳо қассос гирифтан мехоҳад. Ӯ молу сарвати онҳоро гирифта, ба бечорагону дармондагон тақсим карда медиҳад. Бо ин роҳ ӯ адлу адолат ва ҳақиқатро гӯё ҷорӣ карданӣ мешавад. Бо вуҷуди он ки Мулло Хол барои дастгир кардани ӯ омада буд, вайро ҷазо намедиҳад. Зеро муфлисӣ Мулло Холро маҷбур кард, ки ба ин роҳ равад. Ин нозукиро Шукурбек нағз фаҳмид. Илова бар ин, боз ҷавонмардӣ карда ба Мулло Хол барои аз муфлисӣ наҷот ёфтан 500 дирам медиҳад. Аҳмади Дониш ба ин восита дар симои ин ду образ шуҷоату далерӣ, адолатхоҳӣ, некандешӣ ва ҷавонмардии одамони гурӯҳи табақаи поёни ҷамъиятро ҷамъбаст намудааст. Муносибати Аҳмади Дониш нисбат ба ин қаҳрамонҳо мусбат аст, бо назари нек менигарад. Ӯ низ мисли хонандаи оддӣ ба онҳо ихлос дорад. Ӯ аз он хурсанд аст, ки аз қуввaю нерӯи халқи ба шӯромада, яъне Шукурбек аҳли доро, амиру миршаб тарсу ҳарос доранд. Ҳатто бо лашкари худ ба муқобили Шукурбек ошкоро баромад карда наметавонанд. Аз рӯи тасвири Аҳмади Дониш дар қалби хонанда чи дар гузашта ва чи дар рӯзгори мо нисбат ба чунин қаҳрамонҳо, одамони дилсофу поки ҷамъият эҳтироми бузург, ҳусни таваҷҷӯҳи беандоза пайдо мешавад.

**«Рисолаи таърихӣ». Мазмун ва сохти рисола**

Ҳамон тавре ки дар боло дидем, Аҳмади Дониш бештари афкори маорифпарваронашро дар «Наводирулвақоеъ» ба қалам додааст. Илова бар ин, барои тағйир додани сохти давлат ба амир лоиҳаи худро пешниҳод менамояд. Аммо амир Донишро «кӯрнамак» гуфта, ягон пешниҳоди ӯро қабул намекунад. Дониш ноумед мегардад. Ва мебинад, ки солҳо сипарӣ шудаанд. 10 соли дигар сабр кард, ҳаёти сиёсиву иҷтимоии аморати Бухороро амиқтар омӯхт. Умеду орзуе, ки адиб дар дил дошт, ҷомаи амал напӯшид. Баръакс ҳаёти мардум боз ҳам вазнин ва мамлакат хароботар гардид, зулму истисмори омма бештар шуд. Бинуни ин ба шахсияти адиб амиру вазир ва аҳли уламои

шариат сахт расида, Донишро озор доданд. Ана ҳамин ҳаёти номусоид хеле барвақт адиби бузургро ранҷур гардонд. Акнун Дониш дар бистар китоби охирини худ «Рисолаи таърихӣ»-ашро иншо мекунад. Найқалам дар дастони устод меларзад. Дониш дигар мадори доштани онро надорад, вале навиштан мехоҳад. Ҳамин тавр ин асари бузург нотамом мемонад.

Аз рӯи мазмун ва мундарича «Рисолаи таърихӣ»-ро ба қисматҳои зерин тақсим намудан лозим аст. Муқаддима. Ин қисмат муфассал аст. Дониш мувофиқи нишондоди илми нуҷум исбот кардааст, ки ҷамъият, мамлакат пайдоиш, инкишоф ва таназзул дорад. Ин ақидаи материалистист. Ва ин ақидаашро дар мисоли аморати Бухоро нишон медиҳад. Давраи ҳукмронии амир Шоҳмурод давраи пайдоишу инкишоф буд, акнун аморат дар ин аср рӯ ба таназзул овардааст ва бояд завол ёбад.

Пас аз ин қисматҳои асосии асар шурӯъ мегарданд, ки онҳо низ ду бобро ташкил медиҳанд. Андешаҳои Дониш асосан дар қисмати хотима ҷамъбаст гардидаанд. Дониш дар боби аввали рисола дар бораи ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии даврахои пайдоиши сулолаи манғитиён то солҳои ҳукмронии амир Музаффар (1860 – 1885) маълумоти батафсил медиҳад. Вобаста ба нақли ҳодисаю воқеаҳои мухталиф ҳикоятҳо ва ривоятҳо меорад. Боби дуюми рисола давраи салтанати амир Музаффар ва Абдулаҳадро дар бар мегирад.

Дониш дар ин қисматҳо вобаста ба мавзӯъ ёддоштҳои худро дар бораи сафарҳояш ба Россия ҳикоят мекунад. Ин ҳикоятҳо барои кушодани симои ҳақиқии амирон ва наздиконн онҳо хизмат кардаанд.

**Мундаричаи идеявии рисола.** Бояд гуфт, ки «Рисолаи таърихӣ» аз рӯи мундаричаи идеявӣ давоми мантиқии «Наводирулвақоеъ» аст. Дониш дар шароити нави таърихӣ андешаҳои фалсафиашро ба қалам додааст. Аз ҷиҳати гузориш ва ҳалли як қатор масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ мутафаккир қадами устуворе ба пеш гузоштааст.

Аҳмади Дониш дар ин рисола ба бисёр масъалаҳои муҳими замонааш даст зада, онҳоро реалистона ба қалам додааст. Ин рисола асари бузурги ҳаҷвист, ки дар он тарзи давлатдорӣ, иллату нуқсонҳои ҷамъияти онрӯза, корҳои беаклона ва аҳмақонаи амирони сулолаи манғит хеле ниҳонрас танқид карда шудаанд. Аҳмади Дониш дар қисмати асосии рисола замони ҳукмронии амир Музаффарро хеле батафсил нақл менамояд. Нависанда тарзи ноӯҳдабароёнаи давлатдорӣ, зулму золимии амир Музаффар, аблаҳиву гумроҳии қушбегӣ, қабоҳату разолати дигар арбобони мамлакат ва дар баробари ин ҳаёти вазнин ва қашшоқонаи халқи мазлумро ба тарзи образнок ва хеле мӯъҷаз ба қалам додааст. Масалан, дар замони ҳукмронии амир Абдулаҳад аз пештар боз ҳам авҷ гирифтани зулму истисмор, бад шудани ҳаёти омма, хароб гардидани мамлакат ва ривоҷу равнақ ёфтани фисқу фасоди амир ва амирзодагонро Дониш ба тариқи зайл ба қалам додааст:

«Эй воҳ, беҳ нашуд, бадтар шуд! Амири аввал гарчи ривоҷу таҷдиди рақсу мусиқию мутрибӣ ва масхарагӣ кард, амири сонӣ (яъне Абдулаҳад) бозо-

ри аҳмақиву аблаҳӣ ва бехирадиро гарм намуд. Ҷуз хӯрду хоб ва саҳфаи офоқ ҳеч чизро интихоб накард. Падар агарчи нокасонро навозиш мекард, баъзан ба одамони наҷиб низ ним ноне медод. Аммо писар он ним нонро низ қатъ кард».

Муҳимтарин қисмати рисола хотимаи он аст. Дониш дар натиҷаи таҳлили ҳаматарафаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданиии мамлакат ояндаи мамлакатро пешгӯӣ мекунад. Мутафаккир дид ва эҳсос намуд, ки зулму ситами феодалон ба деҳқонон, дуздӣ, порахӯрии вазирон, ҳокимон бенизомӣ ва бетартибии амиру лашкари вай, умуман нобаробарии иҷтимоии байни одамонро танҳо бо роҳи ислоҳот, хайрандешӣ, адолатхоҳӣ, ки дар «Наводирулвақоеъ» баён намуда буд, ба амал овардан муҳол аст. Аҳмади Дониш ба хулосае меояд, ки барои рӯзгори хуш, барҳам додани ҳамагуна беадолатиҳо, нобаробариҳо сохти пӯсидаи аморати Бухороро бояд сарнагун кард. Дониш ин ақидаашро ба воситаи таъбири хоб баён кардааст. Яке аз дӯстони Дониш хоб мебинад, ки дар миёни дарандагон шер танҳо меомад. Ӯ метарсид, ба ҳар сӯ медавад. Вале дарандагон ӯро дошта пора-пора мекунанд. Боз як рафиқи дигараш хоб мебинад, ки рӯзона моҳ пайдо шуда ва он моҳ монанди мушак парида ба замин мерасад. Инчунин ситорае низ аз осмон канда шуда ба замин меафтад.

Мутафаккир хобҳои дӯстонашро таъбир намуда, ба чунин хулоса меояд:

«Дар оянда касоне, ки зиндаанд, хоҳанд дид, ки ... давоми салтанат низ дар Мовароуннаҳр ба дасти ин табақа пойдор намонад ва кушокуши калоне зуҳур кунад... Вуҷуди ин амирони ҷоҳил ва олимони коҳил ва сипоҳиёни гумроҳи ғофил бас аст. ... Ҳоли ин давлати манғития ва шахсони ба онҳо тобеъ дар оянда чӣ шавад? ... Рехтани моҳу ситора чист? Осмон бар сари инҳо фуруд ояд!»

Албатта, дар ними рӯз дидани моҳ, афтидани моҳу ситора дар урфият наҳс, фоли бад аст. Илова бар ин шер, ки шоҳи ҳайвонот аст ва аз тарафи худи ваҳшиҳои даранда, ки табақаи болои ҷамъиятро дар назар дорад, порапора кардан нишонаи заволёбии аморати Бухорост. Хулосаи худро ба ин тарз баён кардан, албатта, услуби махсуси адиб аст.

Вале бояд таъкид намуд, ки пешгӯии мутафаккир хаёлӣ, тасодуфӣ ё танҳо орзуи ширини ӯ набуда, балки дар натиҷаи ба тарзи илмӣ омӯхтани ҳодисаю воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии аморати Бухоро ва кишварҳои мутараққии Европа асоснок гардидааст. Ин пешгӯии олимона аз ҷасорати Аҳмади Дониш шаҳодат медиҳад.

**Таъсири идеяҳои Дониш ба адабиёти минбаъдаи мо**

Дар нимаи дуюми асри XIX дар Осиёи Миёна, ҷараёни маорифпарварӣ пайдо мешавад, ки сарвар ва роҳнамои он Аҳмади Дониш буд. Дониш бо ду роҳ таъсири худашро ба ҳамзамонон ва ояндагон расондааст. Аввал, дар натиҷаи сӯҳбат бо дӯстон, фозилон, адибон, ки дар хонаи Дониш ҷамъ меомаданд ва дуюм, ба воситаи асарҳояш. Махсусан, «Наводирулвақоеъ» ва «Рисолаи таърихӣ» дар рушду камолоти як гурӯҳ маорифпарварон саҳми арзанда гузоштанд. Дар ин бора устод Айнӣ дар «Ёддошт-ҳо» мегӯяд:

«Ҷоҳои ба ман таъсирбахши «Наводирулвакоеъ» он чоҳо буданд, ки ман он ҳодисаҳоро дар зиндагӣ дида будам ва аз он аҳвол дилтанг мешудам, аммо ҳеҷ гоҳ ислоҳ кардан ва ислоҳ шудани он аҳвол дар хотирам намегузашт ва гумон мекардам, ки «дунё ҳамин тарз омадааст, ҳамин тарз ҳаст ва ҳамин тарз ҳам меравад, чӣ бояд кард?»... Аммо, вақте ки ман он аҳволро дар мундаричоти «Наводирулвакоеъ» бо тасвири реалӣ – бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, хондам, ба ман ҳолати дигар рӯй дод. Ман дар дили худ гуфтам: «Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модом ки ман ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст... Инқилоби фикрӣ кам ҳам бошад, дар ман аҳа дар ҳамон вақт рӯй дод».

Яъне, чунон ки устод Айнӣ мегӯяд, Аҳмади Дониш ва асарҳои ӯ чашми аҳли қаламро ба зиндагӣ кушоданд. Онҳо минбаъд ба аморати фарсудаи Бухоро аз нуктаи назари дигар нигоҳ мекарданд. Натиҷаи ҳамин буд, ки дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX як қатор асарҳои маорифпарварони Осиёи Миёна: Шоҳин, Савдо, Возеҳ, Фитрат, Муқимӣ, Асирӣ, Мирзо Сироҷ ва асарҳои аввалини устод Айнӣ пайдо шуданд.

Дуруст аст, ки Аҳмади Дониш ба Россия сафар карда, бо маданияти халқи рус шинос шуд ва ба ҷаҳонбинии адиб ҳам, бешубҳа, таъсир расонид. Аммо, мутаассифона, ба эҷодиёти маорифпарварони рус Чернишевский, Добролюбов, Герсен ошноӣ пайдо накард. Бо вуҷуди он ақидаю пешниҳодҳои маорифпарварони русро вобаста ба шароити аморати Бухоро баён намуд. Аз тарафи дигар, нисбат ба онҳо ба фикри қатъие омада, сарнагун кардани сохти мутлақияти аморати Бухороро пешниҳод намуд ва пешгӯӣ кард. Ба ҳар ҳол адиб дар асарҳои эҷодкардааш бевосита ё бавосита масъалаҳои замонашро зимни образҳо инъикос менамуд. Ба тарзи дигар гӯем, дар асари нависанда ҷаҳонбинӣ, ақидаю омоли нависанда зуҳур меёбад. Масалан, мо аз рӯи «Наводирулвакоеъ» ва «Рисолаи таърихӣ» ба Аҳмади Дониш баҳо медиҳем, ақидаю ҷаҳонбинии ӯро муайян мекунем, ки дар кадом поя меистод.

Дигар, таъсири эҷодиёти ӯ доир ба масъалаи забон аст. Демократикунонии забони тоҷикӣ ҳанӯз аз асарҳои Дониш оғоз ёфта буд. Ин хусусиятро дар тасвирҳои реалистӣ, ҳикоётҳу ёддоштҳои Аҳмади Дониш бештар пайдо карда метавонем.

Таъсири чунин ҳикояҳои реалистии Аҳмади Дониш ба адибони ҷавон хеле калон буд. Устод Айнӣ, ки он вақт ҷавон буд, аз мазмун ва тасвирҳои реалистии нависанда ба ваҷд омадааст. Адиб таассуроти худро пас аз хондани ҳикояти «Баққол» дар «Ёддоштҳо»-яш ба тариқи зайл ба қалам додааст:

«Ин тасвири Аҳмадмахдум ба ман онҷунон таъсир кард, ки баққоли мазкур аз назарам ҳеҷ дур намерафт. Баққолонеро, ки дар раставу бозор дар ду тарафи кӯча дар дӯконҳояшон нишаста молҳояшонро мефурӯхтанд, дуру дароз пешашон истода тамошо кардан барои ман мумкин набуд...

Охир дар рӯ ба рӯи гӯшаи ҷанубии ғарбии саҳни мадрасаи Кӯкалтош баққолеро ёфтам, ки аз ҷиҳати қиёфаи зоҳирӣ ҳам ба баққоли Аҳмади Дониш монандӣ

дошт… Ман ҳар рӯз соатҳо дар гӯшаи саҳн нишаста, кору кирдори он баққолро дар зери назари диққат мегирифтам ва ҳама кори ӯро мувофиқи кирдори баққоли Аҳмадмахдум меёфтам ва дар ин ҳол ба назари зиндагибинӣ ва ҳақиқатнигории муаллифи «Наводируลвақоеъ» таҳсин бар таҳсинам меафзуд».

Ин тавсифҳои реалистӣ на танҳо дар ҳикоёту қиссаҳои адиб, балки дар баёни масъалаҳои сиёсӣ, илмию маданӣ ва ёддоштҳои мутафаккир ба тарзи фаровон истифода шудаанд.

Агар хулоса карда гӯем, Аҳмади Дониш дар баробари давом додани анъанаҳои хуби насри классикӣ, дар адабиёти ин давра бо тасвирҳои реалистӣ як тозагие дохил намуд, ки албатта, ин тақозои замон буд. Вале набояд фаромӯш кард, ки илова ба услуби соданависӣ, ки дар боло гуфтем, қисми зиёди насри Донишро услуби мураккаб ташкил мекунад ва ин ҳам талаботи ҳамон давра буд.

Ҳикояҳои реалистӣ ё тасвирҳои реалистӣ дар эҷодиёти Дониш ба шуморанд. Арзиши илмию бадеии онҳо барои пайдоиши насри реалистии адабиёти нави тоҷик калонанд.

**Савол ва супориш**

1. Кӯдакии Аҳмад чӣ хел гузашт? 2. Падару модари Аҳмад чӣ орзу доштанд? 3. Чаро онҳо аз баҳри орзуяшон гузаштанд? 4. Аҳмад дар баробари таҳсил боз ба кадом кор машғул гардид? 5. Дар ҳаёти оилавии Аҳмади Дониш чӣ ҳодиса рӯй дод? 6. Донишро бо кадом мақсад ба дарбор даъват намуданд? 7. Дар дарбор ӯ кадом вазифаро иҷро кард? 8. Сафарҳои Аҳмади Донишро ба Россия нақл кунед. 9. Чаро амир Донишро ба Россия фиристод? 10. Амир Музаффар аз Дониш чаро норозӣ шуд? 11. Поёни умри Дониш чӣ хел гузашт? 12. Асарҳои илмии Аҳмади Донишро номбар кунед. 13. Онҳо дар кадом мавзӯъҳо иншо шудаанд? 14. Чаро Дониш номи асарашро «Наводирулвақоеъ» гузошт? 15. Оё «Наводирулвақоеъ» ба асарҳои ёддоштӣ монанд аст? 16. Дар кадом бобҳо Аҳмади Дониш маданияти Европаро таърифу тавсиф кардааст? 18. Дониш барои беҳтар гардидани ҳаёти мамлакат ва халқ кадом шартҳоро гузошт? 19. Адиб кадом сохти давлатдориро қабул накард? 21. «Рисолаи таърихӣ» бо кадом хусусиятҳояш аз «Наводирулвақоеъ» фарқ мекунад? 22. Моҳияти асосии «Рисола» дар чист? 23. Чаро аморати Бухоро завол меёфтааст? 24. Таъсири Аҳмади Дониш ба адабиёти минбаъдаи мо чӣ гуна аст? 25. Дар асоси кадом далелҳо мо Донишро сарвари маорифпарварони Осиёи Миёна мегӯем? 26. Ба фикри Шумо, Аҳмади Дониш ба адабиёти мо чӣ хизмате кардааст? 27. Дар бораи Аҳмади Дониш повест ё романе хондаед? 30. Онҳоро кадом адибони тоҷик иншо намудаанд? 32. Кадом хислатҳои Аҳмади Дониш ба шумо писанд омад? Алешаатонро хаттӣ баён кунед.

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*

1. И. С. Брагинский. Очерки из истории таджикской литературы. Душанбе, 1956.
2. Б. Ғафуров. Тоҷикон, «Ирфон», Душанбе, 1985.
3. Аҳмади Дониш. Осори баргузида, «Ирфон», Душанбе, 1976.
4. Т. Миров, Дастури методии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9. «Маориф», Душанбе, 1986.

**Реализм ва унсурҳои реалистӣ дар адабиёти классикӣ.** Реализм дар адабиёти ҷаҳон яке аз методҳои машҳур ба ҳисоб меравад. Асарҳои оламшумули нависандагони дунё бо ин метод иншо шудаанд. Хусусияти асосии ин метод ҳақиқатнигорист. Адиб ҳаёти инсонро ҳаматарафа омӯхта, онро дар рафти ҳодисаю воқеаҳои реалӣ ба қалам медиҳад. Ҳангоми тасвири ҳодисаҳо тахайюлот, фантазияи бадеиро дар офаридани образҳо истифода мебарад.

Аз таърихи адабиёт равшану возеҳ аст, ки «Сафарнома»-и Носири Хусрав, достони «Сиёвуш»-и Абдулқосим Фирдавсӣ, ҳикояҳои достони «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, қисми зиёди осори Абдураҳмони Ҷомӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон дар ҷодаи ҳақиқатнигорӣ, тасвири воқеияти реалии зиндагӣ асарҳои барҷастаанд.

Методи реализми танқидӣ дар аввалҳои асри XIX дар Фаронса пайдо шуда, шакли мукаммал мегирад ва ҳамчун усул номбар карда мешавад. Аммо реализм, яъне ҳақиқатнигорӣ ҳанӯз дар замонҳои қадим дар адабиёти ҷаҳонӣ, аз он ҷумла дар адабиёти тоҷикӣ - форсӣ пайдо шуда, дар қарнҳои минбаъда густариш ёфт. Чунончи академик Н. Конрад дар маводҳои мубоҳисавӣ оид ба реализм ба ҳамин масъала ишора карда, чунин мегӯяд:

«Унсурҳои реалистӣ ҳанӯз дар адабиёти Шарқ дар даврахои қадим ва асрҳои миёна пайдо шуда буданд».[1]

Адабиётшиносони гузаштаи мо ҳамин гуна шоиру нависандагонро «вуқӯъгӯй» номидаанд. Устод Садриддин Айнӣ ҳамин маъниро дар назар дошта мегӯяд:

«Танқидчиёни пештараи Шарқ Саъдиро «вуқӯъгӯй» гуфтаанд, ки агар ин таъбирро бо термини байналхалқӣ ифода кунем, «реалист» гуфтан мешавад.[2]

Ба мо маълум аст, ки замони Саъдии Шерозӣ яке аз давраҳои пуршӯбтарини ҳаёти халқамон ба шумор меравад. Дар ин давра кушокушӣ, қатлу ғорат кардани халқ бисёр ривоҷ ёфта, мамлакат аз дасти чингизиён хароб ва шаҳрҳои калон ба хок яксон гардида буданд.

Дар ин давра мустамликачиёни хориҷӣ – муғулҳо ва истисморкунандагони дохилӣ – феодалони маҳаллӣ бо ҳам забон як карда, раиятро талаю тороҷ мекарданд, андозҳои зиёд аз деҳқонон меситонданд.

Саъдӣ дар чунин замона зиндагӣ карда, ин ҳодисаю воқеаҳои рӯйдодаистодаро бо чашмони худ дида, ҳаргиз дар канор истода наметавонист. Махсусан дар «Гулистон» ба воситаи ҳикоятҳои хурди пандомез ҳаёти иҷтимоию сиёсии даврашонро нагз нишон додааст. Аз ин сабаб мо ин асарро на фақат асари ахлоқӣ, балки маҷмӯаи ҳодисаю воқеаҳои ҳақиқии ҳаёти онрӯза ҳисоб карда метавонем.

[1] Проблема становления реализма в литературах Востока. Москва, 1964, саҳ. 305-306.
[2] *С. Айнӣ.* Асарҳо, ҷ. 11, Душанбе, 1963, саҳ. 123.

Масалан, дар ҳикояти мазкур беадолатӣ, зулму золимии муғулҳоро нисбат ба деҳқонон хеле барҷаста ва реалӣ нишон додааст.

Саъдӣ дар «Гулистон» ҳикояте меорад, ки қаҳрамони асосии он деҳқон, яъне намояндаи табақаи поёни ҷамъият мебошад.

Султон шоҳи золим ва ҷафокор буд ва раият аз вай норизо. Боре ӯ ба шикор мебарояд ва дар шикоргоҳ иттифоқан аз одамонаш ҷудо мешавад. Пас вай ба деҳае меояд ва аз пеши хонае гузашта, мардеро мебинад, ки чорпои худро хобонда, бо асое зада истодааст. Султон аз ин кори деҳқон ҳайрон мешавад ва аз ӯ сабабашро мепурсад. Деҳқон дар ҷавоб мегӯяд: «Ман инро аз он сабаб мезанам, ки фақат устухонаш барои подшоҳ монад, то ин ки ӯ ҳайвонро аз ман бекор наситонад». Ғайр аз ин марди деҳқон ба ӯ дар бораи беадолатии подшоҳи диёр, зулми ӯ дарди дил мекунад. Рӯзи дигар шоҳ ба пойтахти худ рафта, деҳқонро чеғ зада меорад. Деҳқон мефаҳмад, ки он меҳмон шоҳи диёр будааст, аммо мардонагиро аз даст надода, ба шоҳ хитоб карда чунин мегӯяд:

На танҳо манат гуфтам, эй шаҳриёр,
Ки баргашта бахтеву бадрӯзгор.
Ҷаро ҳашм бар ман гирифтию бас.
Манат пеш гуфтам, ҳама халқ пас.
Чу бедод кардӣ, тавақкуъ мадор.
Ки номат ба некӣ равад дар диёр.
Туро чора аз зулм баргаштан аст,
На бечорае аз зулм куштан аст.
Зи номеҳрубонӣ, ки дар даври туст,
Ҳама олам овораи ҷаври туст.
Аҷаб, к-аз манат бар дил омад дурушт,
Бикӯш, гар тавонӣ ҳама халқ кушт.

Махсусан мисраъҳои:

Зи номеҳрубонӣ, ки дар даври туст,
Ҳама олам овораи ҷаври туст.

воқеаҳои соли 658 ҳиҷриро дар назар дорад. Яъне дар ин ҳангом Салҷуқшоҳ дар ҳолати мастӣ намояндаи Ҳалокуро, ки он барои гирифтани хироҷ дар Шероз меистод, кушта бо ҳамин кушокушӣ сар шуда, харобии мамлакат ба нуқтаи олии худ мерасад.

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ орзу дошт, ки агар дар ҷамъият адолат барқарор карда шавад, ҷабру ситам хотима ёбад, ҳамаи инсонҳо баробар меҳнат кунанд, он вақт одамон хушбахтона зиндагӣ хоҳанд кард. Аз ин ҷиҳат ӯ ба муфтхӯрон ва ҳаромхӯрон хитоб карда мегӯяд:

Бихӯр, то тавонӣ ба бозуи хеш,
Ки саъят[1] бувад дар тарозуи хеш.

[1] *Саъят* – кӯшишу ғайрат, ҷидду ҷаҳди ту.

Чу мардон бубар ранҷу роҳат расон,
Муханнас[1] хӯрад дастранҷи касон.

Ба ақидаи шоир, меҳнат на танҳо воситаи ба вуҷуд овардани неъматҳои моддӣ, инчунин воситаи хуби тарбияи ҳусни зоҳирӣ ва ботинии инсон мебошад. Ҳамаи ин тасвири ҳақиқати зиндагӣ аст. Реализм тасвири реалистии ҳаёт, асоси эҷодиёти адибони бузурги гузаштаро ташкил медиҳад.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ масъалаҳои муҳими ҳаёти онрӯза дар рафти амалиёт, дар образи қаҳрамонон ва персонажҳо ба миён гузошта шудаанд. Муносибати падарону фарзандон, тасвири ҳаёти қашшоқонаи халқ ва мубориза бар зидди золимон, масъалаи ҷангу сулҳ ва боз бисёр масъалаҳои дигар дар «Шоҳнома»-и ин шоири бузург мақоми босазо дорад.

Фирдавсӣ дар асари худ мағлубнопазирӣ, бузургӣ ва тавоноии иқтидори халқҳоро нишон додааст, ки ин ҳақиқати бебаҳс аст. Фирдавсӣ бузургии халқро дар образи Коваи Оҳангар ҷамъбаст намудааст. Дар «Шоҳнома» образи Искандар низ хеле реалӣ ба қалам дода шудааст. Дар асар дар офаридани образи Искандар тахайюлоти адиб зиёд аст, вале аз ҳама муҳимаш он аст, ки ин тахайюлоти бадеӣ барои равшан инъикос ёфтани Искандари таърихӣ, яъне Искандари забткор, горатгар ва золим хизмат кардааст.

Достони «Сиёвуш» бо ҳақиқатнигорию тасвири реалистӣ дар «Шоҳнома» ва умуман дар назми классикӣ мавқеи бузург дорад. Дар ин достон Фирдавсӣ масъалаҳои гуногун: ҳақиқати воқеии кору зиндагии шоҳони ҷамъияти феодалӣ, рафтору кирдор, маишат, ахлоқи табақаи болои ҷамъият (Судоба, Кайковус, Гарсеваз, Сиёвуш, Рустам)-ро фошофош табиӣ инъикос намудааст. Аз тарафи дигар, тарафдори сулҳу амонӣ будани Фирдавсӣ ва зимни образҳои достон Сиёвуш, Рустам нишон додани он дар асар хеле хуб баромадааст.

Падари Сиёвуш Кайковус фарзанди худро сарлашкар таъин намуда, ба ҷанги Турон мефиристад. Аммо Сиёвуш бо Рустам маслиҳат карда, ҷангро хотима медиҳанд ва бо Афросиёб сулҳ мебанданд. Вале Кайковус сулҳро намехоҳад ва Сиёвушу Рустамро сарзаниш мекунад, онҳоро тарсончак, нотавон мегӯяд. Дар таҳлили ин лаҳзаҳо амалиёти ҷангҷӯёна ва ниқорталабонаи баъзе доираҳои ҳукмрони имрӯзаро бо кору кирдори Кайковус муқоиса намудан айни муддаост. Албатта, таъкид кардан лозим аст, ки ҷангҳои ҳозира аз гузашта фарқи калон доранд. Дар ҷангҳои ҳозира тақдири як мамлакат не, балки тақдири сайёра ҳал мешавад. Ҷангҳои ядроӣ инсониятро нест мекунанд. Зимнан имрӯз бояд ҳар як фарди солимфикри сайёра бикӯшад, ки ҷанг нашавад, бо ҳар роҳу восита пеши роҳи ҷангро гирад.

Фирдавсӣ ҳам муҳим будани масъалаи ҷангу сулҳро дар ҳамон замон бисёр хуб ҳис кард ва ин ҳақиқати воқеиро дар рафти амалиёти қаҳрамонҳои асар реалӣ инъикос намуд.

---

[1] *Муханнас* – дурӯя, разил, бадгуҳар, бадкирдор.

Дар адабиёти классикӣ реализми танқидӣ дар асарҳои ёддоштӣ хеле назаррасанд. Зеро муҳимтарин хусусияти асарҳои ёддоштӣ ҳақиқатнигорӣ, тасвири воқеии зиндагист. Ҳатто баъзе ҳикояю латифаҳои халқиро нависандагон ба ҳақиқати воқеӣ табдил медиҳанд. Бисёр ҳикояю латифаҳои «Бадоеулвақоеъ» маҳз чунин характер доранд. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳикояю қиссаҳои овардаашро бо шахсияти ҳамзамононаш алоқаманд мекунад. Ба тариқи дигар гӯем, дар ин гуна асарҳо набзи замон, масъалаҳои рӯзмарраи рӯзгори нависанда ҳаматарафа бо тамоми реалияти худ тасвир ёфтаанд.

Дар охири асри XIX дар адабиёти тоҷик, махсусан дар осори Аҳмади Дониш, реализми танқидӣ хеле равшан намудор мегардад. Дар ин бора адабиётшинос Ю. И. Бобоев чунин мегӯяд: «Нуфузи фаъолияти прогрессивии ӯ ба насли нави бедоршудаистодаи зиёиёни тоҷик хеле бузург аст. Танқиди далеронаи ӯ ва кинаю адоваташ нисбат ба сохти амирӣ, системаи давлатдории амир ва ҷоҳилии мансабдорони Бухоро ӯро сазовори меҳру муҳаббати одамони пешқадам гардонида буд. Фикру андешаҳои ин олим ва нависанда дар асарҳои «Наводирулвақоеъ», «Тарҷумаи ҳоли амирони Бухорои Шариф» бо унсурҳое, ки бо усули реализми танқидӣ хос аст, хеле равшан ифода ёфтааст»[1]. Чунон ки Устод Айнӣ мегӯяд, Аҳмади Дониш ва асарҳои ӯ чашми аҳли қаламро ба зиндагӣ кушод. Онҳо минбаъд ба аморати фарсудаи Бухоро аз нуқтаи назари дигар нигоҳ мекарданд. Натиҷаи ҳамин буд, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX як қатор асарҳои маорифпарварони Осиёи Миёна–Шоҳин, Савдо, Возеҳ, Фитрат, Муқимӣ, Асирӣ, Мирзо Сироҷ ва асарҳои аввалини устод Айнӣ пайдо шуданд.

---

[1] *Ю. Бобоев.* Муқаддимаи адабиётшиносӣ. «Ирфон», Душанбе, 1974 саҳ. 218-219.

# ШАМСИДДИНИ ШОҲИН (1859-1894)

*Сухан гар зи дил бар забон оварӣ,*
*Чунон чу, ки ганҷе зи ин оварӣ.*
*Забонро макум ҳамчу шамшер тез,*
*Ба шамшери худ хуни худро марез.*

**Рӯзгори дардомези Шоҳин**

Ду нафар сӯҳбат доштанд. Яке падар дигаре писар. Падар Шоҳин, писар фарзанди ягонаи ӯ. Шоҳин ба фарзанди ҷигарбанди хеш аз рӯзгори бемурувват, аз зиндагии ноҳинҷор ҳикоят менамуд.

– Ҷони падар, – мегуфт Шоҳин, – ман дар дил орзуҳои зиёд дорам. Орзу дорам, ки ту хонда соҳибмаърифат шавӣ. Мисли амакат Аҳмади Дониш ростгӯю поквиҷдон бошӣ.

– Медонӣ, писарҷон, бобоят Мулло Амон бо ҳамин нияту орзу аз Хатлон ба Самарқанду Бухоро омада, таҳсилро дар Самарқанд оғоз намуд ва пас аз ду сол қадам ба Бухоро гузошт. Мадрасаро тамом кард, соҳиби илм гардид, аммо соҳиби нон не. Дар пиронсолагиаш ӯро зан доданд. Падар ба 75 даромада буд, ки ман ба дунё омадам. Падару модар ёфтаю тофтаашонро барои ман сарф карданд. Вакте ки ман шашсола шудам, маро ба мактаби духтарона доданд ва худи падарам низ ба ман дарс медод. Дар натиҷаи ҳамин дар як муддати кӯтоҳ ман хату савод баровардам. Девони Ҳофиз, Бедилро бисёр мехондам ва аз байни онҳо ғазалҳои мувофиқро интихоб намуда, азёд мекардам. Пас таҳсиламро дар мадраса давом додам. Забони арабиро омӯхтам. Аз илмҳои дигар низ бархурдор шудам. Вале ба сарам бадбахтие омад. Падарам, яъне бобоят Мулло Амон дар синни 86-солагӣ вафот карданд. Зиндагӣ душвор шуд. Оиларо хӯрондану пӯшондан лозим омад. Илова бар ин, боз таҳсилро дар мадраса давом додан зарур буд. Қашшоқию муфлисӣ ба ҷонам расонд. Муваққатан хонданро партофтам. Барои пайдо кардани қути лоямут корҳои вазнинро иҷро менамудам.

Писарҷон, дар ҳар як замон, аср дар дунё одамони дилсоф, накӯкор ёфт мешаванд. Абӯтоҳир Зарири Ҷӯйборӣ, ки марди донишманд ва фуқаропарвар буд, ба мани мискин дасти ёрӣ дароз кард. Чанд муддат бо сарпарастӣ ва кӯмаки ӯ зиндагиро пеш бурдам, таҳсилро дар мадраса низ ба охир расондам. Шайх Зарири Ҷӯйборӣ вафот карду боз ман бесарпараст мондам.

Писарҷон, бисёр илмҳоро медонистам, хати хуб доштам. Инчунин аҳли илм маро дар иншонависӣ бемисл ҳисоб мекарданд. Падари раҳматии модарат, ки Абдуқодир ном дошт, он вақт дар дарбор вазифаи парвоначӣ (сардори идораи коргузорӣ)-ро иҷро мекард, маро ба шогирдияш даъват намуд. Ин ҳодиса соли 1885 воқеъ шуда буд. Ман корҳои навис-навис, яъне мирзогиро ба ҷо меовардам.

Писарчон, Афлотун боши ҳам, агар мураббӣ, роҳнамо, надошта боши, дар замонаи мо хор мегардӣ. Касе туро қабул намекунад. Бобои ту мураббии ман гардид, ёрдам кард. Дар дарбор обрӯям зиёд шуд, соҳибиззат гардидам.

Он рӯзҳо ҳаргиз аз ёдам намеравад. Абдулқодир маро ба хонааш мебурд. Дар он ҷо ман бори аввал модаратро дидам. Зани соҳибҷамол ва бофаросате буд. Мо якдигарро дӯст доштем. Чанд сол гузашт. Вақте ки амир бобоятро ба Шеробод ҳоким таъин кард, пеш аз рафтанаш тӯйи моро гузаронд, моро ба мақсад расонд.

Дар дарбор ашхоси гуногунхислат ё бадхоҳон, нотавонбинон беҳисоб буданд. Ин гурӯҳ ҳамеша дар пайи озори якдигар буданд ва хушомадгӯиро ба авҷи аъло мерасонданд.

Оре, ба ҳамаашон нафрат дорам. Муносибати маро ба аҳли дарбор ҳатто амир Музаффар ҳам медонад. Аммо боке нест, бигзор донад.

Онҳо азму иродаи падаратро шикаста натавонистанд. Аммо вафоти бемаҳали модарат ирода ва қалби маро шикаст, маҷрӯҳ кард. Ӯ туро бо ман танҳо монду рафт.

Ҷони одам аз санг ҳам сахттар мешудааст. Ман бо вуҷуди он фоҷиа, азобу машаққат боз зинда мондам. Шояд барои ту. Охир ту дигар сарпараст, ҳамдаму ҳамроз надоштӣ.

– Ин чизҳоро фаҳмидани ту лозим буд. Зеро як рӯз даркор мешавад. Ҳар як фарди оқил бояд таърихи авлод, аҷдод ва халқи худро донад, ба онҳо эҳтиром дошта бошад. Барои ояндаат даркор шуда мемонад.

Нури дида! Боз аз ту як хоҳиш дорам.

– Марҳамат, бифармоед, падари бузургвор.

– Оянда, ки бузург шудӣ, албатта, ёру дӯстон, ҳамшаҳриён, ҳамватанон аз ту мепурсанд: «Донӣ падарат чӣ гуна кас буд? Ба онҳо бе ҳеҷ истиҳола, чунин ҷавоб деҳ:

«Мурғе, ки нуҳуфта[1] дар қафас[2] буд».

– Албатта, падарҷон мегӯям. Ман аз Шумо боз як чизи дигарро пурсиданӣ.

– Пурс.

– Чаро ба худ тахаллуси Шоҳинро интихоб кардед? Шоҳин чӣ маъно дорад?

– Шоҳин парандаи чолоки зебоест. Баланд парвоз мекунад. Чашмонаш дурбин ва нигоҳаш оқилона. Ӯ дар байни ҷонварон соҳибиззат аст. Ман ҳам хостам дар олами шоирӣ ба мисли Шоҳин баландпарвоз бошам ва бо сухан дили одамонро тасхир намоям. Танҳо ба ҳамин мақсад бо маслиҳати ёру дӯстон ва падар Шоҳинро ба худ тахаллус интихоб намудам, дар асл номам Шамсиддин аст.

Акнун ба дарбор меравам. Фардо амир ба Шаҳрисабзу Қаршӣ сафар дорад. Маро албатта мебарад. Кӯшиш мекунам, баҳонае пеш орам, узр

---

[1] *Нуҳуфта* — хобрафта, пинҳоншуда.

[2] *Қафас* — ба маънои зиндонӣ, маҳбус омадааст.

гӯям, то маро набарад, бо ту бошам».

Амир Шохинро бад медид. Ҳамеша бар хилофи хоҳиши ӯ кор мекард. Соҳибмансабони дарбор, шоирони хушомадгӯ аз кору рафтори Шохин нисбат ба амир норозӣ буданд. Масалан, Мӯҳтарам чунин менависад: «Чандон ки хуршеди марҳамати султонӣ ва анвори тарбияти хусравонӣ бар вуҷуди мустаиди[1] ӯ метофт, иддаои[2] ӯ боло мегирифт ва маколаи ҳарзадароиро боло афрохт». Яъне ӯ Шоҳинро ба кадрношиносӣ, носипосӣ айбдор намудааст. Гӯё суханони талху пичингомези танкидии адиб дар шаъни амир дурӯғ ва сафсата бошанд.

Саломатии Шоҳин рӯзҳои охир бисёр бад шуд. Ӯ харчанд кӯшиш намуд, ки аз сафари Шаҳрисабзу Қаршӣ бо сабаби бад будани саломатияш боз монад, нашуд. Амир касдан ҳамроҳ рафтанашро амр намуд. Дар Қаршӣ касалии Шоҳин авҷ гирифт, барҷомонда гардид. Бо вуҷуди ҳамаи ин амир иҷозат надод, ки ӯро ба Бухоро биёранд. Шохин дар Қаршӣ аз касалии сил соли 1894 дар авҷи камолоти эҷодӣ дунёи равшанро падруд гуфт. Танҳо 35 сол умр дид. Халк – одамони тараккипарвар, заҳматкаш, равшанфикрон бо сардории Аҳмади Дониш дар марги ӯ ашки ҳасрат рехтанд.

**Мероси адабии Шоҳин**

Чунон ки аз тарҷумаи ҳолаш маълум гардид, Шоҳин чандон умри зиёде надида, дар ҷавонӣ аз дунё чашм пӯшидааст. Вале бо вуҷуди ин умри хешро ройгон нагузаронида, аз худ асарҳои зиёди адабӣ мерос гузоштааст. Шоҳин имкон наёфта буд, ки дар айёми зиндагиаш асарҳояшро ҷамъ намуда ба шакли девон дарорад. Ин корро дӯстонаш пас аз марги адиб ба анҷом расонданд. Махсусан, хизмати адиб Мирзо Муҳаммад Савдоии Ғиҷдувонӣ калон аст. Ӯ солҳои зиёд эҷодиёти Шоҳинро омӯхт, ҷамъ намуд ва ба шакли куллиёт даровард.

Шоҳин асосан шоир аст ва аксарияти асарҳои ӯ манзуманд. Вале Шоҳин асарҳои насрӣ ҳам дорад, ки намунаи он «Бадоеуссаноеъ» мебошад, ки дар хусуси он дар поён алоҳида истода мегузарем.

1. **Достони «Лайлӣ ва Маҷнун».** Ин достон назира ба достонҳои ҳамноми Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Даҳлавӣ мебошад. Аммо аз онҳо фарқи калон дорад.

**2. Маснавии «Тӯҳфаи дӯстон».** Ин асари аҳлоқию тарбиявист. Шоҳин онро дар пайравии «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ иншо намудааст. Ҳанӯз барвақттар нақшаи асарро тартиб дода буд. «Тӯҳфаи дӯстон» бояд чун асари Саъдӣ аз даҳ боб иборат мешуд. Аммо бо сабабҳои зиёди зиндагӣ имконият наёфт, ки маснавиро ба охир расонад.

Аз ин даҳ боби муқарраршуда, танҳо боби нӯҳумаш ба боби нӯҳуми

---

[1] *Мустаид* – қобилият, истеъдод, лоиқ, сазовор.
[2] *Иддао* – даъво намудан, талаб намудан.

«Бўстон» мувофиқ намеомад. Масалан, дар Саъдӣ боби нўҳум дар тавба бошад, дар Шоҳин боби нўҳум ба сабр бояд бахшида мешуд.

Аммо, мутаассифона, аз ин даҳ боб Шоҳин танҳо муқаддима ва боби аввалро, ки дар адл аст, иншо намудаасту халос. Бешубҳа ин боб ҳам яке аз бобҳои асосии асар аст. Бисёр ақидаҳои ахлоқиву иҷтимоии Шоҳин дар он инъикос ёфтаанд. Илова бар ин, маснавии «Тўҳфаи дўстон» характери тарҷумаиҳолӣ низ дорад. Шоҳин дар бораи ҳаёти падар, худ ва дўстонаш ҳикояҳое меорад, ки онҳо дар асоси ҳодисаю воқеаҳои зиндагӣ, яъне реалӣ ба назм даровардa шудаанд. Масалан, шумо аз тарҷумаи ҳоли Шоҳин медонед, ки падари ў Мулло Амон аз Хатлон (Кўлоби имрўза) аввал ба Самарқанд омада ду сол таҳсили илм мекунад ва сонӣ ба Бухоро меояд. Ҳамин лаҳзаро Шоҳин бевосита аз номи падараш ба тариқи зайл додааст:

Дар ин дам, ки бастам ба харпеша зин,
Ба азми Бухоро зи Хатлонзамин.
Нахустин Самарқанд шуд манзилам,
В-аз он манзили хуш тоза дилам.
Дар он маъдани фазл қадри ду сол,
Намудам ба таҳсили илм иштиғол.

Шоҳин дар маснавӣ иллату нуқсони намояндагони табақаи болоиро бо номҳои аслиашон мазаммат мекунад. Ў барои зоеъ рафтани умри азизаш, ки онро дар дарбор гузаронида, амиру ҳокимонро таъриф намудааст, пушаймон аст ва худро сахт накўҳиш намудааст:

Ду-се рўз ҷўёи эҳсон шудам,
Сарояндаи мадҳи дунон шудам.
Бибурдам ба ороиши назм ранҷ
В-аз он кардам офоқро пур зи ганҷ.
Кафи хушки эшон, к-аз он нам нарехт,
В-агар рехт, ҷуз хуни мардум нарехт.
Сагеро, ки ҷома дарида ба дев,
Фаришта аз ў дастгирифтӣ ғирев.
Чунон барзадам сирати мардумӣ,
Кӣ гўӣ назода чу ў одамӣ...
Фиғон, к-ин ҳарифони кинозмой,
Ба меҳр андар оранд халқе зи пой.
Ки чун гурба фарзанди худ мехўранд,
Чу фарзанд аз онат ҳамепарваранд.

Чунон ки дидем, Шоҳин характеру хислати манфури онҳоро басо хуб омўхта будааст. Онҳо нисбат ба ашхоси поку некусиришт кинаю адоват доранд. Чунин одамони разил, ба ақидаи адиб, на танҳо ба одамони пешкадаму пок, балки ба фарзандони худ низ раҳму шафқат надошта, мисли гурба, агар лозим шавад, фарзанди хешро кушта мехўранд. Пас аз ин мулоҳизаҳо Шоҳин ба хулосаи бисёр ҷиддӣ меояд. Хулосаи шоир он аст, ки аз ин қавм, аз ин гурўҳҳои ҷамъият умеди некӣ, ёрӣ, мададгорӣ пурсидан, орзу намудан хаёли хом аст. Зеро ман, – мегўяд Шоҳин, дар таҷрибаи зиндагӣ, қадрношиносӣ, бехирадӣ ва дигар хислатҳои манфури ғайриинсонии онҳо-

ро дидам, омӯхтам:

Аз ин кавм уммеди ёрӣ хатост,
Ки аз душман уммедворӣ хатост.
Аз он рӯ зи гетӣ шикоят задам,
Зи гетӣ шикоят багоят задам,
Ки дастур бошад, баояндагон –
Ба абнои гетӣ[1] ситояндагон[2].
Аз ин доми бедона дурӣ гузин!
Сари хештан чои дона мабин!
Ман идбор[3] дидам, ту фирӯз бош!
Зи аҳволи ман ибратомӯз бош!

Маснавии «Тӯҳфаи дӯстон» дар равшан намудани сабки эчодӣ, афкори ахлоқӣ ва камолоти маънавии Шоҳин роли басо калон бозид. Дуруст аст, ки Шоҳин дар баробари нишон додани иллату нуқсонҳои ҳаёти сиёсиву ичтимоии мамлакатояндаи бебунёди онро таъкид менамояд ва аз ҳаёти мардони бузург хулоса бароварда, нишон медиҳад, ки аз синфи ҳукмрон некиро умедвор шудан ғалат аст.

Шамсиддин Шоҳин ғайр аз ин дар жанрҳои хурди лирикӣ–ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа, мухаммас ва ғайра асарҳои зиёде офаридааст. Бесабаб нест, ки Шоҳин дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун шоири лирик мақом ва шӯҳрат дорад.

Аз тарафи дигар, бисёр андешаҳои сиёсиву ичтимоии Шоҳин дар асарҳои лирикиаш инъикос ёфтаанд. Табиист, ки лирикаи Шоҳин чи аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундаричаи идеявӣ ва чи аз ҷиҳати шакл, санъати суханварӣ дар як поя нест. Равшан аст, ки Шоҳин аз хурдӣ ба шеър гуфтан оғоз карда буд ва таи чанд сол шеърҳои шогирдона иншо мекард. Баъдтар дар натиҷаи омӯзиш қаламаш бурротар, дидгоҳаш фарохтар гашт.

**Мавзӯъ ва мундаричаи идеявии лирикаи Шоҳин**

Пас аз мутолиа ва муҳокима равшан гардид, ки дар лирикаи Шоҳин ғазал мақоми босазо дорад. Дар ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа, мухаммас ва дигар ашъори шоир қариб ҳамаи мавзӯъҳои маъмули адабиёти гузаштаро пайдо карда метавонем. Илова бар ин, идеалҳои олӣ ва махсусан фикрҳои маорифпарварии Шоҳин дар асарҳои лирикии ӯ ифода ёфтаанд. Ба ҳамин тариқ, Шоҳин агар, аз як тараф, давомдиҳандаи анъанаҳои пешқадами адабиёти гузашта бошад, аз тарафи дигар, дар рӯҳи замон, дар зери таъсири асарҳои Аҳмади Дониш, сӯҳбатҳои хоссаи адиб бо ин мутафаккир ифодакунандаи ғояҳои маорифпарваронаи ӯ гардид.

Дар лирикаи Шоҳин шикоят аз замона, нишон додани нуқсону иллатҳои рӯзгор ва ниҳоят ба тарзи динамикӣ пурзӯр гардидани садои эътирози

---

[1] *Абнои гетӣ* – ҳамзамонон, ҳамасрон.
[2] *Ситояндагон* – мадҳкунандагон, ситоишгарон.
[3] *Идбор* – сиёҳбахтӣ, толеи бад.

шоир қавитар ва баландтар ҳис карда мешавад. Агар Шоҳин дар аввалҳои эҷодиёташ амир ва дигар ҳокимони вақтро маломату сарзаниш кунад, ки онҳо қадрношиносанд, ба ҳунару истеъдоди аҳли ҳунар намерасанд, баъдтар, ҳангоме ки қаҳрамони лирикӣ ба дарбор меояд, бо аҳли дарбор аз наздик шинос мешавад, худашро ноҳинҷор ва бадбахт мешуморад. Ӯ ҳаёти дарборро барои хеш «чун мурғи нуҳуфта дар қафас» ҳисоб менамояд. Қаҳрамони лирикӣ худашро аз ҳама нотавонтарин ва рӯзашро шом мегӯяд ва аз беадолатиҳои фалак шикоят мекунад:

Ҷаҳонпарвардигоро, нотавонам,
Ягона нотавоне дар ҷаҳонам.
Яке мурғам, ҷудо аз ошёна,
Зи ҳар сӯ новаки ғамро нишона.
Чӣ бадбахтам, ки ҳар сӯе ниҳам рӯй,
Зи оби дида бинам пеши рӯ ҷӯй.
Фиғон аз дасти чархи тиракирдор,
Ки рӯзам шуд чу шоми мотамӣ тор.

Албатта, шикояти шоир характери умумӣ дошт. Шоҳин ҳаёти бисёр одамони ҷамъиятро омӯхт ва ин маҳрумиятҳо, нокомиҳои афроди замонаашро дар симои қаҳрамони лирикӣ ҷамъбаст намудааст. Аммо ин шикоятҳо бе ҳадаф буданд, ки аз камтаҷрибагии адиб сар задаанд:

Ҳама чун куштаи теғи ту шуд, инак Шоҳин,
Биниҳод аз сари таслим ба поят гардан.
Ҳамаро куштӣ, агар мекушиям, зуд бикуш!
То бубинам, ки маро кушта чӣ хоҳӣ кардан?

Дар ин порча шикояти қаҳрамони лирикӣ ба эътироз бадал мешавад. Ӯ беадолатию бенизомии соҳибмансабони ҷоҳил, нобаробариҳои байни гурӯҳҳои иҷтимоии ҷамъиятиро дида, ба моҳияти объективии он сарфаҳм намерафт. Ҳамаи инро аз тақдир, аз сарнавишт медонист.

Дуруст аст, ки Шоҳин қасидаҳои мадҳӣ дорад. Адиб онҳоро ҳангоми дар дарбор будан иншо намудааст. Қасидаҳои мадҳие, ки ба тавсифи амир Музаффар ва амир Абдулаҳад бахшидааст, аз рӯи зарурат буданд. Ӯ, ки дар дарбор буд, бояд ҳамин корро иҷро менамуд. Аз тарафи дигар, Шоҳин дар аввал гумон дошт, ки амир одилу раиятпарвар аст. Аммо, вақте ки корҳои ношоиста, хиёнат ва бадкирдории ӯро дид, усули тавсифро тағйир дод. Аҳли дарбор, амиру вазир, шоирони маддоҳи хушомадгӯ, ҳасудони беҳирадро сахт танқид кардааст. Масалан, дар қасидаи поён қаҳрамони лирикӣ аз зулм ва нобаробарии рӯзгор садои эътирози худро баланд намуда, мегӯяд:

Дар ин диёр, ки қавмаш сагони одамрӯст,
Вафо маҷӯ, ки дилу рӯяшон зи оҳану рӯст.
Ба чашми ибрати ин кӯртинатони ҳасуд,
Ҳазор гулшан агар гул кунӣ, на ранг, на бӯст.
Лабам ҳанӯз зи дил тарҷумон нагашта, зи халқ
Ҳазор ханҷари заҳробдода вақфи гулӯст.

Дар поёни умр, тавре ки аз тарҷумаи ҳолаш медонем, Шоҳин ҳарчанд кӯшиш менамояд, ки ин макони зулмбунёдро тарк кунад, амир розӣ намешавад. Аз ин ҷост, ки шоир ба хулоса меояд, ки ҳунар, яъне пешаи шоирӣ ба кас на шодиву, иззату эҳтиром, балки бадбахтӣ ва зарар меорад. Агар беҳунар, аблаҳ, гумроҳу хар набошӣ, соҳибмансабон туро одам ҳисоб намекунанд. Зеро худи онҳо бо чунин сифатҳо оростаанд. Фикри болоро Шоҳин дар мусаддаси «Гардун болои сар набошад» хеле хуб ифода кардааст:

З-ин сон, ки хоҳиши даҳр ҷуз шӯру шар набошад,
Бадтар дар ин замона айб аз ҳунар набошад.
Суди матои дониш ғайр аз зарар набошад,
Одам касе нахонанд онро, ки хар набошад.
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
Аммо чӣ метавон кард, ҷои дигар набошад?

Дар банди сонӣ Шоҳин фикри қатъии хешро пешниҳод мекунад. Ӯ аз сохти ҷамъиятӣ, тарзи давлатдорӣ норизост ва имони комил дорад, ки чунин сохт, чунин давлат завол меёбад. Зеро, ба ақидаи адиб, бо чунин тарзу усул зиндагӣ кардан муҳол аст:

Акнун, ки толеи ман пайваста дар вабол аст,
Субҳам тамом шому айшам ҳама малол аст.
Ҳар давлате, ки бинам, омодаи завол аст,
Дар даҳр бо чунин ҳол будан басе муҳол аст,
Ҷое равам, ки гардун болои сар набошад,
К-аз наҳс ахтаронро бар ман назар набошад.

Агар дурусттар мулоҳиза намоем, аз порчаи боло равшан мегардад, ки Шоҳин фикри Аҳмади Донишро дар бораи заволёбии аморат, яъне аз осмон канданi ситора, ба замин афтидани он, ки хосияти наҳс дорад, давом додааст. Шоҳин дар бисёр масъалаҳо давомдиҳандаи фикрҳои маорифпарваронаи Дониш аст. Эҷодиёти Дониш, махсусан, «Наводируլвақоеъ» ба ҷаҳонбинӣ, сабки эҷодии Шоҳин таъсири калон гузошт. Шоҳин аз устоди маънавии худ беҳад миннатдор буд. Ҳангоме ки як гурӯҳ хушомадгӯёни амир ба муқобили Дониш баромада, ӯро таҳқир карданд, ҳаҷв намуданд, Шоҳин дар мадҳи Аҳмади Дониш қасидае эҷод намуд ва дар он бузургии хирад ва ақлу закоаташро ситоиш намуд:

Эй як варақ зи дафтари фазли ту нӯҳ фалак,
Сити[1] камоли ту зи само рафта то самак[2].
Авзои ҳафт ахтару атвори нӯҳ сипеҳр,
Бар дониши баланди ту пайдост як ба як.
Чун иттиҳоди исму мусаммо[3] муқаррар аст,
Гар хонамат паямбари охирзамон, чӣ шак?
Дидам «Наводир»-и[4] туву аз сафҳаи хаёл,
Кардам вақоеи ҳукамон гузашта ҳак[5].

---

[1] *Сит* – овоза.
[2] *Самоъ самак* – мазмунан аз осмон то қаъри замин (самак – моҳӣ).
[3] *Мусаммо* – номи додашуда.
[4] *«Наводир»* – ишора ба «Наводируլвақоеъ».
[5] *Ҳак* – пок намудан, тарошидан.

Ғайр аз ин, Шоҳин образи риндро бо образи зоҳид муқобил гузошта, ба ин восита озодии шахсро дар ҷамъият таблиғ намудааст. Дар образи ринд худи қаҳрамони лирикӣ инъикос ёфта, ҳамеша аз болои зоҳид ғолиб мебарояд. Шоҳин дар баёни чунин масъалаҳо ба Ҳофизи Шерозӣ пайравӣ намуда, ӯро дар сурудани ғазал устоди худ мешуморад ва ба бисёр ғазалҳои Ҳофиз ҷавоб гуфтааст.

Мавзӯи ишқ дар асарҳои лирикии Шоҳин мавқеи муҳим дорад. Шоҳин дар бисёр ғазалу рубоиёташ ишқи нокомашро сурудааст. Мо аз тарҷумаи ҳоли адиб нағз медонем, ки Шоҳин завҷаашро ниҳоят дӯст медошт. Завҷааш пас аз 10 моҳи хонадорӣ сари фарзанд рафт ва қалби Шоҳинро лабрези хун гардонд. Шоир дарду алами хешро бо сухан нишон додааст. Аз мутолиаи чунин шеърҳо дили хонанда ба шоири номурод месӯзад. Масалан, Шоҳин дар ғазали «Видоъ» бо дилситон видоъ карданро чунон табиӣ ва ғамангез тасвир менамояд, ки хонанда ба ҳаяҷон меояд ва бо дарди қаҳрамони лирикӣ шарик мегардад. Шоир афсӯс хӯрда, дар байти аввал мегӯяд, ки чаро ман пештар намурдам, то марги туро намедидам ва дар байти сонӣ адиб худашро ба бӯстон ва ёрашро ба савр монанд карда, дардомез нола мекунад, ки сарв аз бӯстон ҷудо гардид, якумр видоъ намуд:

Эй кош, ҷон кунад зи тани нотавон видоъ,
З-он пештар, ки мекунад, он дилситон видоъ.
Сарв аст қомати туву бӯстон канори ман,
Ин турфа сарв мекунад аз бӯстон видоъ.
Гуфтӣ: «Кунам видоъ!» Зи ман ҷон видоъ кард,
Эй бевафо, маёр дигар бар забон видоъ!
То бишнавад нигор, кунад ёди ин ғариб,
Шоҳин, радифи шеъри ман афтод аз он «видоъ».

Шоҳин дар як қатор рубоиёташ ҳам муҳаббати поку беолоиш, вале дардноку номуродашро васф кардааст. Қаҳрамони лирикӣ аз ғаму дард маҳбубаашро фаромӯш карда наметавонад. То қувва дар по, ду чашми нурполо дорад, ба роҳаш, ба сӯяш меравад, менигарад. Агар аз роҳ паймудан ва дидан оҷиз монад, то дами вопасин нишаста ёдаш мекунад:

То қуввати по бувад, ба сӯят нигарам,
То дида диҳад нур ба рӯят нигарам.
Чун дида зи нуру по зи рафтан монад,
Биншинаму ҷон дар орзуят супурам.

Илова бар ин, рубоии боло аз ҷиҳати содагии забон, таркиби луғавӣ ва сабки нигориш рубоиёти халқиро ба ёд меорад. Ин халқияти эҷодиёти Шоҳинро бори дигар пурра тасдиқ мекунад.

Дигар, дар лирикаи Шоҳин фикрҳои ҳаётдӯстона, пешқадам хеле зиёданд. Шоир зебоиҳои табиатро васфу ситоиш намуда, одамонро ба он ҳидоят мекунад, ки аз ин зебоиҳои табиат бархурдор шавед. Фасли гул расидааст, яъне баҳор шудааст ва аз хонаи танг ба дашту ҳомун бароед, он ҷоро

муддате ватан кунед, ки умри инсон гузарон аст ва аз он зебоиҳои нотакрори табиат бенасиб намонед:

Шуд фасли гул, азимати сайри чаман кунед,
Гар фурсат аст, ҳафтае он ҷо ватан кунед!
Ҷоме, ки мекашеду нишоте, ки мекунед,
Дар пои гул кашеду ба рӯи суман кунед!

Шоҳин саъю кӯшиш менамуд, ки суханаш содаю равон ва ба омма наздик бошад. Мисолҳои дар боло оварда фикри моро тасдиқ менамоянд. Инчунин Шоҳин аз таъбиру ибораҳои халқӣ, зарбулмасалу мақолҳо бамаврид истифода бурдааст.

**Достони «Лайлӣ ва Маҷнун». Сабаби назми китоб. Сюжети мухтасари достон**

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро соли 1888 навишта ба охир мерасонад. Тавре ки худи Шоҳин мегӯяд, достон дар муддати камтар аз як моҳ иншо шудааст. «Лайлӣ ва Маҷнун» аз 2242 байт иборат буда, асосан, дар ҷавоби достонҳои ҳамноми Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ эҷод гардидааст. Шоҳин дар бораи вақти навиштани достон чунин мегӯяд:

Сад шукр, ки шуд пазира[1] ин ранҷ,
Дар соли ҳазору сесаду панҷ.
Дар муддати як маҳ андаке кам,
Ин ҳисни рафеъ[2] гашт маҳкам.

Сабаби навиштани достон марги бемаҳали завҷаи шоир аст. Як сол не, танҳо даҳ моҳ бо ҳам зиндагӣ карданд. Тифл ба дунё меояду модар зиндагиро падруд мегӯяд. Ин ҳолат Шоҳинро мутаассир гардонид. Ӯ бо дарду алам дар вафоти завҷааш Марсияе эҷод кардааст, ки дар зер чанд байташро меорем:

Гирам, гами мо, ду тан нахӯрдӣ,
Фарзанди азизи худ чӣ кардӣ?
Ин тифли хуҷастарӯ, ки имрӯз,
Чун мург шудаст дастомӯз.
Монд ӯ зи ту ноф нобурида,
В-аз шири ту чошнӣ начида.
Хонанд ҳадиси оташинам,
Гӯянд ҳазор офаринам.,
В-он гоҳ ба рӯҳи мо – ду поком
Бахшанд таҳияте вал-икром!

Достон аз бобҳои анъанавӣ шурӯъ гардида, пас ба сабаби назми китоб, яъне вафоти завҷа, дар насиҳати фарзанд байтҳои муносиб гуфта, сонӣ ба асли мақсад мегузарад. Сюжети мухтасари достон чунин аст: Солори қабилаи араб Саид Омирӣ пас аз назру ниёзи зиёд соҳиби фарзанд мешавад. Ба фарзанд Қайс ном мегузорад. Қайс мактабхон мегардад. Ӯро ба мактаб медиҳанд. Дар мактаб Лайлиро дида ошиқ мешавад. Ишқи онҳо дар байни

---

[1] *Пазира* – анҷом ёфт, ба итмом расид.
[2] *Ҳисни рафеъ* – киноя аз қалъаи баланд, дастнорас омадааст.

хосу ом шӯҳрат меёбад. Падари Лайлӣ ин овозаро шунида, ба мактаб рафтани духтарашро манъ мекунад. Дигар Қайс Лайлиро надида мактабро тарк мекунад ва ба кӯҳу саҳро мебарояд. Минбаъд одамон ӯро Маҷнун, яъне девона мегӯянд. Саид Омирӣ ба ҷустуҷӯи писараш рафта, ӯро меёбад ва ба Қайс ваъда медиҳад, ки агар ба хона боз гардад, барои ӯ Лайлиро хостгорӣ мекунад.

Падари Лайлӣ хостгорҳои Қайсро қабул накарда, мегӯяд, ки Қайс Маҷнун, девона аст. Натиҷаи инро Маҷнун шунида баромада меравад. Боз падараш ӯро пайдо карда ба зиёрати Каъба мебарад. Маҷнун ҳангоми тавоф аз Худо илтиҷо мекунад, ки ишқашро бо Лайлӣ мустаҳкамтар гардонад.

Боре сардори қабилаи Омир Навфал Маҷнунро дида раҳму шавқаташ меояд ва ба назди падари Лайлӣ барои хостгорӣ меравад. Аммо падари Лайлӣ ҷавоби рад медиҳад. Навфал ба хашму ғазаб омада, бо қабилаи Лайлӣ ба ҷанг медарояд. Маҷнун, аз як тараф, аз куштори зиёд, аз тарафи дигар аз нияти падари Лайлӣ, ки мехост духтарашро ҳалок созад, огоҳ гардида, аз Навфал илтимос ва илтиҷо мекунад, ки ҷангро бас кунад. Навфал ба ҷанг нуқта мегузорад ва ба падари Маҷнун маслиҳат медиҳад, ки ӯ духтари соҳибҷамоле дорад, агар Маҷнун ва худи ӯ розӣ шаванд, духтарашро ба Маҷнун дода, бо ҳам қудо мегарданд. Тӯй мешавад. Маҷнун аз ҷамоли духтар мафтун шуда гӯё ба мақсад мерасад.

Лайлӣ ин хабарро шунида, ба Маҷнун мактуб менависад ва ӯро дар бевафоӣ айбдор менамояд. Маҷнун ҳам мактуби ҷавобӣ навишта завҷаашро таъриф менамояд. Лайлӣ мактубро хонда пай мебарад, ки ҳоло ҳам Маҷнун ба ӯ муҳаббат доштааст. Аз ин ҷост, ки мактуби дуюми худро ба Маҷнун иншо мекунад. Дар мактуби дуюм Лайлӣ аз Маҷнун узр мехоҳад ва ӯро боз ба сидқу вафо ҳидоят менамояд. Маҷнун мактуби Лайлиро хонда, гӯё аз кирдораш пушаймон мешавад ва арӯсашро партофта, ба ёди Лайлӣ ба дашту ҳомун мебарояд. Падари Маҷнун ҳарчанд саъю кӯшиш менамояд, вале Маҷнун ба назди арӯсаш барнамегардад. Аз ғаму дарди фарзанд падари Маҷнун вафот мекунад. Маҷнун вафоти падарро шунида, ба сари қабраш меояд ва гиря мекунад.

Лайлӣ аз ин ҳодиса огоҳӣ ёфта мехоҳад, ки ба назди Маҷнун ояд ва ӯро дилбардорӣ намояд. Вале дар роҳ Ибни Салом ӯро дида ошиқ мешавад. Ибни Салом марди пир, вале бою бадавлат буд. Ӯ ба Лайлӣ хостгор мефиристад. Тӯй барпо мегардад. Ин воқеаро Маҷнун шунида ба Лайлӣ мактуб менависад. Дар ин мактуб аз бевафоии Лайлӣ шикоят намуда, афсӯс мехӯрад, ки барои ишқи ӯ шуда беҳуда аз баҳри арӯсаш баромадааст. Пас аз чанде модари Маҷнун вафот мекунад. Лайлӣ ба ҷустуҷӯи Маҷнун ба саҳро меравад. Онҳо якдигарро пайдо карда ҳамсӯҳбат мешаванд. Лайлӣ аз Маҷнун хоҳиш мекунад, ки ба хонааш биёяд. Аммо Маҷнун розӣ намешавад ва аз назди Лайлӣ дур мешавад. Лайлӣ ниҳоят мутаассир гардида, пас аз чанд рӯз вафот мекунад. Маҷнун ба воситаи Зайди араб, ки пештар мактубҳои онҳоро ба ҳам мерасонд, аз марги Лайлӣ хабар меёбад. Рӯзи дафн Маҷнун ба қабри Лайлӣ даромада ӯро ба оғӯш мекашад ва ҷон медиҳад.

Сюжети мухтасари достон аз ҳамин иборат аст. Акнун дидан лозим аст, ки достони «Лайлӣ ва Маҷнун» – и Шоҳин ба дигар достонҳои ҳамномаш чӣ монандӣ ва аз онҳо чӣ тафовуте дорад.

**Дар муқоиса таҳлил намудани достони Шоҳин бо достонҳои ҳамномаш**

Пас аз шинос шудан бо сюжети достонҳо чунин ба назар мерасад, ки монандӣ дар байни достонҳои ҳамном хеле зиёд аст. То нимаҳои асар асосан хати сюжет ба ҳам монанд аст. Дуруст аст, ки Шоҳин баъзе эпизодҳои достони Низомии Ганҷавиро ихтисор намудааст. Масалан, эпизодҳои оҳувон ва гавазнро аз банд раҳо кардани Маҷнун, Маҷнунро ба қабилаи Лайлӣ бурдани пиразане ва ғайра дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» – и Шоҳин дида намешаванд. Баръакс дар достони Шоҳин эпизодҳои нав, аз қабили духтари Навфалро ба занӣ гирифтани Маҷнун, ба марди давлатманд Ибни Салом ҳамсар шудани Лайлӣ, вафоти падару модари Маҷнун, ба хонаи Лайлӣ омадани Маҷнун ва монанди ин эпизодҳое мебошад, ки дар достонҳои Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Бадриддин Ҳилолӣ дида намешаванд.

Албатта, Шоҳин барои илова намудани эпизодҳои нав мақсади муайяне доштааст. Пеш аз ҳама шоир талаб мекунад, ки ҳар як эҷодкор бояд мустақил бошад. Ӯ бояд андешаю афкор, сӯзу гудози худро гӯяд, умуман сухани худро дошта бошад:

> То кай ба саманд медиҳӣ дав,
> К-он ҳарфи Низомӣ асту Хусрав.
> Он они вай аст, ту зи худ гӯй,
> Гард аз рухи худ ба оби худ шӯй.
> З-ин беҳирадӣ бувад фузунтар,
> Гар ҷой равӣ ба пои дигар!

Шамсиддин Шоҳин ба воситаи илова намудани эпизодҳои наве, ки дар асар ҷой доштаанд бевосита, ҳаёти сиёсиву иҷтимоии рӯзгори хешро тасвир кардааст. Вайронии ахлоқи ашхоси табақаи болой, ки дар рӯзгори Шоҳин қувват гирифта буд, барои инъикоси ин масъалаҳо сабаб шуданд. Масалан, Маҷнуни Шоҳин шахси фосиқ, дар ишқ ноустувор ва ҳардамхаёл аст. Дар зиндагӣ мақсади муайяне надорад. Маҷнун зан мегирад, боз занашро партофта ба Лайлӣ қарин мешавад. Лайлӣ ӯро ба хона даъват менамояд, ӯ меояд. Хонанда гумон дошт, ки акнун онҳо ба мурод расиданд. Вале Маҷнун Лайлиро тарк мекунад, боз ба дашту ҳомун меравад. Аз ин ҳодисаҳо чунин бармеояд, ки Маҷнун дар зиндагӣ, дар ишқ устувор нест.

Лайлӣ аз рӯи баъзе характеру хусусиятҳояш ба Маҷнун то андозае монанд аст. Ӯ ҳам шавҳар мекунад. Пас аз вафоти шавҳар Маҷнунро ба хонааш даъват менамояд. Аз тасвири Шоҳин Лайлӣ нисбат ба Маҷнун андаке фаъолтар аст. Умуман дар симои ин ду қаҳрамон адиб ахлоқу одоби фарзандони табақаи болоро ба таври ҳаққонӣ ба қалам додааст.

Лайлӣ ва Маҷнуни Низомӣ, Хусрав, Ҷомӣ ва Ҳилолӣ дар ишқу муҳаб-

бат устуворанд. Ҳар сахтӣ ва кулфате, ки ба сарашон ояд, тоқат мекунанд, онро бартараф менамоянд. Маҷнуни Ҳилолӣ поку вафодор ва муҳаббаташ ба Лайлӣ хеле зиёд аст, ки ҳатто, вақте ки Лайлӣ аз Маҷнун хоҳиш мекунад, ки биё ба кӯҳу саҳро гурезем ва ба коми дил расем, Маҷнун хоҳиши ӯро рад мекунад. Зеро ин кор сабаби бадном шудани Лайлӣ мегардад. Ӯ намехоҳад, ки ба исмати маҳбубааш нанг орад. Ба ақидаи Маҷнун, ишқу муҳаббат ҳам мутеи фармони падару модар аст, яъне озод нест. Лайлии достони Шоҳин нисбат ба Низомию Амир Хусрав фаъолтар аст. Масалан, ӯ аз падару модар тарсу бим надорад, аз беномус шудан наметарсад, Маҷнунро ба хонааш даъват карда мебарад. Хона хонаи ӯст. Шавҳараш Ибни Салом вафот кардааст. Дигар ӯ мустақил аст. Ин мустақилият танҳо як лаҳзаи ҳаёти ӯро дар бар мегирад. Агар танҳо аз ҳамин ҷиҳат Лайлии достони Шоҳинро ба Лайлии асари Ҳилолӣ муқоиса кунем, ба хубӣ равшан мегардад, ки Лайлии Ҳилолӣ хеле фаъол аст. Ӯ барои бахту саодати худ тайёр аст, ки мубориза барад. Пеш аз ҳама, Лайлӣ аз Маҷнун хоҳиш менамояд, ки ба кӯҳу саҳро гурезанд. Ӯ ягона чораи халосӣ ва ба мурод расиданро дар ҳамин мебинад. Вале дар достони Шоҳин Лайлӣ ба қисмат, ба тақдир тан медиҳад:

Доӣ, ки ба гарданам каманд аст,<br>
Аз модару аз падар ду банд аст.

Оре, ҳамин ду банд ва боз банди сеюм – замона оянда онҳоро ҳал кардаанд. Ҳар ду қаҳрамон дар Шоҳин нотавон, мутеъ ва сустирода тасвир шудаанд. Онҳо барои падару модар ва соҳибмансабону давлатмандон як бозичаанд.

Хулоса, достони «Лайлӣ ва Маҷнун»- и Шоҳин аз бисёр ҷиҳатҳо ба достонҳои ҳамноми гузаштагон монандӣ, ҳамоҳангӣ дошта бошад ҳам, шоир дар тасвири воқеаю ҳодисаҳо, характеру хусусияти қаҳрамонҳои асосии достон иловаҳои зиёде дохил кардааст, ки онҳо инъикоси масъалаҳои муҳими рӯзгори адибанд ва Шоҳин зимни образҳои асосии асар –Лайлӣ ва Маҷнун онҳоро нишон додааст.

**«Бадоеуссаноеъ» ва мундариҷаи илмии он**

Шамсиддин Шоҳин дар поёни умраш «Бадоеуссаноеъ»-ро иншо намудааст. Ин асар бо наср навишта шуда, чунон ки аз номаш маълум аст, доир ба санъатҳои бадеӣ материали адабӣ медиҳад. Дар асар рамз, киноя, маҷоз, истиора, ташбеҳ, тамсил, талмеҳ ва ғайра ба таври васеъ истифода шудаанд. Мавзӯи асар асосан як масъала аст: танқиди ҷамъияти онрӯза, танқиди амир, соҳибмансабон ва давлатмандон. Илова бар ин, аз байни ҳамаи ҳикоёту иборот образи худи муаллиф ба тарзи барҷаста намудор мегардад. Шоҳин дар асарҳои аз ин пеш эҷодкардааш ин масъаларо тасвир карда буд. Акнун онро боз ҳам ҷиддитар ба қалам додааст.

Дар порчаи поён Шоҳин дар баробари танқид намудани амир, ки худ золиму зулмпарвар аст, боз ӯро аз он ҷиҳат айбдор мекунад, ки ба сари мансаб касонеро мегузорад, ки онҳо дар зулму золимӣ, беандешагӣ ва бехи-

радӣ аз амир ҳам гузаштаанд: «Чароғи афрӯхтаро ҷое, ки равған диханд, доман мезананд – чӣ уммеди рушноӣ! Ва кӯдаки навомӯхтаро ҷое сим диханд, бим медиханд – чӣ таманнои ошноӣ... Фарёд аз ин доягони бемехр, ки ба атфоли худ ба ҷои шир хун медиханд. Мурғи хонагиро аз бедонагӣ ҳаром мекушанд, то ҳалол шавад. Ва ҷӯчаи сихпарро ба сих мекашанд, то шағол набарад».

Биёед матни болоро якҷоя таҳлил менамоем. Дар ин ҷо «Чароғи афрӯхта» ба маънои коре, амале омадаст. Ин соҳибмансабони бефаҳму фаросат аз кундфаҳмӣ корро бадтар мегардонанд. Дар ин ҷо адиб ибораи «доман задан»-ро меорад, ки маҷозӣ буда, ба маънои бод додани чароғ омадааст. Ин амал ҳамон тавр аст, ки касе чароғро шамоли сахт медиҳад, шарорае аз он ба равғани дар замин рехта расида сӯхтори азиме ба вуҷуд хоҳад омад. Дигар Шоҳин мегӯяд, ки кӯдаки навомӯхт, яъне шахси бетаҷрибаро ба ҷои кумак расондан метарсонанд. Шоҳин пас ба хулоса меояд ва садои эътирозаш баланд мегардад ва дар ин кор доягони бемехр (соҳибмансабон, ҳокимонро дар назар дорад), ки ба ҷои шир хун медиҳанд, яъне оммаро зулму ситам мекунанд ва ҷӯҷаи сихпар[1] (камбағалон, бечорагонро дар назар дорад) ба баҳонаи аз ҷанги шағол раҳо кардан, худашон кушта мехӯранд. Адиб дар образи шағол амалдори калон ё худи амирро дар назар дорад.

Дигар масъалае, ки Шоҳин дар ин асараш ба он аҳамият додааст, аз тарафи амир ба аскарҳо, посбонҳо ва дигар роҳбарону соҳибмансабон муайян намудани маош аст, то ки дуздию пораҳӯрӣ, истисмори халқи мазлум то андозае кам гардад. Албатта, Шоҳин доир ба ин масъала фикри маорифпарварии Аҳмади Донишро боз ҳам инкишоф додааст. Ҳанӯз Дониш дар «Наводирулвақоеъ» ин масъаларо дар назди амир гузошта буд, вале онро амир қабул накард. Ба тарзи бадеӣ ба воситаи рамзу киноя нишон додани фикри пешқадами Дониш аз эҳтироми Шоҳин ба ин мутафаккири бузург шаҳодат медиҳад. «Маоши мир агар ба навкар нарасад, гилаи мир аз танхоҳ[2] аст. Ва моҳонаи вазир агар ба аскар нарасад, шикваи вазир аз подшоҳ аст. Туфанги бетир киро аз по нишонад ва паланги беҷанг киро аз ҷо фишонад. Оҳан то тафта[3] накунӣ дар чӯб наравад ва тир то оташ надиҳӣ, аз чӯб наҷаҳад. Заминро дона деҳ, то хирман даравӣ ва тӯтиро шакар деҳ, то сухан шунавӣ».

Порчаи дар боло овардашуда аз ду қисм иборат аст. Дар қисмати аввал мақсади асосии адиб инъикос ёфтааст. Яъне Шоҳин таъкид менамояд, ки ба зердастон, мансабдорон моҳонаю маош додан зарур аст ва дар қисмати дуюм ҳамин фикри боло бо мақол, суханони ҳикматнок, умуман далелу бурҳони мухталиф ҷамъбаст гардидааст. Қисмати аввал то «подшоҳ аст»... давом мекунад ва қисмати дуюм аз ибораи «Туфанги бетир»... шурӯъ гар-

---

[1] *Ҷӯчаи сихпар* – ҷӯҷае, ки ҳанӯз дуруст пару бол набаровардааст.
[2] *Танхоҳ* – маош, пули нақд, зар, мол.
[3] *Тафта* – тафсондан, гарм кардан.

дида, то охир давом кардааст.

Умуман, «Бадоеуссаноеъ» бо чунин услуб нигошта шудааст ва аз ин чиҳат бо чунин хусусиятҳояш дар адабиёти гузашта дар насри классикии точик нав аст.

Дигар, «Бадоеуссаноеъ» аз чиҳати забон ва сабки баён ба «Гулистон»-и Саъдӣ, «Баҳористон»-и Ҷомӣ монандӣ дорад.

Воқеан, дар «Бадоеуссаноеъ» порчаҳои содаю равон фаровонанд. Аммо қисмати зиёди насри Шоҳинро калимаю ибораҳои душворфаҳм, ибораю таркибҳои арабӣ ташкил медиҳанд, ки барои хонандаи имрӯза то андозае душворӣ меоранд. Насри Шоҳин дар пайравии асарҳои насрии Мирзо Абдулқодири Бедил иншо шудааст. Албатта, ин услуби хоси Шохин буд ва ба ин восита маҳорати адабии Шамсиддин Шоҳин муайян гардидааст.

**Савол ва супориш**

1. Шоҳин ба писараш дар борам кӣ хикоят кард? 2. Адиб дар борам мактабхониаш чӣ мегӯяд? 3. Дар ҳаёти оилавии Шоҳин чӣ мусибате омад ва кӣ ба ӯ кӯмак расонд? 4. Шохин ба дарбор чӣ хел роҳ меёбад? 5. Вазифаи ӯ дар он чо аз чӣ иборат буд? 6. Асарҳои адабии Шоҳинро номбар кунед. 7. Чаро маснавии «Тӯхфаи дӯстон» нотамом монд? 8. Шоҳин дар пайравии кадом асар маснавиашро эчод намудааст? 9. Мундаричаи идеявии асарро накл кунед. 10. Ӯ дар асарҳои хурди лирикиаш кадом масъалаҳои муҳими замонаашро инъикос намудааст? 11. Кадом жанри хурди лирикӣ дар эчодиёти ӯ мавкеи асосӣ дорад? 12. Чаро Шохин достони «Лайлӣ ва Мачнун»-ро иншо кард? 13. «Лайлӣ ва Мачнун»-и Шохин аз дигар достонҳои ҳамномаш чӣ фарк дорад? 14. Образи Мачнуни Шохин аз Низомӣ, Хилолӣ бо кадом хусусиятҳояш фарк мекунад? 15. Шумо дар байни Лайлии Ҳилолӣ ва Шохин чӣ тафовутҳоро мушохида кардед? 16. Ба фикри шумо, Шоҳин дар тасвири вокеа ва каҳрамонҳои асосии достон ягон муваффакият дорад ё не? 17. Шоҳин чаро номи асарашро «Бадоеуссаноеъ» гузошт? 18. Шумо чи хел исбот мекунед, ки Шоҳин ин асарро дар поёни умраш иншо кардааст? 19. Сохти композисионии «Бадоеуссаноеъ» чӣ хел аст? 20. Асари мазкур бо маснавии «Тӯхфаи дӯстон» аз кадом чихат монанд аст? 21. Дар асар кадом масъалахо инъикос ёфтаанд? 22. Услуб ва тарзи баёни нависанда чӣ гуна аст? 23. «Бадоеуссаноеъ» аз кадом чиҳат ба асарҳои насрии Бедил монанд аст? 24. Навоварии Шохинро дар ин асар дар чӣ мебинед? 25. Кадом асари Шоҳин дар эчодиёти адиб макоми бузург дорад? Чаро? 26. Шамсиддин Шохинро охирин намояндаи адабиёти классикӣ гуфтан равост? 27. Шохин дар инкишоф додани идеяҳои маорифпарварии Ахмади Дониш чӣ хизмат кардааст?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*

1. Х. Мирзозода. Шамсиддин Шоҳин. Сталинобод, 1956.
2. Р. Ҳодизода. Шоҳин. «Дониш», Душанбе, 1974.
3. Т. Миров. Дастури методии «Адабиёти точик» барои синфи 9. «Маориф». Душанбе, 1986.

## ФИКРҲОИ ҶАМЪБАСТӢ ДАР БОРАИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИК

Хонандагони азиз, дар синфи VIII ва имсол дар синфи IX асосан адабиёти классикии тоҷикро омӯхтед, бо намояндагони барҷастаи он шинос шудед. Чунон ки дидед, адабиёти гузаштаи мо моломоли ганҷ аст, ганҷи сухан, ки он аз ҳама сарват қиматтар мебошад. Биёед ҳамроҳ бори дигар ба ин ганҷина оҳиста қадам гузорем, бубинем, андеша кунем, ки аз қиматтарин дурру гуҳари он чӣ дастовезе барои рӯзгори оянда гирифтем.

1. Дар ҳақиқат, сарчашмаи асосии адабиёти гузашта, пеш аз ҳама, эҷодиёти даҳанакии халқ аст ва имрӯзу фардо низ ҳамон хоҳад буд. Намояндагони барҷастаи адабиёти классикии мо аз нақлу ривоят, асотиру афсона ва аз дигар сюжетҳои халқӣ эҷодкорона истифода бурдаанд.

2. Адабиёти классикӣ инъикоси проблемаҳои муҳимтарини ҳар давру замон буд. Аз тарафи дигар, адибони классик ба воситаи тасвири ҳодисаҳо хонандагонро бо ҳаёту мубориза аҷдодон барои ободии кишвар, ягонагӣ, муттаҳидӣ, озодӣ ва ғайра ошно намуда, дар дили онҳо нисбат ба халқу Ватан машъали меҳру муҳаббатро афрӯхтаанд.

3. Адабиёти классикӣ барои наслҳои имрӯза ва оянда, умуман барои инсоният образҳои ҷавидона ба мисли Рустам, Коваи Оҳангар, Гурдофарид, Ширин, Фарҳод, Исмоили Сомонӣ ва ғайра офаридааст. Ҳар кадоми онҳо барои бахту саодати халқ, барои беҳбудии рӯзгори инсон мубориза бурдаанд ва барои ҳар як фард намунаи ибратанд.

4. Адабиёти классикӣ бо идеалҳои олӣ ва барҷастаи худ дар дили мардум маъво гирифтааст. Идеали шоҳи одил, ки ҳанӯз аз эҷодиёти халқ, аз «Авесто» сарчашма мегирад, дар эҷодиёти адибони пешқадам бо сабкҳои хос инъикос ёфтааст. Идеяи шоҳи одилро дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (Фаридун, Ҷамшед), «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ (Ширин), «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдӣ (Нӯшервони Одил), «Хираднома Искандарӣ»-и Ҷомӣ (Искандар), «Комде ва Мадан»-и Бедил, «Тӯҳфаи дӯстон»-и Шоҳин ва дигарон ба хубӣ мебинем.

5. Ҳамаи классикони мо тарафдори шоҳи одил будаанд. Шоҳро сояи Худо дар замин ҳисоб мекарданд.

Вале дар асрҳои минбаъда доираи ҷаҳонбинии адибон инкишоф ёфт, яъне интихобӣ будани шоҳро ба миён гузоштанд. Ин идея дар достони «Хираднома Искандарӣ»-и Ҷомӣ дар образи Искандар ба калам дода шудааст. Аҳмади Дониш дар «Наводирулвақоеъ» ҳатто ҳукмронии шоҳро маҳдуд карда, барпо намудани давлати монархияи конститутсионӣ ё парламентиро пешниҳод намуд. Ҳамаи ин масъалаҳои сиёсӣ ба тарзи динамикӣ дар асарҳои бадеии классикон тасвир ёфтаанд.

6. Муҳимтарин идеали олие, ки классикон дар асарҳои худ ба калам

додаанд, ин идеяи ҷомеаи хаёлӣ ё бесинф аст. Ин идея аз «Авесто» ва «Қуръон» ибтидо мегирад. Пасон ба адабиёти хаттӣ ворид гашта, нахуст дар «Шоҳнома» (Ба шимол ба назди бараҳманон рафтани Искандар), дар Низомӣ, Амир Хусрав ва дигарон давом меёбад ва ниҳоят дар достони «Хираднomaи Искандарӣ»-и Ҷомӣ ба нуқтаи олии худ мерасад.

7. Дар адабиёти классикӣ бисёр масъалаҳое инъикос ёфтаанд, ки имрӯз ҳам қимату арзиши худро гум накардаанд. Проблемаи ҷангу сулҳ, ки ҳанӯз дар асри Х классикони моро ба ташвиш оварда буд, имрӯз ҳам дар сайёра инсониятро ба душвориҳо рӯбарӯ гардонидааст.

Классикон хирадмандона таъкид намудаанд, ки ҳамаи масъалаҳои муҳими давлатиро ба воситаи гуфтушунид, мубодилаи афкор ҳал кардан мумкин аст. Чунончи Абӯшакури Балхӣ ба ҳамин маънӣ ишорат намуда гуфтааст:

Ба нармӣ барорад басе чиз мард,
Ки он барнаёяд ба ҷангу набард.

8. Адабиёти классикӣ сарчашмаи панду ахлоқ аст. Суханони пурҳикмати адибони гузашта ба кулли инсонҳо тааллуқ доранд ва дар шоҳроҳи зиндагӣ барои инсон чароғи раҳнамо ҳастанд. Бузургони гузашта барои ҳар як фард дар зиндагӣ таҷрибаи ҳаётро шарти аввалин ё омӯзгори нахустин ҳисоб кардаанд. Устод Рӯдакӣ (Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор, Ҳеч н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор), Абӯшакури Балхӣ (Магар пеш биншонадат рӯзгор, Ки беҳ з-ӯ наёбӣ ту омӯзгор) ва Фирдавсӣ (Касе к-ӯ бувад судаи рӯзгор, Наёяд ба ҳар кораш омӯзгор) ва дигар адибон ин маъниро басо равшан ифода намудаанд.

9. Дар адабиёти классикӣ мубориза некию бадӣ, рӯшноию торикӣ, ҳаёту марг ҳамеша давом кардааст. Муборизаи ин қувваҳо дар симои Ҳурмузу Аҳриман, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун, шоҳони одилу золим, ашхоси неку бад зимни образҳо, ҳодисаю воқеаҳои мухталиф инъикос ёфтаанд. Як ҷиҳати муҳимтарини ин муборизаҳо дар он аст, ки ҳамеша некӣ бар бадӣ, рӯшноӣ бар торикӣ, ҳаёт бар марг ғолиб меояд. Шояд дар зиндагии инсонҳо ин тавр ҳам намешуд, вале ба ин тариқ ҳал намудани масъала орзую умеди халқ ва адибони пешқадами гузашта буд.

10. Гуманизми адабиёти классикӣ бисёр олӣ буд. Адибони бузурги гузашта дар симои қаҳрамони асарҳои худ ҳамчун қаҳрамони лирикӣ баромад карда, манфиати омма, мардуми бечораро ҳимоя намудаанд. Онҳо мададгор ва ҳомии халқ буданд, ягонагӣ, ҳамфикрӣ, бародарӣ ва баробарии тамоми халқҳо, миллатҳои сайёраро илқо намудаанд. Фирдавсӣ идеяи баробарию бародарии Маздакро тарафдорӣ намуд. Доир ба ин масъала шахсият ё ҳаёти Саъдии Шерозӣ ва Ҷалолиддини Румӣ мисоли равшан аст. Саъдӣ барҳақ инсони сайёраро ба узвҳои як бадан монанд намудааст. Ин марди хирадманд аз инсонҳо талаб ва хоҳиш дорад, ки бо ҳам дӯсту карин бо-

шанд, ба якдигар дасти ёрию мададгорӣ дароз намоянд:

Банӣ одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад карор.

Ҷалолиддини Балхӣ одами хоксори меҳнаткаш, инсони комил, фарди поку некӯсириштро эҳтиром менамуд. Вакте ки Ҷалолиддини Балхӣ вафот кард, шогирдону мухлисони ӯ дар маросими дафни устод ҳар кадоме расму маомули худро ичро намуданд. Як гурӯҳ бо суруду мусикӣ, дигаре бо гиряю нола часади ин марди бузургро ба хок супориданд. Оре, зиндагию эчодиёти чунин адибон барои ояндагон мактаби омӯзиш ва ибрат аст.

11. Адабиёти классикӣ хусусияти таълимию тарбиявӣ дошта, ба воситаи образҳои бадеӣ дар ниҳоди шахс хислатҳои ҳамидаи инсониро мепарварад. Аз каҳрамонҳои асарҳои устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҷомӣ, Восифӣ, Сайидо, Шоҳин, Дониш ва дигарон ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, поквичдонӣ, накӯкорӣ ва дигар хислатҳои хуби инсониро омӯхта, саъю кӯшиш менамоянд, ки дар шоҳроҳи зиндагӣ мавкеи худро ёбанд. Ба душманони халку Ватан мисли Рустам мубориз ва ватандӯст бошанд. Маҳз таъсири чунин образҳои човидона буд, ки дар Ҷанги Бузурги Ватании соли 1941–1945 садҳо фарзандони халки точик барои истиклолу озодии халку кишвари худ ба мукобили фашизм рустамона мубориза бурда, баъзеашон дар ин роҳ каҳрамонона ҳалок шуданд ва кисми дигаре бо ғалаба баргаштанд. Аҳамияти тарбиявии образҳои барчастаи адабиёти классикӣ низ дар ҳамин аст.

12. Адабиёти классикӣ вобаста ба вазъияти сиёсиву ичтимоии ҳар як давр тағйир ва такмил ёфт. Махсусан, пас аз истилои Осиёи Миёна аз тарафи Россияи подшоҳӣ дар адабиёт низ дигаргуниҳои калон рух доданд. Равшан аст, ки адабиёт надстройкаи чамъият аст. Вобаста ба настройка базис ҳам тағйир меёбад. Аз ин рӯ, вобаста ба ҳодисаҳои сиёсии таърихӣ дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX чараёни маорифпарварӣ пайдо шуд, ки ин ҳам мантикан давоми анъанаҳои пешкадами адабиёти гузашта ба ҳисоб мерафт. Вале вобаста ба замону шароит аз он фарк дошт.

Танкиди чаҳолатпарастии золимон, иллатҳои дигари чамъият дар эчодиёти маорифпарварон кавитар, тезутундтар ва реалитар гардид. Аз тарафи дигар, ба тарзи мукоиса кафомондагии аморати Бухороро бо ҳаёти сиёсӣ ва маданиии мамлакатҳои пешкадами Европа нишон доданд. Ба ин восита комёбиҳои иктисодӣ ва маданиии халкҳои Европаро ба хонандаи Осиёи Миёна равшан намуданд, ки ин кор барои дар оянда инкишоф ёфтани чаҳонбинии сиёсии мардуми Осиёи Миёна басо аҳамиятнок буд.

Таблиғи маданияти пешкадам ва омӯзиши забонҳои гуногун ва ифода ёфтани ин масъалаҳо дар осори маорифпарварон хизмати адибони маорифпарварро нишон медиҳад.

Камбудии асосии маорифпарварон дар он зоҳир гардид, ки муборизаи

синфиро дарк карда натавонистанд. Онҳо иллату нуқсонҳоро нишон дода истода, роҳи аз он халос намудани оммаро нафаҳмиданд. Сарвари маорифпарварон Аҳмади Дониш ин масъаларо то андозае ҳис карда пешгӯй карда буд: «Осмон ба сари онҳо фуруд ояд».

13. Адабиёти классикӣ дар давоми мавҷудияти худ ба шакл даромад, бо намуду жанр ва шаклҳои адабӣ бой гашт, ки бештари ин жанру намудҳо дар эҷодиёти адибони садаи XX-и тоҷик низ бомуваффақият давом карданд.

Ягонагии шаклу мазмун, ки яке аз принсипҳои муҳимтарини адабиёти бадеӣ ҳаст, дар ин асрҳои тӯлонӣ, махсусан дар эҷодиёти адибони пешқадам пурра риоя карда шуд ва ин анъана ё принсипи эҷоди бадеӣ дар замони мо дар осори нависандагон боз ҳам мустаҳкамтар гардид.

14. Адабиёти классикӣ барои рушду камолоти адабиёти муосири тоҷик яке аз сарчашмаҳои асосӣ гашт. Принсипҳои образофарӣ, идеяҳои пешқадам, умуман анъанаҳои беҳтарини адабиёти гузаштаро адибони тоҷик эҷодкорона дар асрҳояшон истифода мебаранд.

15. Адабиёти классикӣ сарчашмаи ифтихори на танҳо халқҳои эрониНажод, балки бузургтарин ва нодиртарин ганҷинаи хирад, ақлу заковат ва маънавиёти башарият ба шумор меравад. Зиёда аз ҳазор сол миллату халқиятҳои мухталифи сайёраи мо аз ин ганҷи ноёб панди рӯзгор, садоқат ба кишвару бум, поквиҷдонӣ, адолатхоҳӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаро омӯхтаанду меомӯзанд.

Адабиёти классикӣ ба ҳар як асру замон, ба ҳар як фард, миллат ва давлати дунё хизмат кард, мекунад ва хизмат хоҳад намуд.

16. Адабиёти классикӣ олами нафосат, олами зебоист. Ба дардҳо дармон ва ба дилҳо сомон мебахшад. Кас аз осори ин ганҷина бархурдор шуда, қалбаш ба шӯру ғалаён меояд. Дар назараш зиндагӣ, дунё боз рангинтар, зебою раънотар шуда, ҳаёт барояш лаззати дигар пайдо мекунад. Аз ин рӯ, ба воситаи омӯзиши адабиёти классикӣ ҷиҳатҳои эстетикии хонандагон тақвият меёбад. Оре, ҳар як фард аз ин ганҷина барои худ мувофиқи ҷаҳонбинию фаросаташ дурру гуҳар мегирад.

17. Адабиёти классикӣ сарвати бебаҳои забони модарист. Таркиб ва фонди луғавии забони қадима ва имрӯзаи моро ташкил медиҳад. Маҳз, тавассути ин ганҷинаи хирад забони модарии мо яке аз забонҳои қадимтарини инкишофёфта ва бойтарини ҷаҳон эътироф шудааст.

**Савол ва супориш**

1. Адабиёти классикиро шумо чӣ тавр мефаҳмед? 2. Ҳамаи адибони гузаштаро классик номидан равост? 3. Кадом адибони гузашта ба шумо маъқуланд ва чаро? 4. Адабиёти классикиро ба чанд давра тақсим мекунанд? 5. Хизмати намояндагони пешқадами адабиёти классикиро шумо дар чӣ мебинед? 6. Аз кадом ҷиҳат адабиёти классикиро яке аз сарчашмаҳои асосии адабиёти муосири тоҷик мегӯянд? 7. Адабиёти классикӣ чӣ аҳамияти таълимию тарбиявӣ дорад? 8. Дар инкишофи забони тоҷикӣ адабиёти классикӣ чӣ нақше дорад?

# АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК



## САДРИДДИН АЙНӢ

*Осори бузурги Садриддин Айнӣ, ки саросар зиндагиро вакфи хидмат ба одамизодагон кард ва партаве бар ҷаҳони маърифат тофт, ки ҳаргиз фурӯ нахоҳад нишаст, дар миён ҳаст ва хоҳад буд ва ҷовидон хоҳад монд.*

*Саид Нафисӣ*

### Тарҷумаи ҳол

«Ёд дорам, – мегӯяд шодравон адабиётшинос Туракул Зеҳнӣ, – ки саҳни Регистон моломоли одам буд. Ман ҳам тамошо доштам. Як вакт садои ғул-ғул баланд шуд, ки мегуфтанд: «Айниро оварданд, Айниро оварданд!». Айниро оварда ба пушти як нафар шахсе, ки чун Деви Ғул истода буд, гузоштанд. Аз ду даст ва китфаш маҳкам медоштанд. Як банд чӯби зарангро оварда, ба наздаш гузоштанд. Агар чӯбе шиканад, дигарашро ба кор бурданӣ буданд. Фармондеҳи он девсиратон фармони «Як, ду»-ро медод. Чӯбдорон бо чӯби якуниммегрӣ ба тахтапушти бараҳнаи устод мезаданд. Бадани ӯ аввал сурх шуд, баъд нилӣ гардид ва сипас дар зери зарбаи чӯб парчаҳои гӯшти бадани устод ба ҳар тараф пош хӯрдан гирифтанд. Баъзе ҷоҳилони ҳайвонтабиат барои он ки садоқати хешро ба амир нишон диҳанд, бо дасту мушти худ Айниро мезаданд. Аммо дар ҳангомаи хунин одамоне низ буданд, ки дарун-дарун сӯхта, дуд аз димоғ бароварда, чакраҳои хуни ҷигар аз дидаҳо шашқатор мерехтанд.

Айниро пас аз зарби ҷонгудози 75 чӯб дар ҳолати мадҳушӣ ба зиндон андохтанд. Фардои он рӯз, яъне 8-уми апрели соли 1917 сарбозони рус аз Когон ба Бухоро ворид гардида, зиндониён, аз он ҷумла устод Айниро озод карданд».

Ҳамаи ин ранҷу озорҳо, зарбаҳои ҷонгудоз, ки насиби устод Айнӣ гардид, ба чӣ хотир буд? Чӣ гуноҳи азим содир кард? Гуноҳи ӯ он буд, ки мехост дар байни мардум чароғи илму ирфон, машъали маърифатро фурӯзон намояд, ба фарзандони халқ дониш омӯзонад, китобҳои дарсӣ иншо кунаду ҷавононро ба ростӣ, ба покӣ раҳнамо созад. Танҳо ҳамин«гуноҳаш» буд. Хушбахтона, толеъаш саъд омад, аз зиндони амирӣ раҳо ёфт, озод гардид ва ба халқи азизу

кишвараш хизмати шоиста кард ва сазовори номи баланд – **Асосгузори адабиёти навини тоҷик** ва рутбаи олӣ – **Қаҳрамони Тоҷикистон** гардид.

Садриддин Айнӣ 15 апрели соли 1878 дар деҳаи Соктареи (Айнии ҳозира) вилояти Бухоро таваллуд ёфтааст. Падари устод Айнӣ Саидмуродхоҷа марди деҳқон буда, аз касби деҳқонӣ рӯзгори хешро таъмин мекард. Вале азбаски замин кам дошт, ба хотири қути лоямути аҳли оила боз ба касби сангиосиётарошӣ машғул мегардид. Саидмуродхоҷа марди оқил буд ва хату савод ҳам дошт. Чанд сол дар мадраса ҳам таҳсили илм кард. Вале рӯзгор ӯро имкон надод, ки таҳсилашро дар Бухоро давом диҳад. Маҷбур шуд, ки боз ба деҳа баргардад. Аз ин рӯ, ӯ бисёр мехост, ки ба ҷояш фарзандонаш хонанд ва соҳибмаърифат гарданд.

Садриддин таҳсили ибтидоиро нахуст дар назди Бибихалифа, дар мактаби духтарона оғоз кард. Дар он ҷо хату савод баровард. Вале дар ҳамин айём дар музофоти Бухоро, аз ҷумла дар деҳи Соктаре касалии вабо доман густурд. Ин дарди бедармон аввал падари Айнӣ Саидмуродхоҷа ва пас аз 40 рӯз модари ӯро ба коми худ фурӯ бурд. Дар ин ҳангом Садриддин ёздаҳ сол дошт. Акнун ятимӣ, бори зиндагӣ ба сараш афтод. Сарпарастии оила– бародарони хурдсолаш Сироҷиддин ва Кироммиддин ба дӯшаш афтод.

Баъд аз як сол Айнӣ бародаронашро ба тарбияи модаркалонаш супорида, барои давом додани таҳсил роҳи Бухороро пеш гирифт. Ин ҳодиса соли 1890, дар синни дувоздаҳсолагиаш рӯй дода буд.

Устод Айнӣ дар Бухоро дар мадрасаҳои Мири Араб, Бадалбек, Хоҷа Зоҳид, Кӯкалтош дар назди донишмандон таҳсили илм карда, дар баробари ин барои пайдо кардани қути лоямут дар ҷойҳои гуногун ба қори ҷисмонӣ машғул гардид. Махсусан, чанд муддат дар хонаи Садри Зиё хизмат ва зиндагӣ кард. Маҳз устод дар ҳамин ҷо бо аҳли адаби Бухоро шинос шуда, дар маҷлисҳои адабии онҳо иштирок кард. Хонаи Шарифҷонмаҳдум барои ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии нависанда, муайян намудани роҳи эҷодии ӯ роли муҳим бозид.

Нуқтаи назари устод Айнӣ пас аз мутолиа кардани асари Аҳмади Дониш «Наводирулвақоеъ» нисбат ба сохти пӯсидаи аморати Бухоро тамоман дигар гардид ва нисбат ба ин ҷамъияти фарсуда дар дили ӯ як нафрати ниҳоние пайдо шуд. Аз ин рӯ, дар ибтидои асри XX устод дар эҷодиёташ идеяҳои пешқадами маорифпарварон Аҳмади Дониш ва Шоҳинро давом дода, роҳи ояндаи худро муайян намуд.

Ғайр аз ин, нависанда дар ин давра хеле рушду камол ёфт. Ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвараш аз диди дигар назар кард. Ҷаҳолат ва қафомондагии Бухорои Шарифро амиқтар дарк намуд. Махсусан, мутолиаи рӯзномаҳои «Чеҳранамо» ва «Тарҷумон», ки дар Ҳиндустон ва Боғчасаройи Қрим ба табъ мерасиданд, чашмони устодро кушод. Баъд аз ин устод ба шаҳру деҳоти кишвар баромада, бо мардуми оддӣ воҳӯрӣ ва сӯҳбатҳо орост. Кушодани мактабҳои навро ба эшон тавсия намуд. Ҳамин тавр, устод яке аз аввалинҳо шуда барои мактабҳои нав ки-

тобҳои дарсӣ иншо намуд. «Таҳзибуссибиён»-ро Айнӣ маҳз ба ҳамин хотир соли 1909 барои шогирдон офарид, ки имрӯз ҳам басо арзишманд аст.

Чунин корҳои хайр ба амиру қушбегӣ маъқул набуданд. Аз ин хотир ҳамеша чунин ашхоси ҷонсупор ва бомаърифатро таъқиб менамуданд, мекуштанд, ба зиндон мепартофтанд, ки устод Айнӣ ҳам, чунон ки қаблан ёдовар шудем, шаҳди онро чашида, зиндонӣ шуда, 75 чӯб хӯрда буданд.

Инқилоби Октябр ғалаба кард. Айнӣ нафаси тоза гирифт. Акнун устод ба ҳар як кор пешвою раҳнамо буд. Аз Самарқанд ба Тоҷикистон – ба Душанбе омад. Мирзо Турсунзода омадани устодро дар достони « Чароғи абадӣ» бо ифтихору ҳаяҷони беандоза, бо садоқату самимияти хос чунин ба қалам додааст:

Қатор омад, вагон-поезд омад,
Ба ҷони интизорон, ҷон даромад.
Ду чашми ман ба дарҳои вагон шуд,
Мана, аз дар адиби мо аён шуд,
Намоён гашт фарзанди Бухоро,
Ҳамон тавре, ки дидӣ дар «Алифбо».
Сафедӣ риши ӯ ишғол карда,
Танашро хастагӣ беҳол карда.
Валекин дил ҷавон, пурҷӯш сина,
Асо дар даст по монад ба зина.
Қариб аз нур монда чашмҳояш,
Шуда ларзон садояш, дасту пояш.
Адиби хешро оғӯш кардем,
Заданҳои диламро гӯш кардем.
Ба устоди қаламкаш дод пайғом,
Тамоми шаҳр аз ҳар як дару бом.
Салом омад, дуруд омад ба Айнӣ,
Саломи ҷуи суруд омад ба Айнӣ.

Пасон устод Айнӣ дар Душанбе манзил ихтиёр кард ва сарвару роҳбари аҳли фарҳанг гардид. Пеш аз ҳама, барои такмилу инкишофи забони адабии тоҷик миён баст. Ба муқобили душманони миллат бо ду роҳ мубоkизаи беамон бурд. Нахуст бо навиштани асарҳои илмӣ ва сониян, бо эҷоди асарҳои бадеӣ. Ғолибият насибаш гашт ва забони тоҷикӣ пойдору бегазанд монд. Аз ҳама муҳимаш боз он, ки забони адабии тоҷик ва фонди луғавии он бой гардид, ташаккул ёфт ва дар арсаи байналхалқӣ мақому манзалати пешини хешро пойдор намуд.

Соли 1951 дар Тоҷикистон – шаҳри Душанбе Академияи улум ташкил ёфт ва устод Айнӣ нахустин Президенти он интихоб гардид. Дар тӯли солҳои зиёд ӯ дар ин даргоҳ хизмат кард ва дар густариши соҳаҳои мухталифи илму адаби ҷумҳурӣ, тарбияи олимон ва адибон саҳмгузор гашт.

Оре, устод умри бобаракати хешро ройгон нагузаронида, барои ягонагӣ ва ваҳдати миллат, илму фарҳанги он ҷоннисорӣ намуд. Устод Айнӣ 15 июли соли 1954 дар Душанбешаҳр вафот кард. Ҳоло мақбараи устод Айнӣ дар як ҷои хушманзараи Душанбе зиёратгоҳи аҳли адаб аст. Он ҷойро

Боғи Айнӣ мегӯянд. Боғи устод обод аст. Гулгаштҳои сабзу хуррам, дарахтони сарву чинор ва ғайра, ки сар ба афлок кашидаанд, гӯё аз чор тараф устодро посбонӣ доранд. Рафтуомади меҳмонон ва мухлисон поён надорад. Дар ин гулбоғи устод ҷамъомадҳои фарҳангӣ, базми шеъру суруд баргузор мегарданд. Қабри устод гулпӯш аст. Халқи тоҷик бо номи ин фарзанди фарзонаи худ ифтихору сарбаландӣ дорад. Яке аз мавзеъҳои бошукӯхтарини Душанбе Майдони Айнӣ номгузорӣ шудааст, ки дар маркази он ҳайкали устод бо шукӯҳу ҷалол қомат афрохтааст. Ин ҷой низ зиёратгоҳи мардум аст, ҷашни Наврӯзи Аҷам дар назди ҳайкали устод таҷлил меёбад.

Оре, хизмати ин марди бузург дар вақташ низ қадрдонӣ шуда буд. Пас аз он ки ҷумҳурӣ соҳибистиқлол гашт, мақому мартабаи устод Айнӣ боз ҳам боло гирифт. Соли 1998 ба устод унвони олӣ–Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд. Ӯ аввалин Қаҳрамони Тоҷикистон аст.

Чунон ки дидем, хизмати устод Айнӣ дар пойдории миллат ва рушду камоли илму адаб ва такмили забони адабии имрӯзаи тоҷик пурарзиш аст. Боз пурқиматтарин хизмати устод Айнӣ мероси илмию адабии ӯст, ки ба наслҳои имрӯзу оянда чун дурри ноёб, волотар аз зару зевар мерос гузоштааст.

Мероси илмию адабии устод Айнӣ ба забонҳои англисӣ, немисӣ, ҳиндӣ, хитоӣ, фаронсавӣ ва ғайра тарҷума ва нашр гардида ва аз тарафи шарқшиносон баҳои арзанда гирифтаанд. Аз ин хотир, устод Айниро дар радифи бузургтарин адибони дунё гузоштаанд. Бесабаб нест, ки соли 1978 бо қарори ЮНЕСКО ҷашни 100-солагии зодрӯзи Садриддин Айнӣ дар тамоми кишварҳои дунё бо тантана таҷлил гардид.

## МЕРОСИ ИЛМӢ ВА АДАБИИ УСТОД

**Мероси илмии устод Айнӣ**

Садриддин Айнӣ ба эҷоди асарҳои илмӣ ҳанӯз дар ибтидои асри XX шурӯъ карда буд. Аввалин асарҳои илмии устод китобҳои дарсӣ буданд, ки барои мактабҳои навтаъсис иншо гардиданд. Яке аз онҳо «Таҳзибуссибён» аст, ки устод аз нигоҳи нав барои толибилмони хурдсол онро иншо кард. Дар китоб дар баробари додани қоидаҳои забон ҳикояҳои хурди пандомез, ки бештари онҳо эҷоди худи муаллиф буданд, дохил гардидаанд.

Пас аз Инқилоби Октябр як гурӯҳ донишмандоне пайдо шуданд, ки мавҷудияти миллати тоҷик ва забону адабиёти моро инкор мекарданд. Устод ба муқобили ин ҷараёни носолими пантуркизм бархоста, китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро соли 1926 иншо намуд. Устод дар ин асар исбот кард, ки тоҷикон мардуми таҳҷоии ҳамин сарзамин (Мовароуннаҳру Хуросон) буда, забону фарҳанг ва адабиёти қадима доранд. Устод дар асар намунаҳои зиёде аз эҷодиёти адибони пешин ва ҳамзамононаш оварда, исбот менамояд, ки чароғи илму адабро кайҳо дар ин сарзамин устод Рӯдакӣ, Кисоии Марвазӣ, Абӯҳафси Суғдӣ ва дигар адибон фурӯзон карда буданд.

Ба ҳамин тарик, дар асоси факту далелҳои эътимодбахш таърихи куҳан, фарҳангу адабиёти ғанӣ доштани тоҷиконро собит менамояд. Аҳамияти дигари ин асар боз дар он аст, ки барои муҳаққиқони оянда дар омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик маслиҳатҳои муфид медиҳад, ки имрӯз ҳам « Намунаи адабиёти тоҷик» басо арзишманд аст ва мардуми моро дар рӯҳияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ тарбият менамояд.

Пас аз ин устод Айнӣ дар бораи симоҳои барҷастаи фарҳанг ва адаби тоҷик ба навиштани асарҳои илмию тадқиқотӣ мепардозад. Соли 1934 асари пурарзиши худ дар бораи Фирдавсӣ ва«Шоҳнома»-и ӯро ба анҷом мерасонад. Ҳамин тавр, пай дар ҳам асарҳои «Шайхурраис Абӯалӣ Сино», «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ», «Устод Рӯдакӣ», «Камоли Хуҷандӣ», «Алишер Навоӣ», «Зайниддин Маҳмуди Восифӣ» ва амсоли инҳо ба табъ мерасанд. Устод дар асарҳои хеш бисёр масъалаҳои баҳсталаб ва ҳалнашудаи ҳаёту эҷодиёти адибони дар боло ёдшударо бо далелу бурҳонҳои қотеъ ҳал менамояд. Чунончи, солҳои тӯлонӣ доир ба бисёр масъалаҳои мубрами ҳаёту фаъолияти эҷодии Абулқосим Фирдавсӣ чи дар байни муаллифони сарчашмаҳо ва чи дар байни шарқшиносони Шӯравию хориҷӣ фикру мулоҳизаҳои мухталиф мавҷуд буданд. Аксарияти онҳо ривоятҳои афсонавиро ҳамчун факту далелҳои эътимодбахш қабул намуда, ба ғалатҳо роҳ дода буданд.

Вале, чунон ки устод Айнӣ мегӯяд, ҳаёти Фирдавсӣ бевосита дар «Шоҳнома»-и ӯ ба хубӣ инъикос ёфтааст. Бинобар ин, ҳангоми навиштани асар устод, пеш аз ҳама, ба «Шоҳнома» такя мекунад. Дар ин бора С. Айнӣ чунин мегӯяд: «Ман дар ин ҷо ба тарзи мухтасар чизҳоеро, ки дар бораи чӣ гуна навиштани «Шоҳнома» тазкира ва тарҷумаи ҳолнависони Шарқ навиштаанд, нақл мекунам ва пас аз он бо гуфтаҳои худи Фирдавсӣ ростӣ ва дурӯғии онҳоро ҷудо карда нишон медиҳам».

Яке аз фикрҳои ғалате, ки дар сарчашмаҳо ва асарҳои шарқшиносон паҳн шудааст ин аст, ки гӯё Фирдавсӣ бо супориши Маҳмуди Ғазнавӣ бо ваъдаи ба ҳар як байташ як мисқол тилло инъом додан бо машварату далолати Аёз, Унсурӣ, Ҳасани Маймандӣ ё барои муҳайё намудани ҷиҳози духтараш қалам ба даст гирифта, 35 сол ранҷ бурда, «Шоҳнома»-ро эҷод кардааст.

Устод С. Айнӣ барои исботи ин фикрҳои ғалат «Шоҳнома»-ро пурра мутолиа мекунад ва дар асоси абёти «Шоҳнома» нодуруст будани ақидаҳои онҳоро собит менамояд ва ниҳоят ба чунин хулоса меояд:

«Аз ин сатрҳо ошкоро маълум мешавад, ки Фирдавсӣ «Шоҳнома»-ро на бо фармуди Султон Маҳмуд, на ба номи ӯ, на бо далолати Аёз, на бо машварати Ҳасани Маймандӣ ё Унсурӣ ё Моҳак ба номи султон навиштааст ва на дар вақти навиштани «Шоҳнома» аз Султон ваъдаи ба ҳар байт як мисқол тиллоро гирифтааст, на боғ ва на дигар муованат дидааст. Балки пеш аз ҷулуси Султон Маҳмуд дар вақти ба инқироз рӯ овардани давлати Сомониён, дар айёми набудани харидор… ва дар вақти ноосуда, пур аз ҷанг будани ҷаҳон («Замона саросар пур аз ҷанг буд) бо машварати дӯсти худаш корро сар кардааст».

Дигар чиҳати муҳими асари устод боз дар он аст, ки сабабҳои объективии ба Султон Маҳмуд пешкаш намудани «Шоҳнома» ва ба Султон писанд наафтодани он, ҳачвномаи Фирдавсӣ, сарсону саргардониҳои зиёди шоир, азобу ранчҳои кашидаи ӯ ва ниҳоят дар бораи рӯзҳои вопасини ҳаёти Фирдавсӣ хеле муфассал маълумот дода, фикрҳояшро бо факту далелҳои раднопазир исбот намудааст.

Ғайр аз ин, устод ба масъалаҳои соли таваллуду вафоти шоир, солҳои навиштани «Шоҳнома», авлоди Фирдавсӣ, муқаллидони «Шоҳнома», забони асар ва ҳамин барин масъалаҳои ҳалнашуда равшанӣ андохтааст.

Чунон ки маълум аст, пас аз асари устод роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти Фирдавсӣ чи дар хориҷа ва чи дар кишвари мо асарҳои зиёди илмию тадқиқотӣ ба табъ расидаанд. Дар ин мавзӯъ як гурӯҳи калони олимон рисолаҳои номзадию докторӣ дифоъ карданд. Дар оянда боз ҳам паҳлуҳои ҳанӯз омӯхтанашудаи асари Фирдавсӣ аз шоҳасари ӯ давом мекунад. Зеро «Шоҳнома» асари бузург аст ва таҳлилу таҳқиқи ҳаматарафаи он аз тарафи мутахассисон солҳои зиёдро талаб мекунад.

Аз ин ҷиҳат хизмати устод Садриддин Айнӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ба таҳқиқи ҳаёту фаъолияти Фирдавсӣ ба воситаи асари офаридааш ибтидо гузошт ва роҳи ояндаи омӯзиши муҳаққиконро муайян намуд.

Ҳамин тавр, асари устод дар омӯзиши минбаъдаи эҷодиёти адиб як қутбнамои махсус ҳисоб мешавад. Муҳаққиқон махсус асари устодро сарчашмаи илҳом ва асоси асарҳои худ қарор доданд ва дар зери таъсири бавосита ё бевоситаи он тадқиқотҳои муҳими илмӣ иншо намуданд ва он дар оянда ҳам сарчашмаи асосӣ ба ҳисоб ҳоҳад рафт.

Устод С. Айнӣ ҳанӯз дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар бораи сардафтари адабиёти классикии тоҷикӣ-форсӣ Абӯабдулло Рӯдакӣ маълумот дода буд. Минбаъд омӯзиши ҳаёту эҷодиёти ин сипаҳсолори назм боз ҳам вусъат меёбад. Соли 1940 ду мақолаи муҳими С. Айнӣ «Устод Рӯдакӣ» ва «Қабри устод Рӯдакӣ ва деҳаи Рӯдак» дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» нашр мешаванд.

Бояд зикр кард, ки қимату арзиши ин ду мақолаи устод С. Айнӣ дар таърихи омӯзиши ҳаёт ва осори Рӯдакӣ басо бузург аст.

Барои эҷоди мақолаҳои мазкур С. Айнӣ чандин сол заҳмат кашида, асарҳои тазкиранависон ва муаррихони гузаштаро варақ зада, маводи фаровоне ҷамъ намуд. Бо вуҷуди ин ҳангоми таҳқиқи ҳаёту эҷодиёти Рӯдакӣ барои устод Айнӣ басо душвориҳо пеш омад. Зеро маълумоти сарчашмаҳои адабию таърихии роҷеъ ба Рӯдакӣ мухталиф буданд. Сониян, осори адиб то замони мо ниҳоят кам боқӣ мондааст. Дастранҷҳои Рӯдакӣ дар натиҷаи задухӯрдҳои амирони саркашу ҷангҷӯӣ ба тороҷ рафтаанд. Аз ин ҷост, ки С. Айнӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои асосии ҳаёту эҷодиёти Рӯдакӣ ба маъхазу сарчашмаҳои қадимтарин такя намуда, масъалаҳои мураккаби ҳаёти ӯро равшан месозад. Ӯ давраи ҳаёти Рӯдакиро ба чор қисм тақсим мекунад ва дар бораи ин давраҳо маълумоти пурарзиш медиҳад. Инчунин ҳангоми омӯхтани сарчашмаҳо баъзе намунаҳои ашъори устод Рӯдакиро пайдо кар-

да, онҳоро дар асараш таҳлил менамояд. Дар ин мақола хусусиятҳои асосии эҷодиёти Рӯдакӣ, мундариҷаи ғоявии ашъори боқимонда, салосату фасоҳати забони адиб, санъати баланди шеърҳои ӯ, қобилияту истеъдод ва маҳорати шоирии устод ва умуман симои Рӯдакӣ ҳамчун сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс ба таври эътимодбахш нишон дода шудаанд.

Дар ҳамон солҳо дар байни олимон дар масъалаи тахаллус ва зодгоҳи устод Рӯдакӣ баҳси доманадоре мерафт. Зеро фикрҳои сарчашмаҳои қадим низ мухталиф буданд. Аз ин ҷост, ки С. Айнӣ пас аз мақолаи боло ба навиштани асари «Қабри устод Рӯдакӣ ва деҳаи Рӯдак» шурӯъ кард ва он дар шумораи 5 журнали «Шарқи Сурх» соли 1940 чоп шуда баромад. Мақолаи мазкур ба баҳси ҳазорсолаи уламои гузашта ва имрӯза нуқта гузошта, зодгоҳи сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс устод Рӯдакиро муайян намуд. Пас аз ин экспедисияи махсус бо сардории С. Айнӣ ва бо иштироки Бузургзода Л. ба Панҷруд ташкил карда шуд.

Мақолаи мазкур соли 1956 ба забони русӣ тарҷума ва чоп мешавад. Маҳз тавассути ҳамин мақола қабри устод Рӯдакӣ муайян мегардад ва мақолаи С. Айнӣ ҳамчун дастуруламали асосӣ дар равшан намудани қабри ин шоири шаҳир хизмати фавқулоддае кардааст.

Ба ҳамин тариқ, устод Садриддин Айнӣ бо асарҳои ҷовидонаи худ ба илми адабиётшиносии тоҷик такони судманде дод. Метод, таҷрибаи ӯ роҳи усули омӯзиши муҳаққиқони ояндаро равшан намуд.

«Бадоеулвақоеъ»-и нависанда Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар таърихи адабиёти тоҷик мавқеи сазовор дошта, дар инкишофу таҳаввули жанри ёддошт таъсири мусбат расондааст. Мутаассифона, ҳаёту эҷодиёти ин марди бузург то устод Айнӣ таҳқиқ нашуда буд. Танҳо пас аз инқилоб Айнӣ ин дурри ноёбро ба халқ муаррифӣ кард. Устод соли 1926 дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар бораи Восифӣ ва асари ӯ «Бадоеулвақоеъ» ба хонандагони тоҷик маълумоти пуркимате дода, арзиши адабӣ, аҳамияти таърихию этнографии онро таъкид карда, дар солҳои наздик чоп ва дастраси хонандагон гардонидани асарро зарур шуморид.

Ин танҳо оғози кор буд. Минбаъд устод таҳқиқи худро доир ба ин масъала давом дод. Сарчашмаҳои илмию адабӣ, таърихии «Бадоеулвақоеъ»-ро пурра омӯхта, доир ба ҳаёт ва эҷодиёти ин адибу олими забардасти тоҷик маълумот ҷамъ кард. Натиҷаи кӯшишҳои устод дар матбуоти солҳои 1940–1946 бо номи «Як симои номашҳури адабиёти тоҷик – Восифӣ» ва «Восифӣ ва асари ӯ Бадоеулвақоеъ» ба табъ расиданд.

Садриддин Айнӣ дар бораи зодгоҳу соли таваллуд, рӯзгори ибратомӯзи ин марди бузург маълумоти муфассал дода, қайд мекунад, ки Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳаҷнависи забардаст буда, ҳаҷвҳои мадҳмонанди ӯ хонандаро ба ҳайрат меоваранд. Ӯ аз забони шоиртарошон чунон шеърҳо мегӯянд ки ҳар кас бинад, фикр мекунад, ки аз ҳамон одам аст, на аз Восифӣ. Ин кор басо душвор буда, аз адиб маҳорати бузурги суханвариро талаб мекунад. Ҳамаи ин пурра собит менамояд, ки Восифӣ услубшиноси

комил ва забондони моҳир будааст.

Садриддин Айнӣ дар мақолаи худ роҷеъ ба мероси адабии Восифӣ таваққуф намуда, дар бораи «Бадоеулвақоеъ », мазмуну мундариҷаи ғоявии он маълумоти пурарзиш медиҳад. Устод хотиррасон мекунад, ки Восифӣ дар ёддоштҳояш ҳаёти илмӣ, адабӣ, инчунин ихтилофҳои сиёсӣ, динӣ, мазҳабӣ ва ҳамчунин зиддиятҳои синфӣ ва аҳволи иқтисодии он замонро хеле амиқу равшан акс кунонидааст. «Бадоеулвақоеъ» дар хусуси нишон додани аҳволи сиёсию иҷтимоии онрӯза на танҳо оина, балки як лавҳаи тасвирест, ки аҳволи таърихиро ба назари хонанда пайдарҳам ҷилва мекунонад.

Садриддин Айнӣ дар бораи хислатҳои нотакрори Восифӣ менависад: «Восифӣ як нависандаи бериё ва бо таъбири оммавии тоҷикӣ «фуртакигӯй» аст. Ӯ дар навиштани аҳволи худ, аҳволи ҳамзамонон, дӯстон, ошноён ва ҳамсӯҳбатони худ ҳеҷ чизро зери парда нигоҳ намедорад. Ӯ аз кор фармудани таъбирҳое, ки дар замони мо беадабона ба шумор меравад, ҳеҷ ибо намекунад».

Ба ҳамин тариқ, устод дар ин асарҳо моҳияти асосии эҷодиёти нависандаро нишон дода, баъзе хусусиятҳои бадеии «Бадоеулвақоеъ»-ро гӯшзад мекунад. Агар бо таъбири устод гӯем: «Восифӣ шоир ва нависандаи универсали замони худаш будааст». Дар донистани санъати каломи бадеӣ, вазну қофия ва дигар хусусиятҳои нозуки шеър Восифӣ баландмартаба буд. Маснавии дубаҳраи («Маҷмаулбаҳрайн») Котибии Нишопуриро, ки дар байни аҳли адаб комилтарин ва душвортарин шеър буд, Восифӣ табъ озмуда, дар ҳамин шаклу вазн шеъре иншо кардааст, ки на танҳо дар ду баҳр, балки дар чаҳор баҳр хонда мешавад.

Аз ҳама муҳимаш он аст, ки устод Айнӣ бо ин асарҳои муҳими худ роҳи таҳқиқу омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Восифиро ба рӯи муҳаққиқони ояндаи эҷодиёти адиб кушод. Барои А. Н. Болдирев, А. Мирзоев ва дигарон асарҳои устод сарчашмаи асосӣ буданд. Аз ин ҷост, ки А. Н. Болдирев дар асари худ «Зайнаддин Восифӣ», ки соли 1957 ба табъ расида буд, ба мақолаҳои устод баҳои баланд дода, онҳоро дар қатори пурарзиштарин асарҳои тадқиқотии адабиётшиносон ва шарқшиносони хориҷӣ мегузорад.

Устод минбаъд ҳам кори худро бар бораи Восифию эҷодиёти ӯ давом дода, «Бадоеулвақоеъ»-ро ба чоп тайёр кард. Аҳамияти асосиаш дар он аст, ки насли имрӯза ба яке аз шоҳкориҳои бузурги адабиёти гузашта ва махсусан насри он шинос шуданд. Дигар, хонандагони тоҷик ва махсусан муаллимон ва адабиётшиносону забоншиносон дар таҳқиқу ҳалли бисёр масъалаҳои забоншиносию адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ ин асари бузургро ҳамчун маводи пурарзиш истифода бурданд ва мебаранд. Он дар равшан намудани баъзе масъалаҳои назарияи адабиёт, танқиди адабӣ, анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти классикӣ ба донишмандони ин соҳа ёрии калони амалӣ ва назариявӣ расонда метавонанд. Зеро « Бадоеулвақоеъ» намунаи мукаммали жанри ёддошт дар таърихи адабиёти мо буда, услубу сабки ба худ хос дорад.

Ба ҳамин тариқ устод муддати тӯлонӣ ранҷ кашида, аз нахли куҳан

боғи зебое орост, ки имрӯз пажӯхишгарон аз бӯи гулҳои муаттараш баҳра мегиранд, асарҳои пурарзиш меофаранд. Худи устод ин маъниро ба тариқи зайл баён кардааст:

Ин боғ зи нахли кухан оростаам,
В-он нахл ба теғи хома пиростаам.
Сайронгаҳе зиёда кардам ба шумо,
Ҳарчанд зи умри худ басе костаам.

**Мероси адабии устод Айнӣ**

Устод Садриддин Айнӣ ақлу заковати воло ва лаёқату истеъдоди фавқулоддае дошт, ки ҳанӯз дар айёми бачагиаш ба назар мерасид. Устод дар ин бора дар «Ёддоштҳо»-яш батафсил сухан рондааст. Пеш аз ҳама, устод аз шуарои бузурги гузашта ва ҳамчунин ҳамзамононаш ашъори зиёдеро азбар намуд. Сипас баъди аз худ кардани вазни арӯзу санъатҳои бадеӣ ба эҷоди асарҳо даст зад. Нахуст устод бо тахаллусҳои Сифлӣ, Мӯҳтоҷӣ ва Ҷунунӣ шеър эҷод мекард. Сабаби чунин тахаллусҳоро интихоб кардани устод нодорамӣ, камбизоатӣ ва хаёти вазнини ӯ буд ва чунин тахаллусҳоро ба худ муносиб донист. Аммо баъд, яъне аз соли 1895 тахаллуси Айниро интихоб намуд ва бо ҳамин ном соҳибшӯҳрат гашт.

Дар такомул ва пешрафти адиб асосан се манбаъ кӯмаки калон расондаанд. Нахуст, чунон ки қаблан ишорат рафт, омӯзишу хифзи эҷодиёти адибони пешин, дуюм омӯхтани эҷодиёти халқ, тавре, ки устод дар «Ёддоштҳо»-яш бисёр муфассал ҳикоят намудааст, наклу афсона ва дигар қиссаҳо аз зани эҷодкору хирадманд Тӯтипошшо мебошанд. Сеюм, дар рушди маънавиёти устод мактаби адабии Садри Зиё ё Шарифҷонмахдум роли калон бозид. Дар базмҳои адабие, ки дар хонаи Шарифҷонмахдум баргузор мегардид, қаламкашон ва олимону санъатварони машҳури Бухоро ҷамъ меомаданд. Айнии ҷавон ҳам хизмат мекарду ҳам гули маънӣ аз сӯҳбати эшон мечид.

Асосан устод бо шеъри «Гули сурх», ки соли 1895 бо тахаллуси Айнӣ эҷод карда буд, ба остонаи адабиёт ё шеъру шоирӣ ворид гардид. Таърихи эҷоди шеъри мазкур ҳам аҷиб аст. Наврӯз ҷашн гирифта мешуд. Наврӯзи соли 1895 буд. Мардуми Бухоро, шуарою удабо берун аз шаҳр дар Ширбадан ин ҷашни фархундаро таҷлил менамуданд. Дар ин сайргоҳ Айнии ҷавон ҳам иштирок дошт. Адибон ба ин муносибат шеър эҷод мекарданд ва онро қироат менамуданд. Айнӣ ҳам шеъри тозаэҷоди худро дар байни мардум қироат кард ва сазовори таҳсину офарини аҳли маҷлис шуд. Дар ин шеър устод пас аз тасвири баҳору зебоиҳои он ва ситоиши гули сурх дар банди охири он аз муфлисӣ, нодорамӣ ва камшокии хеш дарду аламашро изҳор мекунад:

Рози дил мегуфтам, ар як маҳраме медоштам,
Шикваҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам...
Аз тамошои Гули сурх аз чӣ мемондам ҷудо,
Гар ба каф чун аҳли олам дирҳаме медоштам...
Чун тарозу кай шудӣ саргаштагӣ бо ман насиб,
Айнӣ, ар фикре на аз бешу каме медоштам.

Шӯҳрату мақоми Айнӣ пас аз ин боло гирифт. Акнун дар ҳар маъракаю ҷамъомади толибилмони мадраса аз устод хоҳиш мекарданд, ки аз ашъори тозаэҷоди худ қироат намояд. Айнӣ қариб дар ҳамаи жанрҳои лирикӣ – ғазал, рубоӣ, қитъа, қасида ва ғайра ашъори обдор сурудааст. Махсусан ба Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, Ҳилолӣ, Бедил, Соиб пайравӣ мекард. Нахуст ба ғазалу қасидаҳои бузургон назира ё ҷавоб мегуфт. Дигар, ба ғазалҳои адибон мухаммас мебаст. Масалан, ба як ғазали машҳури Камоли Хуҷандӣ мухаммаси бисёр олӣ эҷод намудааст:

Дар боғи ҷаҳон нахли шакарбори ман ин аст,
Дар кони амал лаъли гуҳарбори ман ин аст,
Ҷони ману ҷонони ману ёри ман ин аст,
«Гӯ халқ бидонанд, ки дилдори ман ин аст,
Дилдори ҷафокори ситамгори ман ин аст».

Айнӣ шуда дар анҷумани ишқ ғазалхон,
Хурсанд нишинад чи ба васлу чи ба ҳиҷрон,
Онҳо, ки надонанд сурури ғами ҷонон,
Гӯянд: «Камол аз паи ӯ ҷанд кани ҷон?
То хаст зи ҷонам рамаке - кори ман ин аст»!

Айнии ҷавон дар мухаммасҳои эҷодкардааш аз санъатҳои бадеии тавсиф, ташбеҳ, сифатчинӣ, истиора, таносуби сухан, кинояю маҷоз ва ғайра бо камоли маҳорат истифода бурдааст. Ҳатто хонанда дар байни байтҳои эҷодкардаи Айнӣ ва Камол тафовутро дида наметавонад. Қобилияту истеъдоли беназири устодро ҳанӯз дар ҳамон давра адабиётшиносон ва тазкиранигорони маъруф бамаврид қайд карда, баҳои баланд дода буданд. Дар ин бора Абдуллоҳоҷаи Абдӣ дар тазкираи хеш мегӯяд: «Агар тарбият ёбад (Айнӣ), дар тариқи илмӣ ва шеърӣ саромади рӯзгор хоҳад гардидан ва мазомини гули маънӣ ва мазмуни тоза бисёр хоҳад чидан».

Устод Айнӣ пас аз Инқилоби Октябр роҳбару сарвари адибони тоҷик гашт ва худ ашъори рангин иншо кард. Аммо дар тӯли солҳо мазмуну мундариҷаи идеявии ашъори адиб комилан тағйир ёфт. Акнун ба мавзӯъҳои талаботи рӯз даст зада, дар бораи инқилобу озодии мардуми заҳматкаш сухан меронд. Шеърҳои «Марши ҳуррият», «Ба шарафи Инқилоби Октябр», «Якуми Май» ва ғайраро эҷод намуд. Инчунин дар ашъораш мавзӯъҳои байналмилалӣ, дӯстию рафоқати меҳнаткашони дунё, меҳнати софдилонаи мардуми тоҷик мавқеи асосӣ дошт. Соли 1923 дар Тошканд маҷмӯаи ашъори устод бо номи «Ахгари Инқилоб» аз чоп баромад.

Вале устод Айнӣ эҳсос кард, ки замон дигар шуда, вазифаю масъулияти зиёде ба дӯш дорад. Дар адабиёт образҳои нав офаридан лозим. Аммо назм барои баёни чунин афкору андеша, густариши ҳодисаю воқеоти рӯз тангӣ мекард. Ба ин маънӣ устод чунин ибрози назар кардааст:

Айнӣ, ба як ғазал натавон арзи ҳол кард,
Бояд ба Инқилоб навиштан китоби сурх.

Ба ҳамин хотир устод аз аввали соли 1920 домони насри бадеиро ба даст мегирад ва дар бораи ҳодисаҳои арафаи Инқилоб, куштору хунрезиҳои амири Бухоро асари «Ҷаллодони Бухоро»-ро иншо менамояд. Ин асарро ба нашриёти давлатии Ҷумҳурияти Халқии Шӯроии Бухоро месупорад. Вале нашриёт онро гум мекунад. Устод боз аз нав асарро кор карда, соли 1923 дар Тошканд дар маҷаллаи «Инқилоб» онро ба табъ мерасонад.

Соли 1924 ва 1925 дар Самарқанд повести нахустини худ «Одина»-ро навишта ба итмом расонд. Ин повест қиссае аз рӯзгори мардуми кӯҳистони Қаротегин аст. Дар он устод саргузашти Одинаи камбағалро, ки тамоми рӯзгори хешро дар дари хонаи бою амалдорон ва махсусан Арбоб Камол гузаронида, басо зулму таадди дида, азобу ранҷ кашидааст, ҳикояти дардомез кардааст. Устод ба воситаи нақши Одина зулму истисмори сармоядорон ва беҳуқуқию зиллату хорни гурӯҳҳои табақаи поёнро бисёр табиӣ ба қалам додааст. Образи Одина ба муқобили образи манфури асар Арбоб Камол гузошта шудааст. Устод дар рафти ҳодисаю воқеаҳои повест ташаккул ёфтани шуури Одинаро нишон дода мегузарад. Ӯ акнун дар Фарғона дар заводи пахта кор карда, ба синфи коргар ошноӣ пайдо менамояд. Дар намоишҳои онҳо низ иштирок мекунад. Вале Одина хеле барвақт касалманд буд. Дард якбора авҷ гирифт ва Одина дар мусофират ҷон медиҳад.

Тасвири устод воқеӣ ва табиӣ буд. Пеш аз Инқилоб бештари мардуми Қаротегин ва ҷавонони дигари деҳоти кӯҳистон солу моҳи дароз барои пайдо кардани қути лоямуте ба Фарғона, Қӯқанд, Андиҷон, Бухоро, Хуҷанд ба мардикорӣ мерафтанд ва як қисми онҳо дар он ҷойҳо мисли Одина дур аз ёру диёр дар ғарибӣ ҳалок мешуданд, ки образи Одина ҷамъбасти рӯзгори ҳамаи онҳост. Нақшҳои Оиша, Гулбибӣ типӣ буда, адиб дар симои онҳо беҳуқуқӣ, зиллату хорни занону духтарони ҷомеаи онрӯзаро ҷамъбаст намудааст.

Махсусан забон ва тарзи баёни нависанда сода ва барои хонанда ва ҳатто барои адибони ҷавон бисёр созгор буд ва аҳамияти калони тарбиявӣ дошт. Дар ин бора гуфтаҳои адиби номии тоҷик Ҷалол Икромиро ёд кардан ба маврид аст. Икромӣ дар бораи устодаш Садриддин Айнӣ китобе бо номи «Устоди ман, мактаби ман ва худи ман» соли 1970 иншо кардааст. Ӯ дар ин асар қадрдонӣ ва сипоси беҳади хешро нисбати устод иброз медорад: «Ҳурмат ва шараф ба ҳамаи устодони олам, ки боиси ҳамаи камолот, боиси муваффақият ва комёбиҳои илму фан мебошанд. Тамоми бузургони адабиёти мо, пеш аз ҳама, ба устоди худ миннатдорӣ намудаанд, устодро аз падар беҳ шуморидаанд. Бале, ҳаққи устод ба шогирд бузург аст, вале афсӯс, ки ин ҳақиқатро одам дар ҷавонӣ дарк намекунад ва фақат пас аз ба камол расидан мефаҳмад... Вале хушбахт он касе, ки дар сари вақт хизмати устодро ба ҷо оварда, сипосгузорӣ намуда ва миннатдорӣ баён намудааст.

Пас аз инқилоб аввалин касе, ки ба забони тоҷикии ҳамафаҳм ва равон қиссаи инқилобӣ офарид, Садриддин Айнӣ буд, ки дар солҳои 1924–1925 аввалин повести диққатангези худ – «Саргузашти як тоҷики камбағал», ё ки «Одина»-ро чоп ва нашр намуд... Бо хондани ин асар ва ба

воситаи худи устод як катор чавонони боистеъдоди точик ба арсаи адабиёт кадам монданд ва охиста-секин бозори шеъру адаб равнаку ривоч ёфт, гарму чӯшон шуд».

Баъдтар асарҳои устод Айнӣ пайдарҳам ба табъ расида, дастраси хонандагон мегарданд. Устод соли 1927–1929 романи «Дохунда»-ро навишта, ба охир мерасонад. Романи «Ғуломон»-ро низ дар байни солҳои 1932–1935 навишта, онро ба забони ӯзбекӣ бармегардонад. Ва онҳо дар солҳои 1934 ва 1935 чоп шуда, дастраси хонандагон мегарданд.

Устод дар ин асари калонхачм рӯзгори зиёда аз 100-солаи мардуми точик (1825–1938)-ро инъикос намудааст. Дар асар такдири се наслу як авлод нишон дода шудааст. Ҳодисаю вокеаҳои давраи ҳукмронии амир Ҳайдар, ғуломфурӯшию ғуломчаллобии туркманҳои бодиянишин ва саркардагони худи амир бисёр чозибу вокеъбинона ба калам дода шудаанд. Рӯзгори ба ғуломӣ гирифтор шудани насли аввал – Раҳимдод, Ашӯр, Фарҳод, Гулсум, Зебо дар асар бисёр пурэхтирос баён ёфтаанд. Насли дуюм–Эргаш, Ҳайдар, Урун ва насли сеюм – Ҳасан, Фотима, Муҳаббат, Кутбия дар арафаи инкилоб ва пас аз он зиндагӣ кардаанд. Онҳо муборизони рӯзгори навин ва ташкилотчиёни колхозҳо буданд, ки нависанда дар раванди ҳодисоти рангин образҳои онҳоро кушода додааст.

Устод байни солҳои 1936–1940 повести «Марги судхӯр», «Ятим», «Луғати нимтафсилии забони адабии точик» (шомили 15000 калима аст), «Мактаби кӯҳна» ва боз бисёр асарҳои дигарро офарид. Садриддин Айнӣ дар давраи Чанги Бузурги Ватанӣ бештар асарҳои публитсистӣ иншо кард. «Чингизи асри XX», «Деви Ҳафтсар», «Хари бедум», «Шерзод», «Талвосаи чонкании даррандаи захмдор», «Модар - Ватан» ва ғайра, ки дар мачаллаю рӯзномаҳои давр ба табъ расида буданд, рӯҳияи ватандӯстӣ ва дӯстии байни халкҳоро таквият мебахшиданд. Чавононро алайҳи душман – фашизм ба мубориза мехезонданд. Дар баробари ин устод дар ин асарҳо хонандагонро аз максаду маромн фашистони лаин огоҳ мекард. Асарҳои устод дар солҳои мудҳиши чанг ва имрӯз ҳам аҳамияти калони сиёсӣ доранд. Бояд ҳар як шахс барои истиклол ва озодии халку кишвараш мубориза барад. Алайҳи душманони Ватан –Деви ҳафтсар мисли Рустами Дастон мубориз ва чоннисор бошад ва адӯи ғаддор – гитлерчиёнро мағлуб созад ва ба хок яксон гардонад. Ин андеша дар бештари асарҳои устод, ки дар боло ёд шуданд, инъикос ёфтааст.

Повести «Ятим» ба яке аз мавзӯъҳои муҳими рӯз – ватандӯстӣ, садокат нисбати Ватан бахшида шудааст. Устод дар асари худ рӯзгори пурдардомези як чавони камбағал – Шодӣ Мурод (Ятим)-ро ба калам додааст. Эшонкули бой ҳангоми фирор ба кишвари Афғонистон Шодӣ Муродро ҳамроҳи аҳли аёл ва молу сарваташ мебарад. Вале ӯ ҳамаи сахтиҳо, азобу ранчҳоро паси сар карда, ба Ватан боз мегардад. Меҳру муҳаббат ба Ватан, ба халки азизаш ба ин сағираи Ятим гӯё болу пар мебахшиданд. Пасон Ятим дар сағирахона тарбият ёфта, илму дониш меомӯзад ва ба кишвару халки азизаш содикона хизмат мекунад. Нависанда дар шахсияти Ятим ташаккули

маънавию сиёсии инсони нави ҷомеаро дар раванди амалиёт, дар задухӯрди ҳодисоти рангин ба қалам додааст. Образи Ятим тимсоли барҷастаи ҷавонони матинирода, заҳматкаш, вафодору ҷонсупор буда, дар тарбияи насли наврас аҳамияти калон дорад.

Яке аз асарҳои барҷастаи устод, ки солҳои дароз дар болои он кор кард, «Ёддоштҳо» мебошад. Ӯ пеш аз маргаш тавонист, ки ин шоҳасарашро ба анҷом расонад. Устод бо ин асараш сазовори Лауреати Мукофоти Давлатӣ гардид. «Ёддоштҳо» аз чаҳор ҷилд иборат буда, рӯзгори як давраи томи халқи тоҷикро фаро гирифтааст, ки қаҳрамони асосии асар худи устод мебошад. Ҳодисаю воқеаҳои солҳои 80 то ғалабаи Инқилоб, ки устод Айнӣ яке аз иштирокчиёни фаъоли он буд, бисёр ҷозиб ва мушаххас инъикос ёфтаанд. Аз ин хотир ин асар дар адабиёти тоҷик ҳамчун асари ёддоштӣ ёд шудааст. Дар дохили «Ёддоштҳо» бисёр қисса, новелла, ҳикоя ва повестҳои алоҳида ворид гаштаанд. Аз ин рӯ, «Ёддоштҳо»-ро метавон ҳамчун маҷмӯи осори насрии солҳои охири устод ба қалам дод.

Образи асосӣ ё қаҳрамони «Ёддоштҳо» халқ аст ва образи халқ дар симои муаллиф, яъне Садриддин ҷамъбаст гардидааст. Аз рафти ҳодисаю воқеот равшан мегардад, ки қарамони асосӣ тадриҷан ташаккул ёфтааст. Дар симои устод бузургӣ, аклу заковати бемисл, оқилӣ, дурандешӣ, шукӯҳу шаҳомати халқ– беҳтарин зиёиён, равшанфикрон ва маорифпарварони як давраи томи халқи тоҷик хеле эътимодбахш ҷамъбаст шудаанд. Образҳои Саидмуродхоҷа, Устоамак, Лутфулло - Гупон, Шукурбеки Дузд, Ҳабиба, Маҳмуди Гав ва бахусус нақши зиёиён ва равшанфикрон Садри Зиё, Аҳмади Дониш, Ҳайрат хеле барҷаста тасвир ёфтаанд ва ба дараҷаи образҳои типӣ расидаанд.

Нависанда дар ҳалқаи чунин ашхос ташаккул ёфт, аз онҳо зиндагӣ, одобу рафтори неки инсониро омӯхт, бузург шуд, соҳибмаърифат гашт.

Дар «Ёддоштҳо» таъсири ду мактаб ба хубӣ мушоҳида мешавад. Дар ин бора устод чунин мегӯяд: «Баъд аз барпо шудани Нашриёти Давлатии Тоҷикистон ба хондани тарҷумаи тоҷикии «Бачагӣ»-и Горкий комёб шудам, «Дар байни мардум»-и ӯро ҳам мутолиа кардам… Ман дар додани образҳо, дар ташбеҳҳо, дар баёни характери қаҳрамонҳо, дар тарзи ифодаи сода аз Горкий бисёр чизҳоро омӯхтам».

Вале бояд ҳамоно эътироф кард, ки дар иншои «Ёддоштҳо» таъсири «Бадоеулвақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ назаррас аст. Ин таъсир ҳам аз нигоҳи сюжет ва композитсия ва ҳам аз нигоҳи услуби нигориш ва амалиёти персонажҳо ба хубӣ мушоҳида мешавад.

Масалан, адабиётшинос Камол Айнӣ чунин мегӯяд: «Дар адабиёти советии тоҷик, жанри хотирот бо «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ шурӯъ мешавад. Анъанаи нависандаи забардасти воқеанигори асрҳои XV–XVI Зайниддини Восифӣ хеле равшан мушоҳида карда мешавад. Аз ин ҷиҳат он ҳам хеле қобили диққат аст, ки С. Айнӣ «Ёддоштҳо»-и худро пас аз амалиёти илмӣ ва адабии дуру дарози дар соҳаи омӯхтани «Бадоеулвақоеъ» ва тадқиқи асари

дигар классикон бурдааш шурӯъ карда буд ва навишт».

Дар ин чо барои равшан намудани масъала танҳо як мисол меорем ва онро дар муқоиса аз назар мегузаронем.

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва устод Айнӣ дар мавзӯи ишқу муҳаббат якчанд сюжетҳои ҳачвии халқиро истифода бурдаанд. Яке аз ҳамин гуна сюжетҳо ҳикояти Точуннасаб мебошад. Ҳикояти мазкур ҳанӯз дар «Ҳазору як шаб» бо каме тағйирот омадааст. Дар ҳикояти «Ҳазору як шаб» писари бозургон аз падараш ичозати сафар мепурсад. Вале падар розӣ намешавад. Бо вучуди ин писар падарро зориюю илтичо карда, пулу моли зиёд мегираду аз Ироқ ба чониби Бағдод сафар мекунад. Дар «Бадоеулвақоеъ» ҳам айнан ҳамин ҳодиса такрор меёбад. Дигар, дар ҳар ду вариант писар ҳангоми тамошои шаҳр духтари зебоеро мебинад ва ба он ошиқ мешавад. Дар «Ҳазору як шаб» он фаришта зани Сайид ибни Абулфатҳи бозургон будааст. Аммо дар «Бадоеулвақоеъ» ном ва насаби он духтар маълум нест. Инчунин дар ҳар ду вариант писари бозургонро кампири золе пешрав гардида, ёрӣ мерасонад. Дар «Ҳазору як шаб» номи кампир оварда нашудааст, вале дар «Бадоеулвақоеъ» ҳикоят бо номи ин кампири зол, ки Точуннасаб ном дорад, оварда мешавад.

Дар «Ҳазору як шаб» кампири зол бо ҳилаю найранг писари бозургонро ба мақсад мерасонад. Онҳо чанд муддат бо ҳам ишқварзӣ мекунанд. Дар «Бадоеулвақоеъ» бошад, ҳикоят характери ҳачвӣ мегирад.

Он кампири фарҳодкуш, ба ақидаи нависанда, тамоми пулу моли писари бозургонро бо фиребу найранг гирифта, ӯро ба як духтаре никоҳ мекунад, ки: «Як чашми вай монанди донаи ангур аз косахона берун баромада буд. Ва доғҳои обилаи нағзак ба рӯи сиёҳаш аз чашмҳои кафгир фузун менамуд.

«Даҳонаш аз фароҳи гӯш то гӯш,
Ду гӯшаш аз дарозӣ дӯш бо дӯш.
Даҳони он қабеҳи зишти фартут,
Чу гӯре буду бинӣ ҳамчу тобут».

Баъд аз ин ҳодиса писари бозургон тамоми пулу моланиро барбод дода, ба Нишопур меравад.

Зикр кардан бомаврид аст, ки ҳикояти мазкур дар варианти Садриддин Айнӣ бештар характери ҳачвӣ гирифтааст. Аз ин чиҳат ба варианти Восифӣ наздик аст. Ғояи асосӣ нигоҳ дошта шуда, амалкунандагон тағйир ёфтаанд.

Дар варианти устод Айнӣ ҳикоят ба шахсияти як муллои шоир, ки Вафо ном дошта, бо тахаллуси Вахшӣ шеър мегуфт, вобаста карда шудааст. Аз ҳамин сабаб ҳам он «Хонадории шоир» ном гирифтааст. Мулло Вафо аз Бухоро барои имоматӣ ба деҳаи Қалтӣ рафта, дар он чо бо духтари Арбоб Наим, ки ӯро фақат дар зери паранчӣ дидааст, ошиқи зор мешавад. Аммо вақте ки духтарро бе чодар мебинад, монанди писари бозургон қариб девона шуда, ба Бухоро мегурезад.

Бояд гуфт, ки дар тасвири «ҳусну чамоли» духтар дар байни ин ду асар бисёр монандиҳо ба назар мерасад. Мо дар боло тасвири Восифиро овар-

дем. Инак устод Айнӣ шаклу шамоили он духтарро ба тарики зайл ба қалам додааст: «Рӯе пур аз доғи нағзак ва монанди рӯи мурда бинии пасти пачақи пуҷукмонанд, чашме монанди чашмони аз шишаи тира сохташуда беҳаракат ва бе мижгон ба назараш намоён шуданд. Ба болои инҳо устухони сандуки синааш то чанбари гардан ба сабаби кадом бемориe ба тарафи пеш ҷаста баромада буд». Ғайр аз ин, чунин монандӣ дар ҷамъомади аҳли уламою удабо, нақли ҳикоёту мутоиботи халқӣ, рӯзгори шоирону олимон ва амсоли ин бисёр барҷаста ба назар мерасад. Ҳамин тавр, устод Айнӣ асосан аз «Бадоеулвақоеъ»-и Восифӣ илҳом гирифта, эҷодкорона аз он истифода бурда, шоҳасари бузург – «Ёддоштҳо»-ро офарид, ки он ба аксарияти забонҳои дунё тарҷума шудааст.

## «МАРГИ СУДХӮР»

Повести «Марги судхӯр» яке аз асарҳои барҷастаи адабиёти ҷаҳон буда, номи устод Айниро ҳамрадифи адибони бузурги олам гардонд. Дар бораи ин шоҳасар шарқшиносон ва адабиётшиносону адибони бузурги дунё суханони нек гуфта, баҳои арзанда додаанд. Онҳо образи Қорӣ Ишкамбаро дар қатори образҳои машҳури адабиёти ҷаҳон – қаҳрамонони асарҳои Молер, Шекспир ва Гобсеки Балзак гузоштаанд. Таваҷҷӯҳ кунед, дар ин бора адиби барҷастаи замон Чингиз Айтматов чӣ мегӯяд:

Дар «Марги судхӯр» ихтилофи иҷтимоӣ ва устодии нависандаи хаҷвнигор муҷассам гардидааст, ки моро бо башараи Гобсеки Бухороӣ шинос месозад. Айнӣ зоҳиран орому ботамкин аст, вале дар симои қаҳрамононe, ки ин пири хирадманди Шарқ мо дар даврони шикасту воруни таърихӣ тасвир мекунад, хонандагон ғазабу изтироби беандозаро мебинанд».

Устод Айнӣ дар бораи иншои повести «Марги судхӯр» чунин ибрози назар мекунад: «Ман таҳрири «Марги судхӯр»-ро дар соли 1936 тамом карда, ба муҳокимаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон гузошта будам. Ман маслиҳатҳои дар хониши умумӣ аз тарафи коллективи нависандагон додашударо ба назар гирифта, асарро дубора таҳрир карда, ба нашриёт супурда будам». Пасон асари «Марги судхӯр» танҳо соли 1939 ба табъ мерасад. Вале устод баъди чоп шудани повест низ барои такмил ва бақувват намудани он чанд соли дигар саъю кӯшиш менамояд. Ниҳоят повестро хеле такмил дода, ба он иловаҳои зиёд ворид месозад ва соли 1953 повести «Марги судхӯр» дар таҳрири нав аз чоп мебарояд.

«Ман дер боз дубора кор карда баромадани «Марги судхӯр»-ро орзу доштам, аммо муяссарам намешуд. Ниҳоят имсол – соли 1952 маро фурсат даст дод, ки ин асарро дубора кор карда бароям. Дар вақти кори дубора муомилаҳои векселиро ҳам, ки ба судхӯрон вобастагии қавӣ дошт, Қорӣ Ишкамба ҳам ба ин кор машғул шуда буд ва дар таърихи иқтисодиёти Бухорои амирӣ як сафҳаи пурфоҷиаеро ташкил мекард, тасвир намуда, ба ҷойҳои муносиби асар даровардам».

Устод Садриддин Айнӣ повести «Марги судхӯр»-ро аз забони тоҷикӣ ба забони узбекӣ гардонд ва он соли 1946 аз чоп баромад. Инчунин «Марги судхӯр» ба забони русӣ, фаронсавӣ, немисӣ ва забонҳои ҷумҳуриҳои муштаракулманофеъ ва забонҳои дигар чандин маротиба тарҷума ва нашр шудааст.

**Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии асар**

Нависанда ба воситаи сухани воло ва нақшҳои барҷаста ҳаёти воқеии як давраи хеле мураккаби халқи тоҷикро инъикос намудааст. Повест дар баёни ҳодисаю воқеоти ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX-и Бухорои Шарқӣ як оинаест, ки пеши чашми хонанда тамоми фиску фуҷур, фиребу найранг, шӯру шари судхӯрон ва дар баробари ин ҳаёти вазнини тоқатфарсои мардуми оддии шаҳри Бухоро ва деҳоти онро воқеӣ намудор мегардонад. Повест аз нигоҳи мазмун ва мундариҷаи ғоявӣ аз дигар асарҳои устод фарқ мекунад ва инчунин дар адабиёти садаи XX-и тоҷик ва ҳатто адабиёти халқҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон камназир аст.

Устод дар повести «Марги судхӯр» роҳу воситаҳои пайдо шудани муносибатҳои нави ҷомеаи капиталистиро тибқи кушодани банкҳо, доду гирифти банкирҳо бо одамони камбағал дар раванду ҷараёни воқеот бо камоли маҳорат тасвир намудааст. Ғайр аз ин, нависанда чӣ хел ба шаҳру деҳоти Бухоро сар халондан ва истисмор кардани сармоядорони рус, аз ҷумла банкирҳоро нишон дода мегузарад. Банкирҳои рус ба воситаи векселҳои махсус худашон одамони камбизоатро истисмор намуда, аз тарафи дигар, ин тарзи амалиётро ба банкирҳои таҳҷоӣ нишон медоданд. Устод ба ин восита ҳақиқати воқеиро тасвир карда, нишон додааст, ки мардуми оддӣ аз ду ҷониб – ҳам аз тарафи судхӯрони маҳаллӣ – Қорӣ Ишкамба ва ҳам аз тарафи сармоягузорони хориҷӣ (рус) истисмор мешуданд. Ҳодисаи ба сари Абдунабӣ ва бародарони вай омада басо дардомез тасвир ёфтааст. Абдунабӣ тамоми умр дар хонаи Бойбобо хизмат кард. Касалманд шуду деҳ назди бародарон рафт. Дар ҳамон ҷо ҷон дод. Бойбобо ба ҷои он ки ҳаққи чандинсолаи хизмати мақтулро ба ворисонаш диҳад, баръакс ӯро тӯҳмат намуда, боз ба болои қарзҳо 4 ҳазор танга бор намуд ва аз қозикалон иддао намуд, ки ин қарзро аз бародаронаш рӯёнда ба ӯ диҳанд. Нависанда рафти ҳодисаро боварибахш ба қалам дода, симои ҳақиқии Бойбобо ва қозикалонро кушода медиҳад. Онҳо бо сад фиребу найранг ба мақсади ифлоси худ мерасанд ва бародарони Абдунабиро аз замину дороиашон маҳрум мегардонанд. Нависанда ба ин восита беҳаёӣ, бераҳмӣ, зулму хиёнати аҳли доро ва тақворо дар симои Бойбобо, Қозӣ Арбоб, Ҳотам, Холиқи Эшон ва Розиқ Халифа ҷамъбаст намудааст.

**Таҳлили образи Қорӣ Ишкамба**

Симои асосии повести «Марги судхӯр» Қорӣ Ишкамба буда, кулли ҳодисоту воқеоти асар дар гирду атрофи ин образ сурат гирифтаанд. Шахсияти Қорӣ Ишкамба таърихист ва устод Айнӣ дар ин бора дар «Ёддоштҳо»- яш ёд кардааст. Аслан, чунон ки устод гуфтаанд, Қорӣ Ишкамба прототипи Қорӣ Исмати Бухороист. Ӯ ҳамзамони нависанда буда, пешаи судхӯрро касб кар-

да, дар фиребу найранг ва риёкорию танпарварӣ ангуштнамои рӯзгораш буд. Устод танҳо номи ӯро, яъне Исматро ба Ишкамба иваз намуд. Сабаби ин дар он буд, ки Қорӣ Исмат шиками калон дошт ва ҳамеша ба хотири пур кардани он саъю кӯшиш мекард.

«Номи аслии ин одам Қорӣ Исмат аст, – гуфт дӯстам дар ҷавоб – лекин ишками он кас калон аст. Шояд ба ҳамин муносибат бошад, дар вактҳои аввал баъзе касон ӯро «Қорӣ Исмати Ишкам» гуфтанд ва баъзе ширинкорон «Қорӣ Исмати Ишкамба» хитоб намуданд ва рафта-рафта калимаи Исматро партофта «Қорӣ Ишкамба» гуфтанду монданд».

Вале дар повест гоҳ-гоҳ бо номи ҳакикиаш низ амал мекунад. Сабаби лақаби қоригиро гирифтани ӯ он буд, ки баъзе пораҳои Қуръонро ҳифз намуда, қории Қуръон шуда буд. Аммо донишу фаҳмишаш хеле суст буд. Ӯ ба хотири қории Қуръон буданаш ҳамеша аз дигарон дар маъракаҳо болотар нишаста, нисбати дигарон бахшиши зиёдтар мегирифт. Яъне қоригӣ барои ӯ василаи даромади муфт шуда буд, ки устод Айнӣ ин риёкорӣ ва мумсикии Қорӣ Ишкамбаро дар повест ҳакконӣ нишон додааст. Ба саволу ҷавоби сартарош ва Қорӣ Ишкамба диққат диҳед:

«– Чаро дасторро (салларо) хурдтар намекунед, ки ҳам дока камтар раваду ҳам шустанаш осонтар шуда, собун камтар сарф шавад, – гӯён сартарош пурсид.

– Ин саллаи ман дастори «ертишгиру тӯйхӯр» аст! – гуфт Қорӣ Ишкамба дар ҷавоб. Вакте ки бо ин дастор ба сари дафни мурдае ҳозир мешавам, ба ҳар кас як газ ертиш диҳанд, ба ман ду газ медиҳанд ва инчунин дар тӯйҳо ҳам табақи сергӯшту равғани палав ба пеши ман меояд…

– Албатта, касе, ки Шуморо намешиносад, на ба ҷаноза хабар мекунад ва на ба тӯй, аммо он касе, ки Шуморо мешиносад ва ба ҷанозаю тӯяшон хабар мекунад, хоҳ дастор атон калон бошад, хоҳ хурд, ба Шумо он муомиларо мекунад, ки Шуморо ба он муносиб медонад. Ба фикри ман барои ин барзиёд сарф кардани дока бефоидааст.

– Шумо сода будед, бародар! – гуфт Қорӣ Ишкамба ба сартарош, – агар ман ба ертиши мурдаҳое, ки ба ҷанозаи онҳо маро хабар мекунанд, каноат карда мегаштам, пас пули мӯйсарро аз куҷо ёфта, ба Шумо медодам? Ман ҳар рӯз намози пешинро дар хонақоҳи Девонабегӣ мехонам ва аз он ҷо ҳар мурдаеро, ки барои ҷанозахонӣ оварда бошанд, хоҳ бегонаву хоҳ шинос баъд аз хондани ҷаноза ба сари қабраш меравам ва ба қадри насиба ертиш гирифта мегардам».

Ҳунари волою истеъдоди баркамоли нависандаи забардаст имкон дод, то ба таври воқеӣ симои ботинӣ ва ҳам зоҳирии Қорӣ Ишкамбаро кушода диҳад. Бешубҳа, ин тарзи тасвир дар адабиёти муосир беназир буда, барои насли оянда мактаби омӯзиш гардид.

Дар асар нависанда низ ҳамчун қаҳрамони фаъол иштирок намуда, дар кушодани симои ботинию зоҳирии Қорӣ Ишкамба кӯмак расондааст. Образи Қорӣ Ишкамба дар рафти амалиёт, яъне муносибати ӯ бо сартарош,

Рахими Қанд, бойбача, мудири банк, Ҳамроҳрафик, саройбон, нозири амир, Сайри Ширбадан ва муносибати ӯ бо аҳли оилааш ба тарзи возеҳу барчаста кушода мешавад ва ҳамчун тип ҷамъбасти олами сармоя, дунёи фиребу найранг, риёкорию ришватхӯрии судхӯрон ва дигар намояндагони воломакоми ҷомеа намудор мегардад.

Гуфтан лозим аст, ки устод рӯзгор ва лаҳзаҳои зиндагии Қорӣ Ишкамбаро бо ҳаҷви тезу тунд ва ҳам дардомез нақл намудааст, ки ин бошад, драматизми повестро қувват бахшида, симои персонажи асосиро ба дараҷаи типӣ расондааст. Масалан, хонанда нағз медонад, ки Қорӣ Ишкамба ҳамеша дигаронро фиреб медиҳад ва аз ин ҳисоб пулашро зиёд мегардонад. Ҳатто аз векселҳои русҳо истифода бурда, деҳқонони бебизоат, аз ҷумла Муҳсин ва боз даҳҳо деҳқонони камбағалро бо фоидаи гӯшношунид пул қарз дода, онҳоро хонабардӯш мегардонад. Дар ин кори векселбозӣ одамон ё судхӯрони Россия ҳам шариканд ва ба Қорӣ Ишкамба кӯмак мерасонанд. Гуфтугузори одамони Россия бо Мӯҳсин симои эшонро равшан мегардонад:

– Мӯҳсин кист?

– Ман! – Мӯҳсин ҷавоб медиҳад.

– Ту аз ҷаноби Қорӣ Исматуллоҳ сесаду шаст сӯм пул гирифта будӣ, ҳозир Қорӣ пули худро талаб мекунад. Қарзатро дарҳол адо карданат зарур аст.

– Ман аз ҷаноби Қорӣ дусаду даҳ сӯм пули нақд гирифта будам, фоидаи яксолаи ин маблағро бо харҷи векселлиҳӣ, ки ҷамъ яксаду панҷоҳ сӯм шуда буд, ба болои он пули нақд зам карда ба сесаду шаст сӯм вексел дода будам. Қарзеро, ки ба фоидаи яксолааш зам шудааст, ман чӣ навъ дар ду моҳ адо мекунам?

– Суханро бисёр дароз накун, – гуфт одами нимевропоипӯш. Сесаду шаст сӯми дар ин вексел навишташударо дарҳол медиҳӣ ё не? Бо як калима ҷавоб деҳ!

Дар ду моҳ фоидаи яксола медиҳӣ ё намедиҳӣ ин ба мо дахл надорад, мо бояд сесаду шаст сӯми дар ҳамин вексел навишташударо ҳамин рӯз аз ту рӯёнда гирем. Закун ҳамин аст!

– Ин закуни Ҳазрати импротур – подшоҳи Россия аст, ин ҳукми шариат ва васиқаи қозикалон нест, ки ту ба муфтиҳо пора дода, маҳзари дафъ гирифта, моли мардумро хӯрӣ! – сухани одами нимевропӯшро Арбоб Рӯзӣ бо оҳанги аз Мӯҳсин нигоргирӣ қувват дод.

– Векселн Ҳазрати импротур ривояти уламо он сӯ истад, сангро ҳам сӯроҳ карда мегузарад, – ноиб ба сухани Арбоб Рӯзӣ илова кард.

– Ин чӣ бедодӣ аст, чӣ тавр ноинсофӣ аст, ки...

– Даҳонатро пӯш, ки забонат бурида мешавад! Ту закуни Ҳазрати импротурро «бедодӣ ва ноинсофӣ» мегӯӣ, ҳозир мефармоям, ки забонатро аз комат кашида мепартоянд! – гуфт ноиб ғазаболудона».

Аз мисоли боло чанд масъала равшан мегардад. Нахуст ҳама аркони давлат, аҳли ҷоҳу мансаб Арбоб Рӯзӣ, ноиби қозӣ ва намояндаи Россия бо ҳар роҳу восита векселро моддаи раднопазири қонун шумориданд ва дар

асоси он масъаларо ба фоидаи Қорӣ Ишкамба ҳал намуданд. Дуюм, дар назди онҳо васикаи шаръӣ, ҳукми муфтию козии ислом нисбати векселп Россия ҳеч қимату арзиш надошта будааст. Аз ин ҷо хоинӣ, ватанфурӯшии ин гурӯҳи соҳибмансаб ба таври мушаххас равшан мегардад. Сеюм, вексел қудрату тавоноии Россияро нисбати Аморати Бухоро нишон медиҳад. Яъне ба тарзи дигар гӯем, нависанда ба ин восита мустамлика будани ин кишварро бори дигар таъкид намудааст. Яъне «сангро ҳам сӯрох карда мегузарад» гуфтани ноиби қозикалон ба ҳамин маънист. Воқеан ҳам ҳаёти сиёсиву иҷтимоии онрӯза собит менамоянд, ки Аморати Бухоро мустақилияти хешро аз даст дода буд. Устод Айнӣ бошад, реалистона ин масъаларо ба воситаи вексел ба қалам додааст. Аз ин рӯ, Қорӣ Ишкамба ба банкҳои таҳҷоӣ ё ватанӣ чандон эътимод надошт. Борҳо он банкҳоро дуздон ғорат карданд, вале ҳукумати амир ба ҳамаи ин дуздию ғорат бепарво буд, қушбегӣ аз ӯҳдаи дастгир намудани дуздон набаромад. Қорӣ Ишкамба ҳамаи инро дида, пулҳояшро ба банки Россия супурд.

Нависанда барои барҷаста баромадани образи Қорӣ Ишкамба лаҳзаҳои дардомез ва шодибахшу фараҳангези персонажро бисёр бамаврид ва устокорона ба қалам додааст. Ба ин восита характер ва ҷаҳони ботинии Қорӣ Ишкамбаро кушода медиҳад. Масалан, дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳон капиталистон, феодалон, савдогарон ва бахусус судхӯрон дар кулли кишварҳои олам, аз ҷумла Аморати Бухоро боз ҳам бою сарватманд гардида, миллион-миллион сӯми муфт ба даст меоварданд. Дар баробари ин аҳволи халқ вазнинтар гашта, ба доми судхӯрон, корчаллонони фиребгар меафтоданд. Ҳатто дар шаҳру деҳот деҳқонони миёнаҳол, судхӯрони майда, ҳунармандон дар доду гирифти якдигар шикаст хӯрда, аз саҳна мебаромаданд, маҳв мешуданд. Устод Айнӣ муомила ва мубодилаи онҳоро воқеъбинона дар раванди амалиёт бо як ҳаҷви кушанда инъикос намудааст.

Ҳамин тавр, Ҷанги якуми ҷаҳон барои Қорӣ Ишкамба ҳам омади калон кард. Дар ин мавридҳо судхӯри серпуле, ки киса ва чашми ҳаннотонро пур карда тавонад, Қорӣ Ишкамба буд.

Дар соли дуюми ҷанг ишками Қорӣ Ишкамба аз пештарааш калонтар шуд, пулаш ҳам аз ду миллион гузашт.

Вале боз ба сари чунин судхӯри қаллоб рӯзи сахт ҳам омад, ки пас аз ин ҳодиса чанд муддат девона шуд ва дар кӯчаю бозори Бухоро девонагон барин мегашт. Устод ҳамаи ин ҳолат, дунёи ғаму андӯҳи Қорӣ Ишкамбаро бо камоли . .аҳорат ва хеле табиӣ нишон додааст. Қорӣ Ишкамбаро бой ва хазинадори ӯ Мирзо Абдулло фиреб медиҳанд. Қорӣ пули калонашро бой медиҳад. Боз фирефтаи ҳамон вексел. Ҳамон векселе, ки ӯ садҳо касонро фиреб дода буд, аҷали худаш мешавад. Мирзо Абдулло ба Қорӣ Ишкамба мегӯяд, ки агар сад ҳазор танга ба мо диҳӣ, ҳар моҳ фоидаи он 2 ҳазор танга мешавад ва дар ду моҳ ба 4 ҳазор мерасад. Ман ба Шумо ба ин муддат

вексел медиҳам. Аз ин муомила Қорӣ Ишкамба хурсанд мегардад ва ба тезӣ ба банк рафта 96 ҳазор танга гирифта меорад. Аммо Мирзо Абдулло розӣ намешавад ва Қорӣ боз маҷбур мешавад, ки рафта чор ҳазори дигар биёрад ва вексели тайёрро гирад.

«– Ана, ин маблағро ҳам гиред, вексели тайёркардаатонро ба ман диҳед! – гуфт.

– Ин чӣ пул, кадом вексел? Ман намефаҳмам? – гуфт Мирзо тааҷҷубкунон.

– Ҳазл накунед! – гуфт Қорӣ Ишкамба, – ҳозир вақти масхарабозӣ нест. Зудтар пулро гирифта, вексел диҳед, аз давидан ҷонам баромад, як чой ҳам фармоед, ки як пиёла нӯшида нафасамро рост гирам.

– Ҳозир корам бисёр, ба чойфармоӣ ва чойнӯшӣ фурсат надорам. Дар ягон вақти камкориам биёед, ман Шуморо бо қандчой зиёфат хоҳам кард. Ҳозир аз пеши ман равед, ки ҳисобро гум накунам.

– Охир векселро диҳед, ки ман биравам! – гуфт Қорӣ бо ҷиддият.

– Чӣ гуна вексел? Ин пулатонро бардошта баред, ки ба ман даркор нест. Ман на пул қарз мегирам ва на вексел медиҳам.

– Хуб, қарз, ки намегирифта бошед, 96 ҳазор тангаи дафъаи аввал додаамро диҳед, ки ман биравам.

– Шӯхӣ накунед, Қорӣ-амак! Вақт надорам, равед, ки ман корамро кунам!

– Шумо шӯхӣ карда истодаед! Лекин шӯхӣ ҳам бошад, дилам қариб ба кафидан расид. Ё зудтар пуламро диҳед ё векселро!

– Девонагӣ бас! Зуд бароед, ки кори зарурам бисёр аст? – гӯён Мирзо аз ҷояш бархост ва Қориро ба тарафи дар тела дода, – ҷои девонагон хонаи эшони Хоҷаубонӣ аст, на тиҷоратхона! – гуфт.

Қорӣ «вой хонаам сӯхт» гӯё фарёд мекашид ва монанди бачае, ки бозичаашро аз дасташ ба зӯрӣ кашида гирифта бошанд, ҳунгосзанон гиря кардан гирифт…

Хизматгорон ӯро аз дасту пояш бардошта аз ҳавлӣ берун карданд. Қорӣ чун дид, ки дарвоза баста, илоҷи даромадан нест, саллаашро аз сараш кушода ба гарданаш андохта:

– Ин чӣ бедодист?! Мусулмонӣ тамоман барҳам хӯрдааст. Вой дод! – гӯён ба тарафи арки амир давид. Акнун ӯро ҳар касе, ки ба ин ҳол дар роҳ медид, дар девона шудани ӯ шубҳа намекард...»

Аз ҳама муҳимаш дар анҷоми асар аз хабари барояш мудҳиш мусодира кардани ҳамаи пулҳои қоғазӣ, тилло, нуқра ва қоғазҳои қиматдор аз тарафи болшевикон «Оҳ, пулакам!» – гӯён бо ҳамон вазъияте, ки ба гӯянда гӯш медод, якпаҳлу ба замин ғалтид… Ӯ мурда буд».

Муҳаққиқон, шарқшиносон ва он уламое, ки дар бораи повести «Марги судхӯр» сухан гуфтаанд, марги Қорӣ Ишкамбаро футурравӣ, заволёбии ҷомеаи феодалӣ, барҳам хӯрдани Аморати Бухоро ва зуҳури сохти нави ҷамъиятӣ–давлати болшевикон ба қалам додаанд, ки шояд дуруст бошад.

Вале ба ин масъала аз нигоҳи имрӯз бояд назар кард.

Барои Қорӣ Ишкамба, барои судхӯрони каллоб, фиребгар, хиёнаткор, разил, беинсоф ва пулпараст миллат, Ватан ва Модар тафовут ва арзише надоранд. Барои Қорӣ Ишкамба кадом сохт буданаш муҳим нест. Бигузор болшевикон ба сари қудрат оянд, ҳукмрон бошанд, вале пулаш бошад, пулашро касе нагирад, ҳар рӯз фоизи пулаш зиёд шавад - ана ин барои судхӯр – Қорӣ Ишкамба ва ҳамаи судхӯрон муҳим аст. Аз ин чост, ки мантиқан Қорӣ Ишкамба на ба хотири омадани болшевикон ё барҳам хӯрдани Аморати Бухоро, балки ба хотири 2 миллион сӯмаш чон ба Ҳақ таслим кард. Устод ин тарафи масъаларо воқеӣ дарк карда, симои асосии асар – Қорӣ Ишкамбаро дар чунин вазъ ба ҳалокат расонд. Ба фикри мо, ба ин тарз анҷом додани повест табиӣ буда, аз тарафи дигар, бурди нависандаро нишон медиҳад. Ба ҳамин хотир, образи Қорӣ Ишкамба шӯҳрати беназир пайдо кард ва ба радифи образҳои ҷовидонаи адабиёти олам ворид гардид.

Дар повести «Марги сӯдхур», чунон ки дидем, симоҳои дигар низ амал кардаанд, ки ҳар кадоми онҳо бо характер ва хислати хеш фарқ карда меистанд. Яке аз ҳамин гуна симоҳои фаромӯшнашаванда Раҳими Қанд аст. Раҳими Қанд намояндаи аҳли ҳунар буда, нависанда зимни он хислатҳои бехтарини аҳли ҳунарро ҷамъбаст намудааст. Чунон ки аз лақабаш маълум аст, пешаи ӯ қандпазию ҳар гуна шириниҳои болаззат тайёр кардан аст. Вай қандолоти хешро дар пеши саройи Ҷаннатмаконӣ савдо мекард. Нависанда бо Раҳими Қанд дӯстӣ дошт ва аз ӯ қиссаю ривоят, ҳикояю афсонаҳои аҷибу ғарибро мешунид. Маҳз дар назди дӯкони Раҳими Қанд бо Қорӣ Ишкамба вохӯрда, сӯҳбат кард ва аз Раҳими Қанд дар бораи Қорӣ маълумоти тарҷумаҳолӣ гирифт.

Раҳими Қанд бидуни ҳунари қандпазӣ боз ҳунари навозандагӣ дошт. Ӯ дар назди Насруллоҳи Дег даҳ сол шогирдӣ намуда, шашмақомро ба хубӣ омӯхт ва танбӯрнавози хушсалиқае низ будааст. Рӯзгори хешро асосан аз рӯи ин ду ҳунар мегузаронидааст. Нависанда бо як муҳаббати хос дар бораи Раҳими Қанд сухан ронда, хислатҳои хоксорӣ, ҳалолкорӣ, меҳнатдӯстӣ ва поквиҷдонии ӯро дар рафти ҳодисаю воқеоти асар тасвир намудааст. Қорӣ Ишкамба ҳам аз Раҳими Қанд фоида бурда, аз қандолоту конфетҳои ӯ ройгон мегирифт: «Қорӣ амак шӯхӣ накунед! Ман одами бечораи айёлманд мебошам, пули қанду конфету обидандонро дода равед! – гуфт бо оҳанги зорӣ». Вале Қорӣ Ишкамба пул додан, пул сарф намуданро дӯст намедошт, сад баҳона карда мерафт.

**Забон ва тарзи баёни нависанда**

«Марги судхӯр», агар дурусттар диққат диҳем, характери ёддоштӣ ҳам дорад. Яке аз қаҳрамонони фаъоли асар худи устод Садриддин Айнист. Нақши устод аз байни ҳодисоту воқеоти повест мисли як хати сурх мегузарад. Бисёр воқеоти «Марги судхӯр», ки пасон дар «Ёддоштҳо»-и устод идома меёбанд, аз ҳар ҷиҳат такмил дода

шудаанд. Дар ин бора устод Айнӣ низ ишораҳо дорад.

Азбаски повести устод ҳаҷвист, дар он нависанда аз таъбиру ибора, зарбулмасалу мақолҳои ҳаҷвӣ бештар истифода бурдааст. Забони асар ширин, форам ва сода буда, аз хондани он кас лаззат мебарад. Н. Маъсумӣ дар бораи «Марги судхӯр» сухан ронда, ба забон ва тарзи баёни устод Айнӣ баҳои воқеӣ медиҳад: «Хусусан дар диалогҳо ва тавсифҳо, тарзи ҷумласозӣ ва ибораороии «саҳли мумтанеъ» ба дараҷаи ҳайратбахш мерасад».

Агар мо аз ҳамин нуқтаи назар пораеро, ки дар он намуди зоҳирии Қорӣ Ишкамба аз тарафи нависанда тасвир ёфтааст, аз назар гузаронем, ба гуфтори ин донишманд ризо мешавем. «Ӯ як одами миёнақади фарбеҳи ишкамкалони гарданкӯтоҳ буда, ғафсии гардан ва пуррагии сару рӯяш ҳам аз ғафсии шикамаш қариб фарқ надошт, агар риши калони ғӯлии монанди алафи гандадарав ба ҳам печидаашро, ки тамоми рӯяшро фарогирифта буд, тарошида мепартофтанд, сару тани ин одам дар як ҷо ба ишкамбаи холӣ карданашудаи шутур монандӣ пайдо мекард, ғояташ ин ки ин аз вай калонтар буд, монанди ҷуссаи шутури ба дарди хориш гирифторгардидаи мӯяш рехтагӣ сурхчатоб менамуд».

Бояд гуфт, ки портрети боло дар оғози повест дода шудааст. Хонандаи закӣ бе ҳеҷ як душворӣ аз ин тасвирот дар бораи чигунагии характер ва рафтору кирдори Қорӣ Ишкамба бисёр чизҳоро дарк намуда, аллакай симои манфури ин судхӯри қаллоб пеши назараш намудор мегардад.

Дигар, сабки содаи нигориш ва кӯтоҳбаёнӣ яке аз хусусиятҳои хоси нависанда дар повест аст. Бо овардани чанд ибораи сода, суфтаю рехта характер, рафтору кирдори образро кушода медиҳад. Масалан, Раҳими Қанд ба саволи нависанда:

«– Ин кас кист? – ҷавоб гардонда чунин мегӯяд:

– «Як ҳиндуи салланок, як судхӯри гузаро, як хасиси чирки дандонхӯр!»

– Магар ӯ дирӯз шуморо зиёфат карда буд, ки «курнамакӣ накун, дирӯза ошро аз ёдат набарор! – гӯён ба шумо миннат кард?

– Оши ӯро то ҳол занаш ҳам нахӯрдааст! – гуфт Раҳими Қанд».

Ҳамин тавр, устод Айнӣ вобаста ба талаботи мавзӯъ, яъне ҳаҷвӣ буданӣ он бештар калимаю иборот ва зарбулмасалу мақоли ҳаҷвиро мавриди истифода қарор додааст, ки ин ҷузъиёт барои муҷассам баромадани образи асосӣ – Қорӣ Ишкамба мусоидат кардаанд.

Бинед, танҳо дар як ҷумла «ҳиндуи салланок», «судхӯри гузаро» ва «хасиси чирки дандонхӯр» барин ибораҳои рехтаи ҳаҷвиро чӣ хел моҳирона мавриди истифода қарор додааст. Ҳамаи ин аз тавоноии суханофарии устоди бузург Садриддин Айнӣ шаҳодат медиҳад. Устод бо ин гуна шоҳасарҳои худ на танҳо дар адабиёти тоҷик, балки дар адабиёти ҷаҳон мақоми хос дорад.

**Савол ва супориш**

1. Чаро устод Айниро 75 чӯб заданд? 2. Дар бораи зодгоҳи нависанда маълумот диҳед. Шаҳрҳои Бухоро, Самарканд ва Ғиҷдувонро аз харита нишон диҳед. 3. Майдони Айнӣ, Боғи Айнӣ, Музейи Айниро дар шаҳри Душанбе дидаед? Агар дида бошед, таассуротатонро ба ҳамсинфонатон нақл намоед. 4. Тахаллуси Айнӣ чӣ маъно дорад? Агар надонед, аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маъноҳои онро ёбед. 5. Чаро устод Айниро асосгузори адабиёти муосири тоҷик мегӯем? 6. Асарҳои адабиётшиносии устод Айниро номбар кунед ва гӯед, ки кадомашро мутолиа кардед? 7. Аҳамияти «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро шумо дар чӣ мебинед? 8. Нахустин шеъре, ки устод бо тахаллуси Айнӣ эҷод кардааст, чӣ ном дорад ва кадом сол иншо шудааст? 9. Устод ба ашъори кадом адибони гузашта бештар пайравӣ намуда, асар эҷод кардааст? 10. Асарҳои публитсистии устодро номбар кунед. Дар бораи забони тоҷикӣ чӣ хел мақолаҳо навиштааст? 11. Дар солҳои 1924–25 кадом асарро иншо кард? 12. Устод Айнӣ «Ёддоштҳо»-ро дар пайравии кадом адибон эҷод намудааст. 13. Ҳаёти як наслу се авлод дар кадом асари устод тасвир ёфтааст? Намояндагони як наслу се авлодро номбар кунед. 14. Устод чаро ба повесташ «Марги судхӯр» ном гузошт? 15. Кадом филмҳои бадеиро медонед, ки аз рӯи асарҳои устод Айнӣ ба навор гирифта шудаанд? 16. Портрети асари бадеиро чӣ хел мефаҳмед? Дар мисоли Қорӣ Ишкамба ин мафҳуми назарияи адабиётро шарҳ диҳед. 17. Мегӯянд, ки повести «Марги судхӯр» аз баъзе ҷиҳатҳо хусусиятҳои жанри ёддоштро дорад. Шумо чӣ андеша доред? 18. Аз кадом ҷиҳат Қорӣ Ишкамбаро Гобсеки Бухорой мегӯянд? Қорӣ Ишкамба ба Гобсеки Балзак чӣ муносибат дорад?

*Рӯйхати адабиёти илмӣ ва методӣ*


1. С. Айнӣ. Акнун навбати қалам аст. ч. I, Душанбе, «Ирфон», 1977.
2. А. Маниёзов. Публитсистика ва назми устод Айнӣ. Душанбе, Нашрдавтоҷик, 1958.
3. Н. Маъсумӣ. Асарҳои мунтахаб, ч. I, Душанбе, «Ирфон», 1977.
4. М. Шукуров. Анъана, халқ ва маҳорат, Душанбе, Нашрдавтоҷик, 1964.



# МИРЗО ТУРСУНЗОДА

*Ба хотири шоири бузург, ки роҳи моро дар адабиёт бо нури илҳом ва эъҷози сухан мунаввар кардааст, сари таъзим фуруд меорам.*

*Ч. Айтматов.*

Тарҷумаи ҳол

Моҳи октябри соли 1975 вақти хазонрез буду ҳаво сард. Мо чаҳор нафар толибилм аз Душанбе озими Маскав шудем. Чун ба манзил расидем, аллакай шаб доман паҳн карда буд. Мо хостем дар яке аз меҳмонхонаҳои наздик шабро рӯз кунем. Меҳмонхонаи Маскав аз ҳама наздиктар буд, рафтем. Ба мо мутасаддиён арз карданд: «Меҳмон бисёр, ҷой нест!». Мо ба тақдирамон тан дода, болои курсиҳо ҷой гирифтем. Андак вақт гузашт. Меҳмонон даробаро мекарданд. Баъзеҳо ҷой мегирифтанд. Мо медидему илоҷи сухан гуфтан надоштем. Дар ҳамин вақт бо чанд нафар устод Турсунзода бо чеҳраи хандону шукуфон вориди меҳмонхона гардиданд. Мо ба ҳурмати устод аз ҷой хестем. Он кас аз мо хеле дур буданд. Чун моро диданд, аз шарикон ҷудо шуда, наздамон омаданд:

– Ҳа, шербачаҳо, мондаҳои сафар! Ин қадар бедимоғ нишастаед, ё ҷой нарасид? Хайр, ҳозир.

Мо дар ҷавоб ташаккур гуфтем, ба хидматӣ омадану ҷой наёфтанамонро изҳор намудем.

– Ҳеҷ гап не, дар роҳи илм риёзат бояд кашид. Ҳозир ташкил мекунем, – гуфта ба назди роҳбарияти меҳмонхона роҳ гирифтанд. Пас аз лаҳзае ҳуҷҷатҳоямонро гирифта ҷой доданд. Устод бо директори меҳмонхона назди мо омаданд ва даҳони пур аз ханда бо забони русӣ изҳор карданд:

– Ин кас Димитрий Василевич, директори меҳмонхона, дӯсти наздики ман. Ба Димитрий Василевич изҳори сипос кунед, марди бузурганд.

Мо бо камоли эҳтиром ба Димитрий Василевич изҳори миннатдорӣ намудем. Устод боз суханашро давом дод:

– Димитрий Василевич! Медонам, ки Шумо маро ҳурмату эҳтиром

мекунед, мо дӯстони наздикем. Аз ин хотир аз Шумо як хохишу илтимоси бародарона дорам. Ҳар вакте ки ба мехмонхонаи Шумо ягон точик омаду аз Тоҷикистонам гуфт, он касро бечой нагузоред, манзил диҳед. Ман то зиндаам дар хизмати Шумо. Агар мурдам, рӯҳам аз Шумо шод мегардад.

– Гапи Шуморо харгиз дар замин намемонам Мирзо Турсунович! Ба хизматчиёнам амр медихам ва то дар хамин чо ҳастам, ба хотири Шумо тоҷиконатро болои даст мебардорам.

Аз ин гуфтори директори меҳмонхона устод ва ҳамаи мо хандон шудем ва боз ба эшон садоқату меҳрубонии хешро иброз намудем.

– Димитрий Василевич! Шумо одати мо – тоҷиконро хуб медонед. Мо меҳмонро аз чонамон азизтар медонем. Ман дар Маскав кариб таҳҷой шудам. Инҳо меҳмонони мананд. Бояд ин расми хуби тоҷиконро гум накунам, онҳоро бояд бо як пиёла чой бошад ҳам, мехмондорӣ намоям. Охир онҳо аз рохи дур омадаанд. Лекин шарташ ҳамин Шумо хам хамроҳи мо мешавед, як пиёла чойи тоҷикиро бо ҳам мебинем, менӯшем.

Устод дар хамон нимишабӣ барои мо чой доду зиёфати шоҳона. Сари моро аз фарш ба арш расонид. Аз он рӯзгор солҳои зиёд сипарӣ шуданд, вале ҳаргиз сухбати оншаба бо Мирзои Бузург, Мирзои Оламгир аз ёдамон нарафтааст ва нахоҳад рафт.

Мирзо Турсунзода ифтихори миллати мост, ки ин маъниро академик Муҳаммад Осимӣ бисёр чолиб ва ба мавқеъ гуфтаанд:

«Боре аз Деҳлӣ ба Катманду парвоз мекардам. Дар паҳлуям як марди ҳинду нишаста буд. Ӯ аз ман савол кард, ки аз кучоям? Ҷавобаш додам, ки аз Тоҷикистон. Бо тааччуб кифт дар хам кашид ва гуфт, ки ин номро нашунидааст. Хостам Душанберо ном барам, вале боз ба худ андешидам «модоме, ки Тоҷикистонро намедонад, Душанберо аз кучо донад». Баъд аз муддате саволашро давом дода пурсид: «аз кадом миллат ҳастам?». Гуфтам, ки тоҷикам. Боз кифт дар ҳам кашид. Надонистам, ки чӣ тавр аз кучо ва аз кадом миллат будани худро фаҳмонам. Пурсидам, ки оё номи Турсунзодаро шунидааст? Дар киёфаи ӯ якбора ҳаячону шодӣ барқ зад ва гуфт:

– О! Турсунзода, Душанбе, Сулҳ!

Ин калимаҳоро паси хам бо як оханги махсус талаффуз карда, аз чояш хест ва дастамро бародарона сахт фишурд ва изҳори ташаккур кард ва гуфт:

– Сано ба он миллате, ки чунин фарзандро тавлид намуд ва Мирзо Турсунзода дорад!».

Чунин лаҳзаҳою чунин гуфторҳои чолибу рангин зиёданд. Вале аз хотири он ки сухан дароз нашавад, лаҳзаҳои болоро муште аз хирвор гуфта, нукта мегузорем ва барои Шумо, шогирдони азиз, аз рӯзгори рангини ин абармарди илму фарҳанг ва адиби шаҳири тоҷик ва асри XX ҳикояти хешро давом медиҳем.

Водии Ҳисор, ки дар гузашта бо номи Ҳисори Шодмон машҳур буд, бо обхои зулол, кӯҳҳои осмонбӯс ва боғу роғи сабзу хуррамаш дили ҳар як бинандаро ба худ мекашид. Дар ду канори рӯди зебои Қаратоғ (ба тоҷикӣ

«Сиёҳкӯҳ») бо ҳамин ном деҳае воқеъ аст, ки он ҷо шоир – Мирзо ба дунё омад.

Мирзо Турсунзода соли 1911 дар оилаи устои сангтарош, чармгару чармдӯз –Турсун таваллуд ёфтааст. Таваллуди Мирзо барои усто Турсун беҳад хурсандӣ овард. Ӯ писари ягонаи падар буд.

Маҳаллаи онҳо Чармгарон ном дошт ва хонаи усто Турсун дар ҳамин мавзеъ, дар лаби рӯд ҷой гирифта буд. Мирзо солҳои кӯдакиашро ёд карда мегӯяд: «Падарам бисёр мехост, ки ман босавод шавам». Аз ин хотир Мирзо аз 6 – солагиаш ба мактаби кӯҳна меравад ва диққати ӯро аз хурдӣ зебоии манзараҳои гирду атрофи кӯҳсорон, бозиҳои хархелаи бачагони деҳ ба худ ҷалб мекард. Аз он ки Мирзо писари ягонаи падар буд, усто Турсун ӯро баъди дарс ҳар ҷое, ки мерафт, ҳамроҳ мебурд.

Ӯ бачаи зираку хушзеҳн буда, чизи шунидаашро дар хотираш нигоҳ медошт.

Соли 1920 ба сари Мирзои хурдсол мусибати вазнине омад. Модараш аз касалии вабо вафот намуд: «Ин рӯзи ғамангез, – мегӯяд шоир, – як умр дар лавҳаи хотирам нақш баст». Усто Турсун бошад, хонаашро «бехосият» гуфта, соли 1921 ба гузари Шӯроблара кӯчид. Бинобар ин то соли 1925 таҳсили минбаъдаи шоир дар масҷиди Ҳоҷӣ Юсуф, ки дар ҳамон гузар воқеъ буд, давом мекунад.

Мирзо, ки аз мактаби кӯҳна саводи хуб гирифта буд, пас аз барқарор шудани Ҳукумати Шӯравӣ ба мактаби нав дохил шуд ва бомуваффақият таҳсилашро давом дод. «Таҳсили ман дар мактаби нав дер давом накард, – мегӯяд ӯ. – Ман ва ду рафиқи шарикдарсам хондан, навиштан ва ҳисоб карданро зуд аз худ намудем. Бинобар ин дигар нишастан ҳамроҳи онҳое, ки нав ба хондани алифбо шурӯъ карда буданд, бароямон дилгиркунанда намуд. Ва мо қарор додем, ки ба Душанбе равем».

Солҳои 1926–1927 таҳсили Мирзо дар интернат ва техникуми педагогии шаҳри Душанбе давом мекунад. Дар ин давра ҷаҳонбинии фикрию сиёсиаш баланд гардида, бо роҳхати Вазорати маорифи ҷумҳурӣ ба Дорулмуаллимини (Институти муаллимтайёркунӣ) шаҳри Тошканд фиристода мешавад.

Мирзо Турсунзода солҳои 1927–1930 дар институт таҳсили илм намуда, соҳиби дониши пурраи омӯзгорӣ мегардад.

Соли 1930 Институти муаллимтайёркунии шаҳри Тошкандро хатм намуда, ба Душанбе меояд ва дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба вазифаи мудири шӯъбаи оммавӣ ва баъдтар котиби масъул кор мекунад. Рӯзнома дар мукаммалшавии дониши адиби ҷавон кӯмаки калон мерасонад.

Аз соли 1935 дар вазифаҳои сардори мудирияти корҳои санъати Тоҷикистон ва аз соли 1946 то охири умраш вазифаи раиси правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро адо кардааст. Ӯ дар бадали сию як соли фаъолияти кориаш чун арбоби барҷастаи давлатию ҷамъиятӣ ба бисёр мамлакатҳо сафар намуда, доир ба дӯстию рафоқат, муҳофизати сулҳ саъю кӯшиши зиёде кардааст.

Мирзо Турсунзода моҳи августи соли 1977 дар шаҳри Душанбе вафот

кардааст. Дар маросими дафни ин марди бузург дӯстон, хамкасбон аз ҳар гӯшаю канори дунё иштирок карданд, ашки хасрат рехтанд. Адибони тоҷик ва дигар кишварҳои Дунё дар вафоти устод Мирзо Турсунзода марсияҳои ҷигарсӯзе эҷод кардаанд, ки дар зер намунаи эҷоди як зани сайёра–шоираи Украин Светлана Йовенкоро бо номи «Ёди шоир» чун муште аз хирвар меорем:

Ҳамин шаб дар замини ту, ки васфаш кардай зебо,
Нагашта пайкарат сарду нагашта ғарқи ашк асло–
Калону хурд мегиряндy мегиryанд шоирҳо.
Шавам то зӯру даркорӣ, мадагорам шав, эй Мирзо!
Ҳамин шаб дар заминат–кишвари аклу хирадмандон,
Бигиряд дар замин булбул, бигиряд моҳ дар Кайҳон.
Чӣ сон аз дард имшабро расонам то саҳар осон,
Шавам то ман хирадманде, мададгорам шав, эй Мирзо!
Ба пешат омадам шодон, ки бошам шод бо халқат.
Вале ҳайҳот бо андӯҳ кашам фарёд бо халқат.
Шитобон омадам пешат, ки табрикат кунам аз сар.
Валекин менависам «Ширин сум»[1] рӯи гулчанбар.

Имрӯз маркади Мирзо Турсунзодаро дар Луҷоби хушманзар хурду калон ва меҳмонони зиёд зиёрат мекунанд.

Мирзо Турсунзода чун шоир, мутафаккир, фарзанди бовафои халқу миллат тамоми ҳастияшро барои баланд бардоштани маданияту адабиёти тоҷик бахшидааст.

Устод Мирзо Турсунзода академики Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 1951), Раиси комитети якдилии халқҳои Осиё ва Африка, узви комитетҳои Умумиҷаҳонии сулҳ, узви Комитети Умумиттифоқии мукофотҳои Ленинӣ, раиси Комитети мукофоти республикавии ба номи Рӯдакӣ ва ғайраҳо буд. Ба М. Турсунзода унвони Лауреати Мукофоти Давлатии СССР, Лауреати Мукофоти Ленинӣ ва Лауреати Мукофоти республикавии ба номи Рӯдакӣ дода шудааст.

Соли 1961 аввалин унвони фахрии Шоири Халқии Тоҷикистонро соҳиб гардид. Соли 1967 Мирзо Турсунзода ба гирифтани Лауреати Мукофоти байналхалқии ба номи Неҳру сарфароз мегардад.

Бо унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ (1967) ва боз бисёр ҷоизаю орденҳои Шӯравӣ мушарраф гардонида шудааст. Билохира Мирзо Турсунзода **Қаҳрамони Тоҷикистон** аст.

Ҳиссаи М. Турсунзода чун мубориэи матин дар роҳи муҳофизати сулҳу амнияти халқҳои ҷаҳон калон аст. Ӯ дар чандин конгрессу симпозиумҳои байналхалқӣ ширкат варзида, аз номи халқи тоҷик суханронӣ намудааст. Мавқеи ҷамъиятии ӯ чун паҳнкунандаи идеяҳои сулҳпарварӣ дар ҷаҳон машҳур аст.

[1] *Ширин сум* – аз сидқи дил ҳамдардӣ баён мекунам (лафзи украинӣ).

Шеърҳои вай мисли рӯдҳои кӯҳистон ба ҳам омада, ба дарёи бузурге табдил ёфтаанд, ки ба мардуми шеърхону суханфаҳми тоҷик ва халқҳои Сайёра назокати ҳақиқӣ, шодмонӣ ва одамият мебахшанд.

## МЕРОСИ АДАБИИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Мусаллам аст, ки ҳар як эҷодкор бо рӯзгори хеш пайванди ногусастанӣ дорад. Вай пеш аз ҳама, фарзанди ҳамон айём буда, дар осори хеш ҳодисоту воқеоти рӯзгори хешро инъикос менамояд. Чӣ хел ба қалам додану ҳал намудани ин масъала ба афкор, ҷаҳонбинӣ ва ҳунару истеъдоди фитрии ӯ вобастагии қавӣ дорад. Мирзо Турсунзода ҳам фарзанди замони худ буд. Ӯ солҳои сиюм ба майдони адабиёти тоҷик по ниҳод. Пеш аз ҳама, ҳунару истеъдоди баркамоли табиии шоирӣ дошт, вале таҷрибааш ҳанӯз хеле кам буд. Аз ин хотир он чизе, ки дар он солҳо эҷод ва чоп намуд, навмашқона ва умумӣ буданд. Ӯ дар солҳои пасин ба асарҳои дар ин давра эҷодкардааш аз назари танқид нигоҳ карда, чунин мегӯяд: «Як вақтҳо шеър навиштан барои ман осон буд, имрӯз бошад, он шеърҳои кӯҳнаамро иштиёқи хондан надорам. Чаро чунин ҳолат ба миён омадааст? Барои он ки бисёр шеърҳои пешинаи ман самимона навишта шуда бошанд ҳам, лекин ман дар онҳо таҷрибаи аз ҳаёт андӯхтаи худро ошкор насохтаам. Ҳаёти ҳақиқиро нишон надода, танҳо тасаввуроти умумиро дар бораи он ба қалам додаам».

Суханҳои Мирзо Турсунзода ба маҷмӯаи нахусти ӯ, ки «Байроқи зафар» ном дошт ва соли 1934 ба табъ расида буд, тааллуқ доранд. Дар ин маҷмӯа шеъру достон, ҳикояю очеркҳое, ки нависанда дар он солҳо эҷод карда буд, гирд оварда шуда буданд. Бо вуҷуди он ки асарҳои дар ин маҷмӯа воридшуда навмашқона буданд, дар онҳо рӯҳи замон, мавзӯъҳои муҳими ҳаёти халқ ва кишвар, аз қабили барқароркунии хоҷагии қишлоқ, озодии занон, мактабу маориф ва бахусус тасвири зебоиҳои Ватан ва амсоли инҳо инъикос ёфта буданд.

Бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки ҳанӯз аз ҳамон давра дар эҷодиёти шоир мавзӯи Ватан ва ватандӯстӣ мавқеи калон дошт. Онҳо аз худшиносӣ ва ҳисси ифтихори миллии шоири ҷавон дарак медоданд. Ин мазмун дар шеъри «Чаманистон» хеле самимӣ, бо обуранги шоирона ба қалам дода шудааст:

Қурбони ту, эй диёри ишқам,
Боғу чаману баҳори ишқам.
Фазлу ҳунарам Ватан, туӣ, ту!
Сози зафарам Ватан, туӣ, ту!
Эй хурраму сабз боғу бӯстон,
Эй машъали Шарқ–Тоҷикистон!

Дар ин пора шоир Тоҷикистони хуррам ва мисли боғу бӯстонашро ба машъали рахшони Шарқ шабеҳ намуда, аз он ифтихор дорад. Воқеан, бояд

арз кард, ки аз ин абёти рангини шоири ҷавон оянда умедбахши ӯ ба хубӣ эҳсос мешуд.

Мирзо Турсунзода дар ин айём ҳамчун рӯзноманигор ба шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ, ба назди деҳқонон, сохтмончиён рафта, бо кору бори онҳо аз наздик шинос мешуд ва дар баробари ин пайваста ҳунари шоирии хешро сайқал медод. Эҷодиёти адибони бузурги форсу тоҷик барои адиб мактаби омӯзиш буданд. Шоир ин рӯзҳоро ба ёд оварда баъдтар чунин ибрози назар кардааст: «Дар болои сухан меҳнат кардан кори хеле мураккаб аст. Дар ин маврид ба нависанда омӯхтани забони зиндаи халқ ва асарҳои классикони мо кӯмаки зиёд мерасонанд. Танҳо эҷодкорона омӯхтан манфиатбахш аст, на нусхабардории кӯркӯрона. Образу фикрҳои дигаронро аз худ накарда суханданӣ ва сухансанҷии ҳайратангез, бойгарӣ ва зебоии забон, образҳои равшану дурахшон ва талаботи эстетикиро, ки ҳама хоси классиконанд, бояд эҷодкорона омӯзем».

Дар суханони устод Турсунзода илова бар он чизе, ки дар боло гуфтем, боз як масъалаи муҳими дигар зикр ёфтааст. Яъне шоир дар баробари омӯхтани адабиёти классикӣ донистани забони зиндаи халқро барои эҷодкор зарур медонад. Ва худ аз пайи омӯзиши он мешавад. Ҳамин тавр, омӯзиши ин ду сарчашмаи муҳим барои шоир, ки сахт ниёз дошт, самар дод, каламаш бурро ва фикраш расо гашт. Хонанда ин тағйироти куллиро дар эҷодиёти солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба хубӣ эҳсос карда метавонад. Вале нишонаҳои аввалини ин дигаргунӣ ҳангоми эҷоди достонҳои нахустини шоир «Офтоби мамлакат» ва «Хазон ва Баҳор» ба чашм мерасад. Мавзӯи ҳар ду асар ба масъалаҳои рӯзмарра – кору зиндагӣ, талошу ҷоннисории деҳқонону пахтакорон ба хотири сохтмони ҷомеаи нав бахшида шудаанд. Достони «Хазон ва Баҳор» ба тарзи маснавӣ дар вазни достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ иншо шудааст. Санъати тазоду муқобала асоси асарро ташкил додааст. Яъне муқобилгузории ду сохт, ду замон мавзӯи достон қарор ёфтааст. Шоир ҳаёти вазнини камбағалон, дар зери асорати ғуломӣ ва беҳуқуқӣ будани занонро нишон медиҳад. Дар анҷоми достон амиру саркардагони онҳо мағлуб шуда, қаҳрамони асосии достон – Саттор ғолиб мебарояд. Дар достон адиб мубориза баҳри ҳаёти фирӯз ва ишқи поки ду ҷавон – Раъно ва Сатторро хеле ҷолиб инъикос намудааст.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз ёфт. Бисёр адибони тоҷик баҳри озодӣ ва истиқлоли кишвар ба майдони набард рафтанд ва қисмати дигари онҳо қаламро шамшер намуда, алайҳи душмани ғаддор ба по хестанд, ки Мирзо Турсунзода ҳам аз ҷумлаи онҳо буд. Рӯзгори халқ нооором, кишвар дар хатар, оташи ҷанги хонумонсӯз аланга гирифт. Мақсаду мароми ҳар як фарди ҷомеа он буд, ки ҳар чи зудтар фашизми Германияро нест карда, Ватанро аз душманон озод намояд. Ба хотири ин Мирзо Турсунзода тамоми қувваро ба ин самт равона кард. Мавзӯи Ватан – Модар, ҳимояи он аз душман мавзӯи асосии ашъори адиб қарор гирифт. Ҳамин тавр, замон аз ҳар адиб офаридани образ ва симоҳои барҷастаи шахсони мубориз, ватандӯст ва ҷонни-

сору вафодорро тақозо дошт. Мирзо Турсунзода ин масъулиятро хеле хуб ҳис намуда, дар ин давра асарҳои баландгоя офарид. Асарҳои «Хайр модари азиз», «Хотираи капитан», «Баҳодури тоҷик», «Ҳамшираҳо», «Фарзанди ту меоям»,«Ҳаргиз» ва достони «Писари Ватан» аз беҳтарин асарҳои даврaи Ҷанги Бузурги Ватании адабиёти тоҷик ба шумор меравaнд. Шоир шеъри «Хайр модари азиз»-ро дар рӯзҳои аввали ҷанг эҷод кардааст ва ба воситаи саволу ҷавоби модару фарзанд мақсаду мароми садҳо фарзандону модарони тоҷикро, ки писарони худро дуои нек дода, ба ҷанг мефиристоданд, нишон додааст:

Модар аз чеҳраи гулгуни писар,
Нарм бӯсиду гирифташ дар бар,
Гуфт: «Рав ҷанги далерона бикун!
Ҷанг бо лашкари бегона бикун!
Бош фарзанди сазовори падар,
Ловики ин Ватан, ин ховаву дар!»

Мавзӯи дигари ашъори ин давраи шоир ситоиши қаҳрамонӣ, ҷоннисорӣ ва шуҷоату далерии ҷанговарони майдони набард аст. Акнун дар ин гуна шеърҳо на симоҳои қаҳрамонони хаёлӣ, балки кору амалиёт, далерию мардонагии фардҳои мушаххас, воқеӣ мавриди ситоиши Мирзо Турсунзода қарор ёфтаанд. Намунаи барҷастаи ин «Баҳодури тоҷик» шуда метавонад. Дар ин манзума шоир корнамоии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Тешабой Одиловро ба қалам додааст, ки ин фарзанди фарзонаи тоҷик барои муҳофизати шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) шуҷоату далерии бемисл нишон дод. Як пораи Ватанро аз душманон ба ивази ҷони азизаш муҳофизат намуд. Шоир бо як ҳиссиёти баланд ҷаҳони ботинӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ ва меҳанпарастии ҷанговарони тоҷикро дар симои Тешабой Одилов инъикос намудааст, ки чунин асарҳо дар он рӯзгор ва имрӯз ҳам аҳамияти бузурги тарбиявӣ доранд.

Устод Мирзо Турсунзода дар шеъри «Ҳамшираҳо» корнамоии садҳо духтарону занони тоҷикро, ки дар қатори мардҳо ба фронт рафта, дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок доштанд ва қаҳрамонӣ нишон дода буданд, ба ёд оварда, ситоиш намудааст. Махсусан кору рафтори хоҳарони шафқатро, ки дар майдони набард садҳо ҷанговарони маҷрӯҳро аз марг наҷот дода буданд, бо камоли маҳорат дар шеъри мазкур тасвир намудааст. Агар бо суханони шоир гӯем, ҳамшираҳои шафқат «дар таги борони тирҳо аз садои тӯпи фашистони беҳаё» наҳаросида ба ҷисми ҷанговарон ҷон мебахшиданд. Барои ҳамин қаҳрамони лирикӣ аз номи ҳазорҳо-ҳазор ҷанговарони шифоёфта хоҳарони шафқатро « ҷон Шумо» мегӯяд:

Бар рӯи тирхӯрда даме ки назар кунед,
Ҳуши зи сар паридаи ӯро ба сар кунед,
Уммеди зиндагӣ ба дилаш шӯълавар кунед,
Гӯё ба ҷисми мурда ҳаёт аз дигар кунед,
Беҳуда нест ин ки бигӯянд: «Ҷон Шумо!».

Ғазали «Ҳаргиз» эҷоди ҳамин давраи шоир буда, бисёр самимӣ ва бо як хиссиёти баланд суруда шудааст. Барои шоир вожаҳои Ватан, Халқ ва Модар басо азизу мӯътабаранд. Оре, касе, ки Ватанашро дӯст намедорад, бегумон Модару халқашро низ дӯст намедорад. Ин калимаҳо барои ҳар як фард муқаддасанд ва бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Шоир таъкид менамояд, ки барои Ватан, Халқ ва Модар агар ҷон лозим бошад, мо бояд ҳаргиз «не», нагӯем. Ана ҳамин мазмун бо тавсифҳои шоирона дар ғазали «Ҳаргиз» ифода ёфтааст, ки салосату балоғат ва ҷанбаҳои драматикии асарро бисёр қавӣ гардондааст:

Ту зинда бош Ватан–хонаи умеди халқ,
Ки бе ту нест дилу ҷон шодмон ҳаргиз!
Чӣ медиҳӣ ба Ватан?! Ҳар касе, ки пурсидам,
Ҷавоб дод: «Надорам дареғ ҷон ҳаргиз!»
Миёни халқу Ватан сахт аҳду паймон аст,
Набуду нест ҷудоӣ дар ин миён ҳаргиз!
Намекунем фаромӯш то Ҷаҳон боқист,
Тамоми ин ҳама кирдори хоинон ҳаргиз!

Асари калонтарине, ки устод дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ иншо кардааст, «Писари Ватан» мебошад. Мавзӯи асосии достон талошу муборизаҳои фарзандони тоҷик дар Ҷанги Бузурги Ватанист. Қаҳрамонони асар барои ҳаёти осоишта мубориза бурданд. Шоир дар симои нақшҳои асосии достон Қодир, Микола, Саодату Марина қаҳрамонию далерӣ ва фидокорию ҷоннисории ҷанговарони содиқи Ватанро нишон додааст. Инчунин шоир ба воситаи амалиёти Қодиру Микола таъкид менамояд, ки дӯстии халқҳо муваффақият ва ғалабаи моро таъмин кард. Достон асосан асари эпикист. Майдони ҷанг, ҳарбу зарб, корнамоиҳои бемисли ҷанговарон рукни асосии достон мебошанд. Вале дар асар лаҳзаҳои лирикӣ кам нестанд. Адиб дар асари худ ишқу муҳаббати Қодиру Саодат ва Миколаю Маринаро низ тасвир намудааст.

Аз мутолиаи достон хонанда хеле хуб эҳсос мекунад, ки адиб хеле пеш рафтааст. Ин пешравӣ ҳам дар ҳаллу фасли мавзӯъҳои асосӣ ва ҳам дар забону тарзи баён ба назар мерасад. Сабки нигориш ва баёни воқеот пай дар пай мушаххас буда, барои ифодаи фикр аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ва санъатҳои бадеӣ устокорона, мӯҷазу бамаврид истифода мебарад. Шоир барои мардумро алайҳи душман ба по, ба мубориза хезондан роҳу воситаҳои мухталиф, усулҳои гуногуни адабиро истифода бурдааст. Масалан, ба воситаи санъати саволу ҷавоб, нидои риторикона ва ташхисонидани ашёи беҷон–хок, мавҷи дарё, замину осмон ва ғайра пиру барноро ба мубориза ба муқобили фашизм даъват менамояд:

Ба одам гуфт хоки кишвари бахт,
Ки: «Гар ту дӯст медорӣ маро сахт,
Агар хоҳӣ, ки бо ман зинда бошӣ,
Ҷавонбахту чу гул дар ханда бошӣ,

Силохи чанг бар каф гиру бархез!
Бидон инро фақат тадбиру бархез!
Ба одам гуфт мавчи оби дарё,
Ки: «Эй дар меҳнатӣ аз ман ту боло.
Агар ки ту нахоҳӣ ташна монӣ,
Замин хушконию худ гушна монӣ,
Силохи чанг бар каф гиру бархез!
Бидон инро фақат тадбиру бархез!»

Такрор шудани байт фикру андешаи шоирро қувват дода, аз тарафи дигар, ташбеҳу тавсиф, истиораю маҷозҳои шоирона ҳусни асарро афзун гардондаанд, ки чунин тасвирҳо дар достон хеле зиёданд ва хонанда аз онҳо як ҷаҳон лаззат мебарад.

Чунон ки дар боло ишорат рафт, шоир ҳангоми эҷоди достони хеш дар тасвири ҳолатҳои рӯҳӣ ва ҷаҳони ботинии қаҳрамонҳои асараш аз достонҳои Низомии Ганҷавӣ баҳра бардоштааст. Масалан, дар тавсифи Раъно чунин мегӯяд:

Ду рухсораш зи лола сурхтар буд,
Лаби ёқут лабрези шакар буд.
Ду гесӯяш мисоли хирмани гул,
Хабар додӣ зи рангу бӯи сунбул.
Ба соли шонздаҳ синнаш расида,
Вале субҳи умедаш нодамида.
Агарчи гул барин рухсори он буд,
Вале олудаи гарди хазон буд.

Мирзо Турсунзода бидуни ин дар тӯли чандин сол эҷодиёти даҳанакии халқро ҳамроҳи нависанда Алихуш ва шарқшиноси рус А. Н. Болдирев ҷамъ намуда, соли 1939 бо номи «Фолклори тоҷик» маҷмӯаи эҷодиёти даҳанакии халқро аз чоп баровараданд. Дар он беҳтарин чакидаҳои мардумӣ-рубоию дубайтӣ, суруду тарона, бадеҳаю ғазал ва дигар асарҳои халқӣ гирд оварда шуда буданд. Омӯзиш ва ҳифз намудани намунаҳои беҳтарини эҷодиёти шифоҳӣ ба шоир илҳом бахшид, гуфторашро содаю шево гардонид, ки ин тағйиротро дар асарҳои минбаъдаи Мирзо Турсунзода ба хубӣ мушоҳида карда метавонем.

Устод Мирзо Турсунзода то лаҳзаҳои охири рӯзгораш қаламро ба замин нагузошт, асарҳои ҷовидона офарид. Махсусан лирикаи устод дар ҳадди салосату балоғат буда, дунёи ботинии инсонро бисёр зебою рангин, шоирона ба қалам додааст, ки дар поён дар ин мавзӯъ алоҳида меистем. Аз байни асарҳои калонҳаҷми устод достони «Чароғи абадӣ» ва «Ҷони ширин»-ро метавон ёд кард. Мирзо Турсунзода баҳори соли 1957 достони «Чароғи абадӣ»-ро навишта ба охир расонд, ки он ба устод Айнӣ бахшида шудааст. Соли 1953 ҷашни 75-солагии устод Айнӣ баргузор гардид ва ба ин муносибат М. Турсунзода чунин гуфта буд: «Дар зиндагӣ хеле кам воқеъ мегардад, ки тарҷумаи ҳоли як одам бо тарҷумаи ҳоли халқи ӯ мувофиқ ояд. Ҳаёти Айнӣ рамзи роҳи тайкардаи халқи мо шудааст». Воқеан сухани адиб ҳақиқат аст ва рӯзгори дардомезу талхи устод Айнӣ саргузашту сарнавиш-

ти таърихи халқи тоҷик низ мебошад.

С. Айнӣ дар достон на танҳо як адиби мумтоз, шахси мубориз, балки фарзанди бовафою содиқи Шарқ тасвир ёфтааст. М. Турсунзода ҳамеша, дар ҳар як ҷамъомад муқаддимаи суханашро ба устод мебахшид. Ӯ дар хусуси таъсири сухани устод доир ба бедории миллию сиёсии одамон, зинда гардониддани таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик, намояндагони пешқадами он, бо забони содаю оммафаҳм эҷод гардидани асарҳои адибон бо меҳру муҳаббати бепоён ҳарф мезад. Ин ақидаҳои неки шоир дар достони «Чароғи абадӣ» ба таври боварибахш ба қалам дода шудаанд.

Шоир қисми якуми достонро ба тавлиди фарзанд ва интизории худаш бахшидааст.

Ӯ дар мавриди интизорӣ тангдил гашта, беист қадам мезанад, мешинаду мехезад ва дар хусуси қисмати бади саргузашти Айнӣ, қисмати таърихи халқаш фикру мулоҳиза меронад.

Инак, насли нав ба дунё омад. Акнун нангу номуси халқу миллат ба зиммаи ӯст. Воқеаҳо дар тӯли як шабонарӯз рӯй дода бошанд ҳам, тафаккуру ҳиссиёти қаҳрамони лирикӣ ду давраи таърихиро бо ҳам мепайвандад. Воқеаҳо пайи ҳам мураккаб шудан мегиранд, ки мазмуни фалсафии достонро пурқувват гардонидааст.

Дар қисми аввали достон шоир тифли навзодашро интизор аст. Ӯ ба дунё меояд. Адиб аз ин шоду масрур аст. Зеро фарзанд давоми умр–номгузору номбардори миллат аст. Шоир умед дорад, ки рӯзе мерасад, ки ин тифл бузург мешаваду мисли устод Айнӣ фарзанди азизи халқ, фарзанди Осиёи бовафо мегардад:

Садое, ки ба ҳар як тифл хос аст,
Ба модар з-аввалин соат шинос аст.
Ба модар нури чашмон аст фарзанд,
Даванда реша дар ҷон аст фарзанд.
Сано гуфтам ба занҳое, ки имрӯз
Ба кори мамлакат ҳастанд дилсӯз,
Ту ҳам фарзанди Шарқӣ, Осиёӣ,
Валекин Осиёи пурсафоӣ...
Мулоқоти наве бо пирамарде,
Адиби озмуда ҳар набарде.
Кӯҳансоле, ки дида ду замонро,
Ғаму андӯҳу шодии ҷаҳонро.
Кӯҳансоле, ки донад Осиёро,
Ба гӯшояндаи аз ҳар дил садоро.

«Чароғи абадӣ» чароғи шӯълабори Айнӣ, чароғи абадияти ӯст, ки ба асарҳои бузургаш дилу дидаи халқро бедор, рӯҳи ӯро зинда гардонидааст ва мардумро барои аз худ намудани илму дониш, ба сӯи ҳақиқат, адолат, ростгӯию ҷавонмардӣ ҳидоят месозад. Шоир достонро бо мисраъҳои зерин анҷом додааст:

Муяссар шуд маро дар як саҳаргоҳ,
Ки бинам рӯи ду инсони дилхоҳ.

Яке фарзанди ман, навзоди ман буд,
Дигар панди ману устоди ман буд.

Дар достони «Ҷони ширин» бисёр масъалаи муҳими замон–дӯстию ҳамраъйии халқҳо, сулҳу салоҳ, зан ва мақоми вай дар ҷомеа, рӯзгори бофароғати халқи тоҷик, урфу одат, анъанаи миллии тоҷикон пайгирона, шоирона бо сабку услуби хос тарҳрезӣ шудаанд. Шоир бо камоли ифтихор дар бораи Ватан сухан мегӯяд. Хонандаро ба худшиносӣ ҳидоят менамояд. Қаҳрамони лирикӣ аз он шод аст, ки ними умраш дар сафар бигзашт. Ин сафарҳо ба хотири сулҳу салоҳи байни халқҳои Сайёра аст. Умраш зоеъ нагузаштааст. Ӯ мунодии сулҳ мебошад. Шоир аз ин ифтихор дорад ва мақсади зиндагиашро дар ҳамин медонад.

## МАВЗӮИ ШАРҚИ ХОРИҶӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ М. ТУРСУНЗОДА

Мирзо Турсунзода аслан пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчун шоир, ҳамчун сиёсатмадор рушду камол ёфта, дар арсаи байналхалқӣ шӯҳратёр гардид. Каломи сеҳрофаринаш чун уқобони кӯҳӣ ба аксои олам, ба ду китъаи азияткашида, ранҷу озордида – Осиё ва Африка баланд парвоз кард. Мардуми ин ду қитъаи бузург дар зери шиканҷа, дар ниҳояти хорию зорӣ, дар зери зулми истисморгарони англису америкоӣ ва дигар давлатҳои тавонои Европа рӯзгори талху сангин доштанд. Ҳаман ин даҳшату ваҳшонияти мардуми оддиро шоири мубориз бо чашми худ дид ва бо қалби пуршӯраш эҳсос намуд ва садояшро баланд намуд.

Барои эҳё шудани чунин шоҳасарҳо: силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» (1947), «Ман аз Шарқи Озод» (1950), «Садои Осиё» (1955), «Хоҳари мушфиқ, Африко», «Ҷони ширин» (1959) ва ғайра нахуст истеъдоди табиӣ, дуюм омӯзиши амиқи адабиёти шифоҳӣ ва классикӣ, сеюм сафарҳои мунтазами Мирзо Турсунзода ба кишварҳои Осиёю Африка ва Европа ва омӯзиши ҳаёти халқи мазлуми ин кишварҳо мусоидат кард. Рукни асосӣ ё мавзӯи асосии ин асарҳо инъикоси ҳаёти мардуми хориҷа аст. Аммо дар ҳар як достонаш шоир аз рӯзгори гуворою бахти баланди халқи кишвараш ёд мекунад ва дар муқоиса зиндагӣ ва шукӯҳу шаҳомат ва саодатмандии халқу диёри азизашро шоирона, реалистона ба қалам додааст.

Ҳамин тавр, мавзӯи Шарқи хориҷӣ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода мақоми босазо дорад. Мувофиқи соли эҷодашон дар поён баъзеи онҳоро таҳлил карда мебароем.

## СИЛСИЛАИ ШЕЪРҲОИ «ҚИССАИ ҲИНДУСТОН» ВА «МАН АЗ ШАРҚИ ОЗОД»

**Мазмун ва мундариҷаи идеявии шеърҳои ин силсила**

Устод Турсунзода солҳои тӯлонӣ раиси Комитети сулҳи мамлакатҳои Осиё ва Африка буд. Ва чунон ки худаш мегӯяд «ними умрам дар сафар бигзашт».

Барои устод одат шуда буд, ки пас аз хар як сафараш барои хонандагон асаре офарад. Дар онҳо ҳаёту зиндагии мардуми хориҷаро аз нигоҳи файласуфона, аз диди шоирона таҷассум менамуд. Устод дар баромад ва мақолаҳои илмии худ баъзан сабаби иншо гардидани достонҳо ё шеърҳои алоҳидаашро қайд карда гузаштааст. Масалан, дар бораи тавлид шудани шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» чунин нигоштае дорад:

«Ҳиндустон чун мамлакати афсонавӣ ва дорои тамаддуни бойи инсонӣ аз айёми кӯдакӣ диққати маро ба худ мекашид ва маро ба ҳаяҷон меовард. Дар бораи вай ман наклу ривоятҳо мешунидам, китобҳо мехондам ва шеърҳои шоирони шаҳирашро аз ёд медонистам. Соли 1947 ман дар ҳайати нависандагони Шӯравӣ ба Ҳиндустон сафар кардам ва ин кишварро бо чашмони худ дидам. Ман дидам, ки ин кишвари қадимӣ бо манзараҳои дилфиреб ва ёдгориҳои беамсолаш басо дилрабост, аммо халқи ҷафодида ва аз тарафи империалистон таҳқиршудае дар он зиндагӣ ба сар мебарад. Ҳиндустон бо тамоми зиддиятҳояш дар пеши чашмонам ҷилвагар шуд ва дар дилу дидаи ман ба таври абадӣ нақши худро гузошт. Ҳамин зиддиятҳои Ҳиндустонро ман барои достони худ мазмуни асосӣ интихоб намудам. Ҳаёти халқи Ҳинд ва орзую омоли вай барои озодӣ ва ҳаёти саодатмандона маро водор намуданд, ки дар бораи ин сарзамин достоне эҷод намоям».

Агар суханони устодро бо диққат мутолиа кунем, бароямон чанд масъала равшан мегардад. Нахуст сабаби навиштани шеърҳои ин силсила ва дуюм мавзӯъ ва мундариҷаи идеявии ин шеърҳо аз номи худи муаллиф ёдрас шуданд, ки бароямон хеле муҳиманд.

Мирзо Турсунзода пас аз бозгашт шеърҳои ин силсиларо дар байни солҳои 1947–1949 эҷод намуд, ки аз 13 шеъри хурду калон иборат мебошанд. Шеърҳои силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» – «Бозгашт», «Қиссаи Ҳиндустон», «Меҳмони мағрибӣ», «Рӯди Ганг», «Боғи муаллақ», «Тара Чандрӣ», «Дар ёди кас», «Сайёҳи Ҳинд», «Тоҷмаҳал», «Дар орзуи ошён», «Қадаҳи ман», «Кулоҳи профессор Ахвледианӣ» ва «Ду роҳ» ба шумор мераванд. Шеърҳои фавқ устухонбандии ба худ хос доранд. Дар байни онҳо ҳам аз нигоҳи мазмун ва ҳам аз нигоҳи мавзӯъ пайванди ногусастанӣ ба назар мерасад. Шеъри «Бозгашт» на оғоз, балки хотимаи асар ё хулосаи шоир аст. Адиб пас аз хама диданҳо, шуниданҳо ва тасвири онҳо дар сарзамини Ҳиндустон ба сӯи Ватан роҳ пеш мегирад, парвоз мекунад. Ӯ аз дидани Ватану халқи азизаш шоду масрур аст, меболад, ифтихор дорад. Ба ин восита қаҳрамони лирикӣ ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хешро ба қалам додааст. Ин танҳо як тарафи масъала. Муҳимаш боз он аст, ки шоир ғаму дарди халқҳои Ҳиндую Урдуро мехӯрад, торочгашта, азиятдида мардуми кашшоқро пеши назар меорад:

Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре,
Дар назар меоварам торочгашта кишваре.

Аз ҳамин нигоҳ ҷанбаи гуманистии шеър волост ва шоҳбайти Саъдии Шерозӣ «Банӣ одам аъзои якдигаранд»-ро ба хотир меорад. Вале шоир дар анҷоми «Бозгашт» бо камоли боварӣ таъкид менамояд, ки садои ӯ, сурул-

хои эчодкардааш ба гўши мардуми сарсахту бадбахти кишвари Ҳинд мерасанд. Онҳоро ба мубориза барои озодӣ ба по мехезонанд. Шоир бо нидои риторикона ба сурудаш мурочиат намуда мегўяд:

Халки хиндуи ситамкашро расон аз мо салом,
Эй суруди ман, агар лорӣ ту ҳам болу паре,
Ман аминам, мерасад хар як садои мо ба ў,
Ҳар як овози пур аз меҳру вафои мо ба ў.

Вокаен, садои дили шоири мубориз – Мирзо Турсунзода ба дили мардуми ин сарзамин роҳ ёфт. Шеърхои силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» ханўз дар хамон солхо ба забони хинду, урду ва англисӣ тарчума шуда буданд ва халкхои ин сарзамин мутолиа намуда, аз максаду мароми шоир воқиф гардиданд ва барои озодию истиқлоли хеш ба мубориза бархостанд.

Шеъри нахустини ин силсила «Қиссаи Ҳиндустон» ном дорад. Адиб дар он сарзамини Ҳиндустони афсонавиро бо тамоми шукўҳу шаҳомат, бойгарию сарват, расму оини куханаш ситоиш намудааст. Дар баробари ин ҳаёти пурмашаққат, бахусус рўзгори токатфарсои 60 миллион кастаи нафратзадагони Ҳиндустонро шоир бисёр табиӣ, воқеъбинона ва шоирона ба калам додааст. Адиб дар анчоми шеър бо сад дарду алам таъкид кардааст:

Бидидам дар паси кўхи Ҳимолой,
Замини сабзу зархезе саропой.
Агарчи ганчхояш пурбиҳоянд,
Валекин мардумони он гадоянд.

Ба андешаи шоир яке аз сабабхои ин бадбахтии мардуми кишвар хиёнаткорони хамин диёр ва рўбоҳмизочонанд, ки халқу кишвари хешро бо «дастгирию кўмакашон» ба вартаи халокат расонданд:

Баровд бо табассум гар зи хиргох.
Хиёнаткори чамъият чу рўбох,
Бирав халки ситамкашро хабар кун,
«Махав омад, махав омад, хазар кун!».

Акнун Мирзо Турсунзода дар шеъри дуюми ин силсила, ки «Меҳмони мағрибӣ» ном дорад, омадани лордхои англис ва зулму истисмори онхоро ба қалам додааст:

Омаду бар гардани хинду нишаст,
Ҳар чӣ ки мехост, гирифт ў ба даст.
Пўсти рўбоҳу палангон гирифт,
Ҳосили бечораи деҳқон гирифт
Пахтаю абрешиму гандум гирифт,
Нони дахони хама мардум гирифт.
Шираи ин бойзаминро кашид,
Хуни дили халки гадоро макид
Ҳукми вай имрўз агарчи равост,
Пояи ин ҳукм, вале бебақост!

Адиб ба мақсади муайян дар анчоми хар як банди «Меҳмони мағрибӣ» байти охирро такрор кардааст, ки ин албатта, ногузирии шикасти мустам-